# ТАВҲИД

***Барои омӯзиши наврасон ва навомӯзони улуми исломӣ***

*Навиштаи доктор*
**Абдулазизи Муҳаммад оли Абдуллатиф**

Номи китоб: ***Тавҳид барои наврасон ва навомӯзон***
Таълифи: ***Доктор АБДУЛАЗИЗИ ОЛИ АБДУЛЛАТИФ***

Аз арабӣ тарҷумаи: ***Абдуҳалим ОРИФӢ***
Таҳрири матни тоҷикӣ: ***Қиёмуддин САТТОРЗОДА***

# ТАВЗЕҲОТИ УМУМӢ

Ҳамду сано Худованди ҷаҳониёнро, дуруду салом бар бузургтарини паёмбарон ҳазрати Муҳаммад (с) ва бар хонадон ва ёрони ӯ.

Аммо баъд: Ин китоб дарбаргирандаи фанни тавҳид буда, барои шогирдони мадориси ибтидоӣ муқаррар шудааст. Дар он муҳимтарин мавзӯъҳои тавҳид бо услуби кутоҳ ва равшан баён гардидааст. Китоби мазкур муҳимтарин масоили тавҳидро фаро гирифта, дорои фавоиди гаронбаҳои тарбиявӣ ва ахлоқист.

Ин ҷо сараввал мехоҳам баъзе дастурот ва ишороти муҳиме барои омузгори ин китоб арз намоям:

1. – Омузгор муваззаф аст, ки шогирдонашро ҳамеша аз сари сидқу ихлос дарс бидиҳад.

2. – Бояд, ки ӯ бо услуби зебои дарсдиҳӣ барои шогирдони худ дарси тавҳидро як фанни зинда ва таъсирбахш бигардонад, то асараш дар сулуку ахлоқи онҳо мушоҳада карда шавад.

3. – Амонати бузургеро, ки бар дӯши ӯ барои тарбияи насли наврас гузошта шуда, эҳсос намояд.

4. – Мазмуни ҳадиси паёмбарро,ки "беҳтарини шумо касест, ки ба мардум илми нек биёмузад"-ро ҳамеша дар хотираш дошта бошад ва хусусан фазилати фанни тавҳидро, ки беҳтарин илмҳост, фаромӯш накунад.

5. – Барои осон ва маҳбуб сохтани фанни тавҳид аз ҷумлаҳои фаҳмо ва мисолҳову қиссаҳои дилкаш истифода намояд.

6. – Бояд худи муъаллим дар сулуку рафтораш барои толибон намуна ва мисоли хубе бошад.

Дар поён аз Худованд масалат менамоям, то дар амал ва саъйи хидматгузорони дини Ислом баракат ато фармояд ва ҳамаи моро пайрави ҳақ ва некхоҳи Ислом бигардонад ва дуруди фаровон бар рӯҳи поки пайғамбарамон Муҳаммад(с) ва хонадони ӯ бод.

## Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим
# ТАВҲИД БАРОИ СИНФИ АВВАЛ

– Нест Худое ғайр аз Аллоҳ таъоло ва Муҳаммад(с) фиристодаи ӯст.

– Ман фақат Парвардигорамро парастиш менамоям.

– Ман фақат Парвардигорамро дуст медорам.

– Парвардигори ман аллоҳ аст.

1. Савол.-Парвардигори ту кист?

Ҷавоб. – Парвардигори ман Аллоҳ аст.

С. – Кӣ туро офаридааст?

Ч. – Маро ва ҳамаи мардумро Аллоҳ таъоло офаридааст.

С. – Шабу рӯз ва офтобу моҳтобро кӣ офаридааст?

Ҷ. – Шабу рӯз ва офтобу моҳтобро Аллоҳ таъоло офаридааст.

С. – Ин заминеро, ки болои он сайру гашт менамем, кӣ офаридааст?

Ҷ. – Онро Аллоҳ таъоло офаридааст.

С. – Баҳрҳо ва дарёҳоро кӣ офарида ва ҷорӣ сохтааст?

Ҷ. – Худованд аст офаранда ва ҷорисозандаи баҳрҳо ва дарёҳо.

С. – Аз осмон кӣ боронро фурӯ мефиристад?

Ҷ. – Аллоҳ таъоло.

С. – Кӣ дарахтҳоро офарида ва аз онҳо бароямон мева медиҳад?

Ҷ. – Худованд тамоми дарахтонро офарида ва аз онҳо бароямон мева медиҳад.

– Ман фақат Худовандро мепарастам.

– Ман фақат Худовандро дуст медорам.

– Худованд инсониятро барои ибодат ва парастиш офаридааст.

– Парастидани Худованд ва итоъат карданаш бар ҳамаи мардум воҷиб ва зарур мебошад.

С. – Дини ту чист?

Ҷ. – Дини ман Ислом аст?

С. – Ислом чист?

Ҷ.– Ислом – эътиқод ба ягонагии Худованд ва итоъат намудан ба фармонҳои ӯ мебошад.

С – Асос ва пояи Ислом чист?

Ҷ – Асоси Ислом гувоҳӣ додан ба ин аст, ки” нест Худое ҷуз Аллоҳ таъоло ва Муҳаммад (с) банда ва фиристодаи (пайғамбари) ӯст”.

С – Чаро вақти шунидани азон ҳамаи мо барои анҷом додани намоз тайёр мешавем?

Ҷ – Зеро ки намоз рукне аз аркони Ислом буда, инсон вақте мусалмон ҳисобида мешавад, ки намозро адо кунад.

С – Паёмбаре, ки Худованд ӯро ба сӯямон фиристода, кист?

Ҷ – Ҳазрати Муҳаммад(с) мебошад, ки Худованд ӯро ба сӯи мо фиристодааст?

С – Чаро Худованд Муҳаммад (с) ро ба суи ҳамаи мардум фиристодааст?

Ҷ – Худованд он ҳазрат (с) ро ба суи ҳамаи мардум фиристода, то Исломро барояшон таълим бидиҳад!

С – Ҳазрати Муҳаммад (с) мардумро ба чӣ даъват менамуд?

Ҷ – Он ҳазрат(с) мардумро ба парастидани Худованди якто даъват карда, аз парастиши ғайри Худо манъ менамуданд.

***Машқ ва супоришҳо:***

Муъаллими мӯҳтарам бояд аз тамринот ва супоришҳои зайл тайравӣ кунад:

1. Навиштани ҷумлаи **"ло илоҳа иллаллоҳ"**-ро бо хати арабӣ ба шогирдонаш супориш дода, риъоя кардани қавоъиди имлоро барояшон таъкид намояд, то онҳо ба навиштани ин гуна ҷумлаҳо одат бикунанд.

2. Ҳамроҳи шогирдонаш матни дарсҳоро такрор намояд, то азёд намудани дарс барои онҳо осон гардад.

***Огоҳӣ:***

Бояд ки муъаллими гиромӣ аз баъзе манзараҳои осмонӣ ва заминӣ: чун ситораҳо, дарахтҳо ва дарёҳо барои шогирдон мисол биёрад, то таваҷҷуҳи онҳоро ба қудрат ва азамати Худо ҷалб намояд. Инчунин барои дар дили шогирдон ҷой додани муҳаббат ва эҳтироми паёмбарамон Муҳаммад (с) бояд ҳамеша воҷиб ва зарур будани муҳаббат ва пайрав паёмбарро барояшон гӯшзад намояд.

# ТАВҲИД БАРОИ СИНФИ ДУВВУМ

رضيتُ بالله رباً وبالإسلام ديناً
وبمحمد ﷺ رسولاً ونبياً

Рубубияти Худованд ва диёнати Ислом ва рисолати Муҳаммад(с) ро пазируфтаам.

Шинохтани се асл бароямон зарур мебошад:

1. Шинохтани Худованди таъоло.

2. Шинохтани дин.

3. Шинохтани паёмбар.

Асли аввал – шинохтани Худост, ки ба тариқи зайл баён мегардад:

1. Парвардигори ман Аллоҳ таъолост, ки офаранда, молик ва идоракунандаи ҳамаи мавҷудот мебошад. Худованд дар Қуръон фармуда:

﴿ ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَيْءٍ ﴾

**[Худованд офаринандаи тамоми чиз аст.]**("Зумар"62)

2. Парвардигорамро ба воситаи нишонаҳо ва махлуқоташ мешиносам. Худованд мефармояд:

﴿ وَمِنْ ءَايَٰتِهِ ٱلَّيْلُ وَٱلنَّهَارُ وَٱلشَّمْسُ وَٱلْقَمَرُ ﴾

[Ва аз аломатҳои далолаткунанда бар вуҷуди Худо, шаб ва рӯз, офтоб ва моҳтоб мебошад.] ("Фусилат"37)

3. Аллоҳ таъоло маъбуди якто ва бе мислу монанд аст, ки ӯ сазовори ибодат ва парастиш мебошад. Худованд фармуда: **[Эй Мардум! Он зотеро бипарастед, ки шумо ва мардуми пеш аз шумо бударо офарида аст, шояд ки шумо растагор шавед.]**

С. Барои чӣ Худованд туро офаридааст?

Ҷ. Худованд маро барои ибодат ва парастиданаш офарида аст. Чи тавре ки Аллоҳ таъоло фармуда:

﴿وَمَا خَلَقْتُ الْجِنَّ وَالْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

**[Наофаридам инсон ва ҷинро, магар ки ибодат кунанд маро.]** **("Зориёт"56)**

С. Ибодати Худованд чист?

Ч.Ибодати Худованди якто ва беҳамто эътиқод ва итоъат кардани ба Аллоҳ таъоло мебошад.

С. Маънои "**Ло илоҳа иллал-лоҳ**" чист?

Ч. Нест маъбуди барҳақ ғайр аз Худованди пок.

Асли дуввум: шинохтани дин мебошад, ки он иборат аз маълумоти зерин аст?

1. Ислом ин аст, ки Худои ягонаро эътиқод ва итоъат карда, аз мамнуъоти ӯ парҳез намоӣ. Худованд фармуда:

﴿وَمَنْ أَحْسَنُ دِينًا مِّمَّنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ﴾

**[Ва кист некутар дар диндори аз касе, ки барои Худо сар хам намуда ва корҳои накӯ намояд.]** **("Нисо"125)**

2. Ислом динест, ки Худованд онро барои тамоми мадрум баргузида аст. Худованд мефармояд:

﴿وَرَضِيتُ لَكُمُ الْإِسْلَامَ دِينًا﴾

**[Ва Исломро ба унвони дини писандида барои шумо баргузидам.]** **("Моида"3)**

3. Ислом дини эҳсон ва некӣ ва хушбахтиву шодмонист, Аллоҳ таъоло фармуда:

**[Бале ҳар касе, ки сари худро барои Худо хам намуда, дар ҳоле, ки ӯ накукор бошад, пас барои ӯст дар назди Парвардигораш музду подош ва нест тарсе барояшон ва эшон андуҳгин намешаванд.]** **("Бақара"112)**

С. Асосҳои Ислом чанд аст ва кадомҳост?

Ч. Асосҳои Ислом панҷ аст:

1. Гувоҳӣ додан ба ин ки: **"Нест Аллоҳе ғайр аз Худованди бузург ва Муҳаммад(с) паёмбари Худост".**

2. Гузоридани панҷ вақт намоз.

3 . Додани закот.

4. Рӯза гирифтан дар моҳи Рамазон.

5 . Зиёрати хонаи Худо, агар тавоноӣ дошта бошад.

Асли саввум: Шинохтани паёмбар(с) аст, ки он ба таври зерин арз мегардад:

1. Паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад писари Абдуллоҳ(с) мебошад.

2. Худованд паёмбарамон Муҳаммад(с) ро ба сӯи ҳамаи мардум фиристода, то барояшон Исломро бифаҳмонад.

3. Итоъат ва фармонбардории ман аз паёмарамон воҷиб ва лозим мебошад. Худованд мефармояд: **[Ҳар чиро, ки паёмбар бароятон фармон бидиҳад, аз он пайравӣ намоед ва аз ҳар чизе, ки шуморо манъ кунад, пас бозистед аз он.] ("Ҳашр"7)**

***Тамрин ва супориш:*** Бояд муъаллими гиромӣ ба шогирдон супориш диҳад:

– Дарсро бо далелҳояш азёд намоянд.

– Навиштани сархати дарсро тамрин ва машқ намоянд.

Инчунин муъаллим гиромӣ бояд баъзе падидаҳои осмонӣ ва заминиро, ки бар рубубияти Аллоҳ таъоло далолат менамояд, барои шогирдонаш бозгӯ намояд.

– Бояд ӯ ҳамеша дар зеҳни шогирдон ин нуктаро ҷой бидиҳад, ки онҳо барои ғояи бузург, ки ибодат кардани Худост, офарида шудаанд.

– Ҳамчунин барои шогирдон дар сояи қавонини Ислом некбахтона зистанро баён карда, онҳоро бар асоси муҳаббат ва дӯстддории паёмбар (с) тарбия намояд.

# ТАВҲИД БАРОИ СИНФИ САВВУМ

Ақидаи исломии мо бар се асл устувор аст:

1. Шинохтани Парвардигорамон.
2. Шинохтани динамон.
3. Шинохтани паёмбарамон.

***Асли аввал:***

1. Парвардигорамон Аллоҳ таъоло буда, ки ӯ холиқи осмонҳо ва замин аст:

﴿إِنَّ رَبَّكُمُ ٱللَّهُ ٱلَّذِي خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ﴾

**[Ҳамоно Парвардигори шумо алоҳест, ки осмонҳо ва заминро офарид.]** **("Аъроф"54)**

2. Парвардигорамон Аллоҳест, ки инсонро офарида, сураташро зебо гардонидааст:

﴿لَقَدْ خَلَقْنَا ٱلْإِنسَٰنَ فِيٓ أَحْسَنِ تَقْوِيمٍ﴾

**[Ҳақиқатан мо инсонро дар беҳтарин шакл ва сурат офаридем.]** **("Тин"4)**

3. Парвардигори мо Худовандест, ки тамоми корҳоро тадбир ва идора менамояд:

﴿يُدَبِّرُ ٱلْأَمْرَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ إِلَى ٱلْأَرْضِ﴾

**[Худованд тамоми корро аз осмон то замин тадбир мекунад.]** **("Сачда"5)**

4. Худованд инсон ва ҷиннро барои ибодат ва парастиш карданаш офаридааст:

﴿وَمَا خَلَقْتُ ٱلْجِنَّ وَٱلْإِنسَ إِلَّا لِيَعْبُدُونِ﴾

**[Наофаридам инсон ва ҷинннро магар барои ибодат кардани ман.]** **("Зориёт"56)**

5. Худованд моро амр намуда, то ба бутҳо кофир шуда, фақат ба Аллоҳ таъоло имон биёрем:

﴿فَمَن يَكْفُرْ بِٱلطَّـٰغُوتِ وَيُؤْمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسْتَمْسَكَ بِٱلْعُرْوَةِ ٱلْوُثْقَىٰ﴾

**[Ҳар касе, ки ба бут кофир шуда ва ба Худо имон меорад, дар ҳақиқат ӯ ба урватул-вусқо чанг зада аст.]** **("Бақара"256)**

6 – Урватул – вусқо ин ҳамон "**Ло илоҳа илаллоҳ**" буда, маънояш нест маъбуди барҳақ ҷуз аллоҳи пок, мебошад.

***Асли дуввум*** – Шинохтани динамон аст, ки он Ислом мебошад:

1. Дини мо ислом буда, Худованд аз банда ғайр аз ислом ҳеҷ дини дигарро намепазирад:

﴿وَمَن يَبْتَغِ غَيْرَ ٱلْإِسْلَـٰمِ دِينًا فَلَن يُقْبَلَ مِنْهُ﴾

**[Ҳар касе талаб кунад ғайри ислом дини дигарро, пас ҳаргиз аз ӯ қабул карда намешавад ва ӯ дар охират аз ҷумлаи зиёнкорон аст.]** **("Оли Имрон"85)**

2. Дини Ислом се мартаба ва мақом дорад: Ислом, Имон, Иҳсон.

3. Ислом ин аст ки барои итоъати Худованди якто гардан ниҳода, аз тамоми анвоъи ширк дурӣ биҷуӣ.

4. Имон ин аст ки ба Худову фариштагонаш ва ба китобҳову паёмбаронаш ва ба рӯзи қиёмат ва тақдири некӣ ва бадӣ бовар намоӣ.

5. Иҳсон ин аст, ки Худоро ба гунае ибодат кунӣ, ки ӯро мебинӣ ва агар бо ин мақом нарасидӣ, пас яқин дошта бошӣ ки ӯ туро мебинад.

***Асли саввум*** – Шинохтани паёмбарамон Муҳаммад(с) мебошад, ки он ба тариқи зайл арз мешавад.

1. Паёмбарамон Муҳаммад (с) писари Абдуллоҳ, Абдуллоҳ писари Абдулмуталиби Ҳошимӣ ва Қурайшӣ мебошад. Ӯ охирин ва беҳтарини паёмбарон ба шумор меравад.

2. Паёмбарамон(с) дини исломро ба мо расонда, моро ба корҳои нек амр намуда ва аз корҳои бад боздоштааст.

﴿لَّقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ ٱللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ﴾

3. Пайравии он ҷаноб (с)бар души мо воҷиб мебошад:

**[Ҳароина барои шумо шахсияти паёмбар(с) намуна ва пешвои хубе ҳаст].** ("Аҳзоб"21)

4. Воҷиб аст бар мо, ки муҳаббати ҷаноби паёмбарро аз муҳаббати падару модар ва дигар ашхос муқаддам шуморем. Паёмбар(с) дар яке аз суханҳояш фармуда:

«لا يؤمن أحدكم حتى أكون أحبّ إليه من والده وولده والناس أجمعين»

**"Имони ҳеҷ касе аз шумо комил намегардад, то ин ки ман дар назди ӯ аз падару модар ва фарзандаш ва ҳамаи мардум маҳбубтар бошам."** (Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.)

Мақсад аз муҳаббат ва дӯстдории паёмбар, пайравӣ ва итоъат кардан ба он ҷаноб мебошад.

***Машқ ва супоришҳо:***

– Бояд ки аз толиб ва донишҷӯ дарсҳоро бо тамоми далелҳояш азёд пурсида шавад.

– Аз толиб ва шогирд баъзе саволҳои муносиб ба мавзӯъи дарс пурсида шавад.

– Шогирдонро ба навиштани баъзе дарсҳо водор карда шавад.

Инчунин муъаллими гиромӣ ба супоришҳои “Тавҳиди синфи дуввум” муроҷиъат намояд.

# ТАВҲИД БАРОИ СИНФИ ЧАҲОРУМ

1. Маънои **Ло илоҳа иллал-лоҳ**… Гувоҳӣ медиҳам ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Худованди пок.

2. Ибодат: ҳар қавлу амалеро, ки Худованд бrepresentation биписандад ва дӯст дорад, ибодат номида мешавад.

3. Ибодат чанд навъ мебошад: монанди дуъо, тарс аз Худо, таваккал кардан, намоз, зикр ва ёди Худо, ба падару модар накӯӣ намудан ва ғайра.

Далели ин ки дуъо ибодат аст, ояти зерин мебошад:

﴿وَقَالَ رَبُّكُمُ ٱدۡعُونِيٓ أَسۡتَجِبۡ إِنَّ ٱلَّذِينَ يَسۡتَكۡبِرُونَ
عَنۡ عِبَادَتِي سَيَدۡخُلُونَ جَهَنَّمَ دَاخِرِينَ﴾

**[ Ва гуфт парваардигори шумо дуъо кунед маро, то қабул кунам дуъои шуморо, ҳароина касоне ки аз ибодати ман саркашӣ мекунанд, зуд аст ки онҳо хору залилона дохили дӯзах мешаванд.]** **("Ғофир"60)**

Далели ин, ки хавфу тарс аз Худо ибодат аст, ояти зайл мебошад:

﴿فَلَا تَخَافُوهُمۡ وَخَافُونِ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ﴾

**[Пас матарсед аз кофирон, агар шумо мӯъмини ҳақиқӣ ҳастед.]** **("Оли Имрон"175)**

Инчунин далели ин ки таваккал ва эътимод намудан бар Худо ибодат аст, ояти карима мебошад:

﴿وَعَلَى ٱللَّهِ فَتَوَكَّلُوٓاْ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ﴾

**[Ва бар Худо таваккал намоед, агар мӯъмин ҳастед.]** **("Моида"23)**

Далели ибодат будани намоз ояти зайл аст:

﴿وَأَقِيمُواْ ٱلصَّلَوٰةَ وَلَا تَكُونُواْ مِنَ ٱلۡمُشۡرِكِينَ﴾

**[Ва барпо доред намозро ва аз мушрикон набошед.]** ("Рум"31)

Ва далели ибодат будани зикри Худо ин ояти карима аст, ки:

﴿يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اذْكُرُوا اللَّهَ ذِكْرًا كَثِيرًا﴾

**[Эй касоне, ки ба Худо имон овардаед, Худоро бисёр зикр (ёд) намоед.]** ("Аҳзоб"41)

Далели ин, ки иҳсону накуӣ кардан ба падару модар ибодат аст, ин гуфтаи Худост:

﴿وَوَصَّيْنَا الْإِنْسَانَ بِوَالِدَيْهِ إِحْسَانًا﴾

**[Ва васият кардем мо инсонро, ки ба падару модараш накуӣ кунад.]** ("Аҳқоф"15)

4. Анҷом додани тамоми анвоъи ибодатҳои мазкура (дуъо, зикр, таваккал, ва ғайра) фақат барои Худованди якто мебошад, бино бар ин агар касе яке аз ин амалҳои мазкурро барои ғайри Худо анҷом бидиҳад, шахси мазкур кофир мегардад. Худованд мефармояд:

﴿وَمَنْ يَدْعُ مَعَ اللَّهِ إِلَٰهًا آخَرَ لَا بُرْهَانَ لَهُ بِهِ فَإِنَّمَا حِسَابُهُ عِنْدَ رَبِّهِ ۚ إِنَّهُ لَا يُفْلِحُ الْكَافِرُونَ﴾

**[Ва ҳаркӣ бихонад ҳамроҳи Худо маъбуди дигарро, ки ҳеҷ ҳуҷҷате барои маъбудияти он надорад, ҳақко, ки ҳисоби ӯ дар назди Парвардигораш аст, ҳароина кофирон растагор намешаванд.]** ("Мӯъминун"117)

5. Худованд инсон ва ҷинро фақат барои ибодати худаш офаридааст, Худованд мефармояд: **[Ва наофаридам ҷинн ва инсонро магар барои ин, ки ибодат кунанд маро.]**

6. – Ҳар касе ки воқиъан Худоро парастиш мекунад, бегумон некбахтӣ, шодмонӣ ва ҳаёти гувороро ба даст

меорад. Аллоҳ тоъоло мефармояд:

﴿مَنْ عَمِلَ صَالِحًا مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤْمِنٌ
فَلَنُحْيِيَنَّهُ حَيَاةً طَيِّبَةً﴾

**[Ҳар касе аз марду зани шумо амали нек намояд дар ҳоле,ки ӯ мӯъмин аст, албатта ӯро зиндагии гуворо мебахшем.]** **("Наҳл"97)**

1. Маънои “**Ашҳаду анна Муҳаммадар расулул-лоҳ**” ин аст, ки гуфтаҳои паёмбар(с)-ро тасдиқ ва итоъат намуда, аз корҳои манъ кардааш парҳез карда, ибодати Худоро тибқи нишондоди он ҳазрат(с) ба ҷо меорам.

2. Номи пайғамбарамон Муҳаммад писари Абдуллоҳ,Абдуллоҳ писари Абдулмуталиб Ҳошимӣ ва Қурайшӣ мебошанд, яъне он ҷаноб(с) аз беҳтарин насаби араб ба шумор меравconfiganд.

3. Худованд ҳазрати Муҳаммад(с) -ро ба сӯи ҳамаи мардум фиристода, итоъаташро бар ҳама фарз гардондааст, Худованд мефармояд:

﴿قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنِّي رَسُولُ اللَّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا﴾

**[Бигӯ паёмбар (Муҳаммад), Эй мардум, ҳамоно ман паёмбари Худо ба сӯи ҳамаи шумо мебошам.]** **("Аъроф"158)**

4. Паёмбари Худо дар шаҳри Макка зиндагӣ карда, мардумро ба сӯи тавҳид (яктопарастӣ) ва ибодати Худованди ягона даъват кардаанд, сипас он ҷаноб(с) ба шаҳри Мадина ҳиҷрат намуда, бақияи аҳкоми исломиро дар он ҷо барои мусалмонон таълим доданд. Ҷаноби паёмбар(с) дар Мадина дар синни шастусесолагӣ вафот намудаанд.

5. Ҳар касе, ки аз фармони паёмбар(с) сар печад, рӯзи қиёмат гирифтори азоби дарднок мешавад Худованди бузург фармуда:

﴿ فَلْيَحْذَرِ ٱلَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِۦٓ أَن تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴾

**[Пас бояд касоне ки хилофи ҳукми паёмбар амал мекунанд,битарсанд ки мабодо ба балои бузург ё азоби дардноки дигар гирифтор шаванд.]** **("Нӯр"63)**

6. Ҳар касе, ки паёмбар(с) ро итоъат кунад, ба саъодат ва комёбии бузург ноил мегардад. Худованд мефармояд:

﴿ وَأَطِيعُوا۟ ٱللَّهَ وَٱلرَّسُولَ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ ﴾

**[Ва аз Худо ва паёмбараш итоъат кунед шояд, ки шумо раҳм карда шавед.]** **("Оли Имрон"132)**

Дар ҷои дигар мефармояд:

﴿ وَإِن تُطِيعُوهُ تَهْتَدُوا۟ ﴾

**[Ва агар аз паёмбар пайравӣ намоед ҳароина ҳидоят хоҳед ёфт.]** **("Нӯр"54)**

***Машқ ва супоришҳо:*** Лозим аст, бар муъаллим, ки мафҳуми васеъи ибодатро барои шогирдон равшан ва фаҳмо созад, то онҳо, гумон накунанд, ки ибодат фақат панҷ вақт намоз гузоридан аст.

– Барои анвоъи ибодат мисолҳои амалӣ биёрад, монанди дуъо, зикр ва ғайра.

– Ҳамеша барои донишҷӯён аҳамияти ибодат ва самараҳои онро бозгӯ намояд, ки он некбахтӣ ва шодмониро ба бор меорад.

– Инчунин бо истифода аз аҳодиси набавӣ муҳаббати паёмбар(с) ро дар дили толибҳояш афзун намояд.

– Ҳамзамон барояшон таъкид кунад, ки саркаши аз гуфтаи паёмбар(с) сабабгори бадбахтӣ ва азоби инсон дар дунё ва охират мегардад.

# ТАВҲИД БАРОИ СИНФИ ПАНҶУМ
## АНВОЪИ ТАВҲИД

Тавҳид ин эътиқод кардан ба ягонагии Худованд дар рубубият, улуҳият ва дар тамоми номҳо ва сифоташ мебошад.

***Тавхид се навъ аст:***

1. Тавҳиди рубубият.
2. Тавҳиди улуҳият.
3. Тавҳиди асмо ва сифот.

1. Тавҳиди рубубият ин аст, ки ту Худоро дар ҳамаи корҳояш яка ва бе шарику ҳамто эътиқод намоӣ, корҳои Худованд чун офаридан, рӯзӣ додан, тадбир ва идораи умур, зинда гардондан, мирондан ва ғайра. Пас нест ҳеҷ холиқе ба ҷуз Аллоҳ таъоло. Чи тавре, ки Худованд фармуда: **[Худованд офаранда ва холиқи ҳама чиз аст.]** **("Зумар"62)**

Ва нест рӯзидиҳанда ғайр аз Аллоҳ таъоло ҳамчуноне, ки ӯ мегӯяд:

﴿وَمَا مِن دَآبَّةٖ فِي ٱلۡأَرۡضِ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ رِزۡقُهَا﴾

**[Ва нест ҳеҷ ҷунбандае дар рӯи замин магар, ки ризқу рӯзии ӯ бар Худованд аст.]** **("Ҳуд"6)**

Ва нест тадбиркунандаи корҳои олам ба ҷуз Аллоҳ таъоло, чи тавре, ки дар Қуръон омада:

﴿يُدَبِّرُ ٱلۡأَمۡرَ مِنَ ٱلسَّمَآءِ إِلَى ٱلۡأَرۡضِ﴾

**[Худованд умури оламро аз осмон то замин тадбир мекунад.]** **("Саҷда"5)**

Ба ҷуз Худованд ҳеҷ зиндакунанда ва миронандае нест, ҳамчунон, ки Аллоҳ таъоло фармуда:

﴿هُوَ يُحۡيِۦ وَيُمِيتُ وَإِلَيۡهِ تُرۡجَعُونَ﴾

**[Худованд зинда мекунад ва мемиронад ва ба сӯи ӯ бозгардонида мешавед.]** ("Юнус"56)

Ин навъ тавҳид (рубубият)-ро кофирони Макка иқрор мекарданд, вале ин эътироф онҳоро дар дини ислом дохил насохт, (зеро ки танҳо эътирофи тавҳиди рубубият барои мусалмон шудан кофӣ нест.) Чи тавре ки Аллоҳ таъоло дар ин маврид мегӯяд:

﴿ وَلَئِن سَأَلْتَهُم مَّنْ خَلَقَ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضَ لَيَقُولُنَّ ٱللَّهُ ﴾

**[Ва агар пурсӣ, эи паёмбар, аз мушрикон, кӣ офаридааст осмонҳо ва заминро ҳароина хоҳанд гуфт: Аллоҳтаоъоло.]** ("Луқмон"25)

2. Тавҳиди улуҳият ин аст, ки тамоми амалҳои шаръиро фақат барои Худо анҷом бидиҳӣ, яъне ҳамаи анвоъи ибодат (монанди дуъо, хавфу тарс, таваккал намудан, мадад ва паноҳ талабидан) фақат барои Худованди якто анҷом дода мешавад.

Бинобар ин ба ғайри Худо касеро дуъо намекунем, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ وَقَالَ رَبُّكُمُ ٱدْعُونِىٓ أَسْتَجِبْ لَكُمْ ﴾

**[Ва Парвардигоратон фармуда аст, ки дуъо кунед маро, то қабул намоям дуъои шуморо.]** ("Ғофир"60)

Ва бояд ки мо ба ҷуз аз Худованд аз каси дигар натарсем, чуноне ки ӯ таъоло гуфта:

﴿ فَلَا تَخَافُوهُمْ وَخَافُونِ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴾

**[Аз кофирон натарсед ва фақат аз ман хавф дошта бошед, агар шумо мӯъмини ҳақиқӣ ҳастед!]** ("Оли Имрон"175)

Инчунин лозим аст бар мо, бар касе ғайр аз Худо таваккал накунем, чи тавре ки Худованд мефармояд:

﴿ وَعَلَى ٱللَّهِ فَتَوَكَّلُوٓا۟ إِن كُنتُم مُّؤْمِنِينَ ﴾

**[Ва бар Аллоҳ таъоло таваккул намоед, агар шумо имони ҳақиқӣ доред.]** **("Моида"23)**

Ва низ аз ҳеҷ кас ғайр аз Худо мадад намехоҳем, чунон чи ҳақтаъоло мегӯяд:

﴿ إِيَّاكَ نَعْبُدُ وَإِيَّاكَ نَسْتَعِينُ ﴾

**[Фақат туро парастиш мекунем ва фақат аз ту мадад мехоҳем.]** **("Фотиҳа"5)**

Ва ҳамин тавр, ба ғайри Худо ба каси дигар паноҳ намебарем, Аллоҳи пок мефармояд:

﴿ قُلْ أَعُوذُ بِرَبِّ ٱلنَّاسِ ﴾

**[Бигӯ, эй паёмбар! “Ба Парвардигори мардум паноҳ мебарам.”]** **("Нос"1)**

Тамоми паёмбарон аз аввал то ба охир тавҳиди улуҳиятро ба мардум таблиғ намуда мефаҳмонданд зеро Худованд дар ин маврид чунин мефармояд:

﴿ وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولًا أَنِ ٱعْبُدُوا۟ ٱللَّهَ وَٱجْتَنِبُوا۟ ٱلطَّٰغُوتَ ﴾

**[Ва албатта, дар ҳар қавме паёмбар фиристодем, то ба мардум бигӯянд, ки Худоро ибодат намоед ва аз бут дурӣ биҷӯед.]** **("Наҳл"63)**

Ин навъи тавҳидро (тавҳиди улуҳият) кофирон чи дар гузашта ва чи имрӯза инкор менамоянд. Худованд аз забони худи кофирон ин нуктаро бозгӯ менамояд:

﴿ أَجَعَلَ ٱلْآلِهَةَ إِلَٰهًا وَٰحِدًا ۖ إِنَّ هَٰذَا لَشَيْءٌ عُجَابٌ ﴾

**[Оё (ин Муҳаммад) ҳамаи Худоёнро як Худо гардонда аст, воқиъан ин кори таъаҷҷубангез мебошад.]** **("Сод"5)**

3. Тавҳиди асмо ва сифот ин аст, ки ба тамоми номҳо ва сифатҳои Худованд, ки дар Қуръон ва аҳодиси паёмбар омада, бовар намуда имон биёрӣ.

Номҳои Худо бисёр аст, баъзе аз онҳо бамонанди الرحمن (Ар-раҳмон) меҳрубон، السميع (Ас-самиъ) Шунаванда البصير (Ал-басир) Бинанда العزيز (Ал-ъазиз) Тавоно, الحكيم (Ал-Ҳаким) доно.

Худованд мефармояд:

﴿لَيْسَ كَمِثْلِهِۦ شَىْءٌ ۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلْبَصِيرُ﴾

**[Нест монанди Худованд чизе ва ӯ шунавову биност.]** **("Шӯро"11)**

## НИШОНАИ ШАХСОНИ КОМЁБ

Худованди бузург мефармояд:

﴿وَٱلْعَصْرِ ﴿١﴾ إِنَّ ٱلْإِنسَٰنَ لَفِى خُسْرٍ ﴿٢﴾ إِلَّا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَعَمِلُوا۟ ٱلصَّٰلِحَٰتِ وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلْحَقِّ وَتَوَاصَوْا۟ بِٱلصَّبْرِ﴾

**[Савганд ба аср (замон) ки албатта, инсон дар зиён ва ҳалокат мебошад, магар касоне ки дар онҳо чаҳор сифати зерин вуҷуд дошта бошад:**

1. Ба Худо ва паёмбару дини Ислом имон дошта бошанд.
2. Амали солиҳ (наку) чун намозу рӯза, ҳаҷҷу закот, садоқат ва эҳсону некӯи ба падару модар карда бошанд.
3. Мардумро васияти ба ҳақ кунанд, яъне онҳоро ба имон овардан ва амалҳои накӯ даъват ва тарғиб намоянд.
4. Якдигарро ба сабр ва шакебоӣ, хоҳ дар анҷоми тоъат бошад, ё дар вақти омадани мусибат, васият намоянд.]

**("Аср"1-3)**

***Машқ ва супориш:***

Бояд муъаллими гиромӣ азамат ва бузургии Худоро барои шогирдон равшан сохта бигӯяд, ки тамоми корҳо ва ризқу рӯзӣ ба дасти Худост.

– Инчунин дар дили толибонаш ин ақидаро росих ва устувор бисозад, ки ибодат ва бандагӣ фақат барои Худованди якто буда, дар ҳама ҳолат банда бояд ба Худо рӯ биёварад.

– Тавҳиди асмо ва сифот ва самараҳои имон овардан ба онро барои талабаҳояш бо услуби осон шарҳ дода фаҳмонад.

– Инчунин, ҳамеша онҳоро ба касб намудани сифоти ашхоси комёб ва растагор, ки дар сураи мазкур омада, тарғиб ва ташвиқ намояд, чи тавре ки насиҳат кардани онҳо ба кӯмаку ёрӣ намудани ҳамдигар дар корҳои хайр низ бар души ӯст.

# ТАВҲИД БАРОИ СИНФИ ШАШУМ
## АМАЛҲОИ МУХОЛИФИ ТАВҲИД

1. Аввалин кореро, ки Худо бар мардум фарз гардонда ин аст, ки онҳо ба Худованд имон оварда, ба бутҳо кофир бишаванд, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд: **[Ва ҳаққо ки фиристодем дар ҳар қавм паёмбареро, ки барояшон мегуфт, ки Худои ягонаро парастида, аз бут дурӣ биҷӯед.]** **("Наҳл"63)**

2. ***Маънои тоғут*** – Ҳар чизе ғайр аз Худо, ки инсон онро писандида ибодат ва парастиш намояд.

3. Тарзи кофир шудан ба тоғут ин аст, ки ибодат ва парастиши ғайри Худоро ботил шумурда, тарк намояд ва низ ашхосеро, ки тоғутро мепарастанд, кофир шумурда, бад бинад.

4. Ширк зидди тавҳид мебошад, яъне агар тавҳид фақат ибодат ва парастиши Худои якто бошад, ширк анҷом додани яке аз ибодатҳо барои ғайри Худо мебошад, монанди дуъо намудан ва саҷда кардани ғайри Худо.

5. Ширк бузургтарин гуноҳҳо ба шумор меравад, зеро ки Худованд фармуда:

﴿إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ﴾

**[Ҳароина Аллоҳ таъоло ширк варзидан ба ӯро нахоҳад бахшид ва ҳар гуноҳе камтар аз ширкро барои касе ки бихоҳад мағфират менамояд.]** **("Нисо"116)**

Ширк варзидан ҳамаи амалҳои хубро бекор сохта, сабаби ҳамеша дар дӯзах мондани соҳибаш мегардад. Ҳамчуноне, ки Худои бузург мегӯяд:

﴿وَلَوۡ أَشۡرَكُواْ لَحَبِطَ عَنۡهُم مَّا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ﴾

**[Ва агар барои Худо шарик ва анбоз қоил шаванд, албатта, амалҳояшон (корҳои некашон) нобуд ва маҳв мешаванд.]** **("Анъом"88)**

Ва дар ҷои дигар ҳам фармуда:

﴿ إِنَّهُۥ مَن يُشْرِكْ بِٱللَّهِ فَقَدْ حَرَّمَ ٱللَّهُ عَلَيْهِ ٱلْجَنَّةَ وَمَأْوَىٰهُ ٱلنَّارُ ﴾

**[Албатта касе, ки барои Худо шарик ва ҳамто қарор медиҳад, Аллоҳ таъало биҳиштро бар он шахс ҳаром мегардонад ва ҷойгоҳи ӯ оташи дӯзах мебошад.]**

**("Моида"72)**

6 – Куфр ҳам муқобили тавҳид мебошад, зеро ки куфр иборат аз қавлу амалҳоест, ки соҳибашро аз тавҳид ва имон хориҷ месозад, монанди истеҳзо ва масхара кардан ба Худованди бузург, ба оёти Қуръон ва ба паёмбари ӯ. Худованд дар ин маврид мефармояд:

﴿ قُلْ أَبِٱللَّهِ وَءَايَٰتِهِۦ وَرَسُولِهِۦ كُنتُمْ تَسْتَهْزِءُونَ ﴿٦٥﴾ لَا تَعْتَذِرُوا۟ قَدْ كَفَرْتُم بَعْدَ إِيمَٰنِكُمْ ﴾

**[Бигӯ, эи паёмбар, ба кофирон оё шумо ба Худову оёти Ӯ ва ба паёмбараш тамасхур менамоед, узру пузиш пеш наоред, ки дар ҳақиқат шумо баъди имон овардан дубора кофир гаштед.]** **("Тавба"65-66)**

7. Нифоқ муқобили тавҳид буда маъноят зоҳиран нишон додани имон ва мусулмонӣ ба мардум ва дар дил пинҳон доштани куфру нифоқ мебошад, монанди ин ки касе калимаи имонро **(ло илоҳа иллаллоҳ)** ба забон гуфта, аммо дар дилаш куфрро махфӣ ва пинҳон медорад, чи тавре ки Худо мегӯяд:

﴿ وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَقُولُ ءَامَنَّا بِٱللَّهِ وَبِٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَمَا هُم بِمُؤْمِنِينَ ﴾

**[Ва баъзе аз мардум ба забонашон мегӯянд, ки ба Худо ва ба рӯзи қиёмат имон овардем вале дар ҳақиқат онҳо мӯъмин нестанд.]** **("Бақара"8)**

# ИМОН ОВАРДАН БА РӮЗИ ҚИЁМАТ

Маънои имон овардан ба рӯзи қиёмат ин аст, ки ба омадани қиёмат тасдиқи қатъӣ намуда, ба ҳақиқатҳои зерин имон меорем:

– Худованд дар ин рӯз мардумро аз қабрҳояшон мебарорад.

– Сипас, онҳоро ҳисоб ва бозпурсӣ карда ҷазо ва подоши амалҳояшонро медиҳад, ки биҳиштиёнро ба биҳишт ва дӯзахиёнро ба дӯзах дохил менамояд.

Имон овардан ба рӯзи қиёмат яке аз рукнҳои ҳафтгонаи имон ба шумор рафта, бидуни он имони инсон саҳеҳ ва дуруст намешавад.

***Имон овардан ба рӯзи растохез се амри муҳимро дарбар мегирад:***

Аввалан. Имон овардан ба баъс ва ҳашр, яъне Худованд дар ин рӯз тамоми мурдагонро бо даровардани рӯҳҳо да ҷисмашон зинда сохта, онҳоро бараҳна, пойлуч ва хатна ношуда дар як ҷо ҷамъ менамояд. Далели баъс (дубора зинда кардани мардум) ин ояти зайл мебошад:

﴿ثُمَّ إِنَّكُم بَعْدَ ذَٰلِكَ لَمَيِّتُونَ ﴿١٥﴾ ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ تُبْعَثُونَ﴾

**[Сипас, ҳароина шумо пас аз ин мурда хоҳед шуд, боз шумо рӯзи қиёмат барангехта (зинда) мешавед].** **("Мӯъминун"15-16)**

Далели ҳашр ҳам дар ҳадиси паёмбар (с) омада аст, ки он ҷаноб(с) мегӯяд:

«يحشر الناس يوم القيامة حفاة عراة غرلاً»

"Рӯзи қиёмат ҳамаи мардум ҷамъ карда мешавад, дар ҳоле ки онҳо урён, пойлуч ва ба сурати модарзод (хатна карда) мебошанд"

2 – Имон овардан ба ҳисоб ва мизон,яъне ба ин ки

Худованд тамоми мардумро барои корҳояшон ҳисоб ва бозпурсӣ менамояд,бовар намоем. Ҳар касе ки пайрави ақидаи тавҳид (яктопарастӣ) буда, аз Худову паёмбар итоъат карда бошад, албатта ҳисобу бозпурсиаш осон мебошад ва ҳар касе ки барои Худо шарик ва ҳамто қоил шуда, аз фармудаҳои ӯ саркашӣ намояд, бегумон ҳисобу бозпурсиаш гарон ва душвор аст.

Дар рӯзи қиёмат ҳамаи амалҳои бандаро дар як тарозуи бузург баркашида мешавад, бад ин тариқа, ки амалҳои неки ӯро дар як паллаи тарозу ва амалҳои бадашро дар паллаи дигар гузошта мешавад. Агар паллаи амалҳои нек аз паллаи амалҳои бад вазнинтар башад он шахс дохили ҷаннат мешавад ва агар паллаи амалҳои бад аз паллаи амалҳои нек вазнинтар бошад, он шахс ба дӯзах андохта мешавад.

Далели ҳисоб ва бозпурсӣ шудани банда дар рӯзи қиёмат оёти зерин мебошад:

﴿فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ ﴿٧﴾ فَسَوْفَ يُحَاسَبُ حِسَابًا يَسِيرًا ﴿٨﴾
وَيَنقَلِبُ إِلَىٰٓ أَهْلِهِۦ مَسْرُورًا ﴿٩﴾ وَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ وَرَآءَ ظَهْرِهِۦ ﴿١٠﴾
فَسَوْفَ يَدْعُوا۟ ثُبُورًا ﴿١١﴾ وَيَصْلَىٰ سَعِيرًا﴾

[Ҳар касеро ки номаи аъмолаш ба дасти рости ӯ дода шавад, бисёр ба осонӣ ӯро ҳисоб кунанд ва он шахс ба сӯи хешовандонаш хурсанду шодмон бозмегардад ва аммо касеро, ки номаи аъмол аз пушти сараш дода шавад, пас ӯ фарёди, ҳасратомез мекунад ва дохили оташи сӯзони дӯзах мешавад.] **("Иншиқоқ"7-12)**

Далели вуҷуд доштани тарозу ва мизон ин ояти карима мебошад:

﴿وَنَضَعُ ٱلْمَوَٰزِينَ ٱلْقِسْطَ لِيَوْمِ ٱلْقِيَٰمَةِ فَلَا تُظْلَمُ نَفْسٌ شَيْـًٔا وَإِن كَانَ
مِثْقَالَ حَبَّةٍ مِّنْ خَرْدَلٍ أَتَيْنَا بِهَا وَكَفَىٰ بِنَا حَٰسِبِينَ﴾

**[Ва дар миён мегузорем тарозуҳои адлро рӯзи қиёмат пас ситам карда нашавад ҳеҷ касе ба ҳеҷ чизе ва агар бошад он амал ҳамвазни донаи испанд онро ҳисоб хоҳем кард ва мо ҳисобкунандагони кофием.]** **("Анбиё"47)**

3 – Имон овардан ба ҷаннат ва дӯзах ин аст, ки мо бовар менамоем ба ин ки Худованд барои бандагони мӯъминаш, ки аз Худо ва паёмбар фармонбардорӣ кардаанд, ҷойгоҳеро бо неъматҳои ҷовидонӣ омода кардааст, ки он биҳишт мебошад. Дар он ҷо ҳама навъ неъматҳои гуногун: чун хӯрданӣ, нӯшиданӣ, ва пӯшидани ёфт мешавад. Ва инчунин, ба ин бовар менамоем, ки Худованд барои кофироне ки Худоро инкор намуда, аз паёмбараш саркашӣ кардаанд, чойгоҳи азоби абадиро тайёр намудааст, ки он дӯзах номида мешавад. Дар он ҷо чунин навъи азобу шиканҷа вуҷуд дорад, ки он ҳатто дар фикри одамӣ нагузаштааст.

Далели вуҷуд доштани ҷаннат оёти зерин мебошад:

﴿ وَسَارِعُوٓاْ إِلَىٰ مَغۡفِرَةٖ مِّن رَّبِّكُمۡ وَجَنَّةٍ عَرۡضُهَا ٱلسَّمَٰوَٰتُ وَٱلۡأَرۡضُ أُعِدَّتۡ لِلۡمُتَّقِينَ ﴾

**[Бишитобед ба сӯи мағфирати Парвардигори худ ва ба сӯи биҳиште ки паҳнои он ҳама осмонҳо ва заминро фаро гирифта, ки онро барои парҳезкорон муҳайё намудаанд.]**

**("ОлиИмрон"133)**

﴿ فَلَا تَعۡلَمُ نَفۡسٞ مَّآ أُخۡفِيَ لَهُم مِّن قُرَّةِ أَعۡيُنٖ جَزَآءَۢ بِمَا كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ﴾

**[Ҳеҷ кас намедонад, ки подоши некукорияш чи неъмату лазатҳои фаровон, ки рӯшанибахши чашму дидааст, дар олами ғайб барои ӯ захира шудааст.]** **("Саҷда"17)**

Ва аммо далели вуҷуд доштани дӯзах оятҳои зерин мебошад:

﴿ فَٱتَّقُواْ ٱلنَّارَ ٱلَّتِي وَقُودُهَا ٱلنَّاسُ وَٱلۡحِجَارَةُۖ أُعِدَّتۡ لِلۡكَٰفِرِينَ ﴾

**[Пас битарсед аз оташе ки ҳезумаш мардумони бадкор ва харсангҳо мебошад, ки онро барои кофирон муҳайё карда шуд.]** **("Бақара"24)**

﴿ إِنَّ لَدَيْنَآ أَنكَالًا وَجَحِيمًا ﴿١٢﴾ وَطَعَامًا ذَا غُصَّةٍ وَعَذَابًا أَلِيمًا ﴾

**[Ҳароина ҳаст дар назди мо занҷирҳои вазнин ва оташи афрӯхта ва таъоми гулугир ва азоби дарддиҳанда.]**

**("Музаммил"12-13)**

Худоё! Мо аз ту биҳиштро масъалат менамоем ва он қавлу амале, ки моро ба биҳишт наздик созад насиби мо бигардон. Парвардигоро! моро аз дӯзах паноҳ деҳ ва аз ҳар қавлу амале ки сабаби даромадамон ба дӯзах мегардад, моро нигоҳ дор!

***Машқ ва супоришҳо:***

– Бояд толибҳо ҳама дарсҳоро бо далелҳояшон азёд кунанд.

– Бояд ба шогирдон саволҳои мувофиқ ба марҳалаи дарсиашон дода, аз онҳо низ ҷавобҳои талқинношуда гирифта шавад.

– Лозим аст бар муъаллим, ки бо овардани мисолҳо ва воқеъаҳо қабоҳату хатари ширк ва куфру нифоқро барои донишҷӯёнаш равшан намояд.

– Бояд, ки ӯ фикру зеҳни шогирдонашро мутаваҷҷеҳ ва саргарм ба рӯзи қиёмат бисозад.

– Инчунин дар аснои баён кардани рӯзи қиёмат бояд аз қудрати Худо барои дубора занда кардани мардум, адли илоҳӣ дар бозпурсӣ ва ҷазо, ва низ аз раҳмати бузурги Худо бар аҳли бихшит эшонро хабардор созад.

– Дар дилашон тарси Худо, дустдории ибодат ва бадбинии маъсияту гуноҳро афзун намояд, то онҳо барои рӯзи қиёмат омодагӣ бигиранд.

## Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон

# ТАВСИЯҲОИ УМУМӢ

Ҳамду сано Худовандеро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст ва дуруду салом бод бар паёмбарамон Муҳаммад(с) ва бар хонадон ва ёрони ӯ.

Ин китоби тавҳид барои синфҳои марҳалаи миёнаи дарсӣ мебошад. Дар он баъзе аркони имонро бо тафсил баён кардем, то донишҷӯёни марҳалаи мазкур ба маълумоти тоза ва нав ошно шаванд. Ҳамчунин дар тартиб додани мавзӯъоти китоби мазкур ва бозгӯ кардани таъсироти ахлоқӣ ва иҷтимоъии аркони имон аҳамияти зиёде додаем.

Барои омӯзгори ин китоб баъзе тавсияҳои муҳимро ба тариқи зайл баён менамоем:

1 – Бояд ки муъаллими азиз дар паҳлӯи дарсҳояш ҳамаи шогирдонашро ба корҳои хайр насиҳат ва даъват намояд.

2 – Бояд, ки ӯ ҳамеша он амонати бузургеро, ки ба дӯши вай барои тарбия ва омӯзиши насли наврас гузошта шуда, хуб эҳсос намояд ва инчунин фазилати муъаллимро дар Ислом, хусусан муъаллими фанни тавҳидро, ки беҳтарини илмҳост, ба хотир дошта бошад.

3 – Кӯшиш намояд, ки бо услуби хуби омӯзгорӣ ва бо овардани мисолу қиссаҳо мавзӯъоти китоби тавҳидро барои шогирдонаш осону дилкаш намояд.

4 – Барои донишҷӯёнаш намуна бошад, то онҳо ӯро ба манзалаи падари худ тасаввур намоянд.

5 – Авзоъи равонӣ, мушкилоти рӯзмараи наврасонро ба назар гирифта, аз худи фанни мазкур барои ҳалли мушкилоти онҳо истифода намояд.

6 – Ҳамеша саволҳои шогирдонро бо диққат гӯш карда, барояшон ҷавобҳои осон ва қаноъатбахш бидиҳад.

Дар поёни сухан аз Худованди бузург масалат мекунам, то ин амали бандаро муфиду судманд гардонда, ҳамаи мусалмононро ба корҳои нек ҳидоят фармояд ва дуруди бепоён бар равони поки паёмбарамон Муҳаммад ва хонадону асҳоби ӯ бод.

# ТАВҲИДИ СИНФИ ЯКУМ БАРОИ МАРҲАЛАИ ОМӮЗИШИ МИЁНА

## МУҚАДДИМАЕ БАРОИ ШИНОХТИ АҚИДАИ ИСЛОМӢ ВА АҲАМИЯТИ ОН ДАР ҲАЁТ.

***Дини Ислом иборат аз ақида ва шариъат мебошад:***

Ақида як силсила масоили маънавие мебошад, ки инсон онро чунон тасдиқ ва якин менамояд, ки нисбати он дар дилаш ҷои шакку шубҳа намемонад.

Аммо шариъат як силсила фармудаҳои амалие мебошад, ки ислом онро барои пайравонаш муқаррар намудааст, монанди намоз, рӯза, закот, иҳсону накӯи ба падару модар ва ғайра.

Асосҳои ақидаи исломи ба Худову фариштагон ва китобҳову паёмбаронаш ва ба рӯзи қиёмат ва такдири некӣ ва бадӣ имон овардан аст.

Далели асосҳои ақидаи исломӣ ин ояи карима мебошад:

﴿ لَّيْسَ ٱلْبِرَّ أَن تُوَلُّوا۟ وُجُوهَكُمْ قِبَلَ ٱلْمَشْرِقِ وَٱلْمَغْرِبِ وَلَٰكِنَّ ٱلْبِرَّ مَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةِ وَٱلْكِتَٰبِ وَٱلنَّبِيِّـۧنَ ﴾

**[Некӯи ва тоъат ин нест, ки бигардонед рӯи худро ба тарафи машриқ ва мағриб, вале накукор онаст, ки ба Худои олам ва рӯзи қиёмат ва ба фариштагон ва китоби осмонӣ ва ба паёмбаронамон биёрад.]** **("Бақара"177)**

Ва дар мавриди такдир Худованд фармуда:

﴿ إِنَّا كُلَّ شَىْءٍ خَلَقْنَٰهُ بِقَدَرٍ ﴿٤٩﴾ وَمَآ أَمْرُنَآ إِلَّا وَٰحِدَةٌ كَلَمْحٍۭ بِٱلْبَصَرِ ﴾

**[Мо ҳарчи офаридем ба такдир (андоза) офаридем ва нест фармони мо дар суръат, магар як калима, монанди ба ҳам задани чашм.]** **("Қамар"49-50)**

Ва низ Паёмбари Худо мегӯяд:

«الإيمان أن تؤمن بالله وملائكته وكتبه ورسله واليوم الآخر وتؤمن بالقدر خيره وشره»

**“Имон ин аст, ки ту ба Худо ва фариштагони ӯ, ва ба китобҳову паёмбаронаш ва ба рӯзи қиёмат ва тақдири некӣ ва бадӣ имон биёварӣ!”**

## АҲАМИЯТИ АҚИДАИ ИСЛОМӢ

Далелҳои зиёде ҳастанд, ки аҳаммияти ақидаи исломиро исбот менамояд, ки мо баъзе аз онро ба тариқи зайл меорем:

1. Дар ҳақиқат мо ба ҳамин ақида (ақидаи исломӣ) эҳтиёҷ ва зарурати фавқулода дорем, зеро ки дили инсон ҳамон вақт эҳсоси некбахтӣ ва шодмонӣ мекунад, ки Парвардигорашро парастиш намояд.

2. Бузургтарин масъулият аз тарафи Худо бар гардани банда ақидаи исломӣ мебошад, аз ҳамин ҷиҳат аввалин чизе ки аз мардум дархост карда мешавад, ақидаи исломӣ аст, чи тавре ки паёмбари Худо мефармояд:

«أمرت أن أقاتل الناس حتى يشهدوا أن لا إله إلا الله وأن محمداً رسول الله»

"Аз сӯи Худо бароям чунин фармоне дода шуда, ки бо мардум пайкор намоям то ин ки онҳо гувоҳӣ диҳанд, ки “нест Худое магар Аллоҳ таъоло ва Муҳаммад фиристодаи ӯст”.

3. Ақидаи исломӣ ягона ақидаест, ки амну оромӣ, саъодату хурсандиро таъмин месозад, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ بَلَىٰ مَنْ أَسْلَمَ وَجْهَهُۥ لِلَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَلَهُۥٓ أَجْرُهُۥ عِندَ رَبِّهِۦ وَلَا خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلَا هُمْ يَحْزَنُونَ ﴾

**[Оре, касе ки зери фармони Худо сарашро хам намуда, дар ҳоле ки он шахс накӯкор аст, пас аҷру музди ӯ дар назди Парвардигораш буда ва онҳо ғамгин намешаванд.]**("Бақара"112)

Ҳамчунин ақидаи исломӣ ба пайравони худ тандурустӣ

ва ризқу рӯзии фаровон мебахшад. Худованд дар ин маврид мефармояд:

﴿وَلَوْ أَنَّ أَهْلَ ٱلْقُرَىٰٓ ءَامَنُوا۟ وَٱتَّقَوْا۟ لَفَتَحْنَا عَلَيْهِم بَرَكَٰتٍ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلْأَرْضِ﴾

**[Ва агар аҳли деҳаҳо ба Худо имон оварда, парҳезкорӣ мекарданд, албатта мекушодем бар онҳо баракатҳо аз ҷониби осмон ва замин.]** **("Аъроф"96)**

4 – Ақидаи исломӣ кафили оромӣ ва қиёми давлати исломӣ дар замин мебошад. Худованд фармуда:

﴿وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِى ٱلزَّبُورِ مِنۢ بَعْدِ ٱلذِّكْرِ أَنَّ ٱلْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِىَ ٱلصَّٰلِحُونَ﴾

**[Ва ҳамоно навиштем дар Забур баъд аз Таврот, ки бандагони шоистаи мо(мӯъминони ҳақиқӣ) ворисӣ замин мешаванд.]** **("Анбиё"105)**

## ИМОН БА ХУДОВАНДИ БУЗУРГ

Маънои имон овардан ба Худои азза ва ҷалла ин аст, ки ба вуҷуди Худо тасдиқи қатъӣ карда, ба рубубияту улуҳият ва ба номҳову сифоташ иқрор намоем.

Аз ин ҷо бар меояд, ки имон овардан ба Худо чаҳор чизи зеринро дар бар мегирад:

1 – Ба ҳастии Худо имон овардан.

2 – Ба рубубияти Аллоҳ таъоло имон овардан.

3 – Ба улуҳияти Ҳақ таъоло имон овардан.

4 – Ба номҳо ва сифатҳояш имон овардан.

Дар ин ҷо аз ин чаҳор чиз ба тафсил сухан мегӯем:

### *1 - ИМОН БА ҲАСТИИ ХУДОВАНД.*

(А) Албатта, ба ҳастии Худованд иқрор намудан як амри фитрӣ дар инсон мебошад ва ба ҷуз андак мулҳидон дигар ҳамаи мардум мавҷудияти Худоро эътироф менамоянд.

Дар ҳақиқат ҳар махлуқ бо ин фитрат ва сиришт офарида

шудааст, ки ба офаридгори хеш бидуни таълим ва гуфтан имон меорад.

Ҳангоме, ки мо мешунавем ва бо чашми худ мебинем, ки чи тавр дуъои бандагон қабул ва дархостҳояшон дода мешавад, бегумон ин амр далолати қатъӣ бар вуҷуди Худованд дорад.

Чи тавре, ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

**[Вақте, ки аз Парвардигоратон мадад металабед, Худованд дуъои шуморо қабул хоҳад кард.]** **("Анфол"9)**

(Б) Ҳар шахс медонад, ки барои ҳар коре анҷомдиҳандае лозим аст, пас барои ин махлуқоти зиёде ки ҳамавақт онҳоро мушоҳида менамоем, як офаридгоре зарур аст, ки онҳоро офарида ва ӯ Худованди бузург мебошад, зеро маҳол аст, ки махлуқоти мазкур бидуни офаридгор халқ шуда ё худашон офарандаи нафси хеш бошанд. Чи тавре Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ أَمۡ خُلِقُواْ مِنۡ غَيۡرِ شَيۡءٍ أَمۡ هُمُ ٱلۡخَٰلِقُونَ ﴾

**[Оё кофирон бе офаридгор халқ шудаанд ё ин ки эшон офарананда ҳастанд?]** **("Тур"35)**

Маънои ояти мазкур ин аст, ки албатта, кофирон бе офаридгор ба вуҷуд наомаданд ва ё онҳо хештанро худ халқ накардаанд, пас маълум мегардад, ки холиқи онҳо Аллоҳ таъоло мебошад.

(В) Албатта, ин низоми дақиқе, ки дар осмону замин ва тамоми табиъат ҳукмфармост, далолати қатъӣ бар он дорад, ки барои ин ҷаҳони бузург холиқи яктое аст ва ӯ Аллоҳ таъоло мебошад:

﴿ صُنۡعَ ٱللَّهِ ٱلَّذِيٓ أَتۡقَنَ كُلَّ شَيۡءٍ ﴾

**[Дасткорӣ ва санъати он Худоест, ки устувор сохт ҳар чизро.]** **("Намл"88)**

Инчунин тамоми ситораҳо, сайёраҳое ки ҳар як тибқи низоми муайян дар майдони худ сайр мекунанд бар офаридгори бузург далолат менамояд:

﴿ لَا ٱلشَّمۡسُ يَنۢبَغِي لَهَآ أَن تُدۡرِكَ ٱلۡقَمَرَ وَلَا ٱلَّيۡلُ سَابِقُ ٱلنَّهَارِۚ وَكُلّٞ فِي فَلَكٖ يَسۡبَحُونَ ﴾

**[На (*аз гардиши муназзами олам*) офтобро месазад, ки ба моҳ фарорасад ва на шаб сабқаткунандаи рӯз аст ва ҳар яке аз офтоб ва моҳу ситорагон бар мадори муъайяне сайр мекунанд.] ("Ёсин"40)**

***2 - ИМОН ОВАРДАН БА РУБУБИЯТИ АЛЛОҲТАЪОЛО***

(А) Маънои имон овардан ба рубубияти Аллоҳ таъоло: Ба ин ки Аллоҳ таъоло Парвардигор, молику офаридгор ва рӯзидиҳи ҳама буда, ҳаёту марг, суду зиён, ҳамаи корҳо ба дасти ӯст ва ба ин ки ӯ шарику анбозе надошта, бар ҳама чиз қодиру тавоност,иқрор намудан имони ба рубубият мебошад.

Инчунин иқрор кардан ба ин, ки Аллоҳ таъоло Парвардигори бе мислу монанд буда, ҳеҷ касе корҳои ӯро карда наметавонад ва ӯ офаридгори ҳама ашёи олам аст, имони ба рубубият мебошад. Чи тавре ки Худованд мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ خَٰلِقُ كُلِّ شَيۡءٖ ﴾

**[Аллоҳ таъоло офаридгори ҳама чиз аст.] ("Зумар"62)**

Ва инчунин Худованд рӯзидиҳандаи ҳамаи махлуқот мебошад, чи тавре ки Худованд фармуда:

﴿ وَمَا مِن دَآبَّةٖ فِي ٱلۡأَرۡضِ إِلَّا عَلَى ٱللَّهِ رِزۡقُهَا ﴾

**[Ва нест ҳеҷ ҷунбандае дар замин магар ин, ки ризқу рӯзии вай дар дасти Худост.] ("Ҳуд"6)**

Ва низ Аллоҳ таъоло малик ва подшоҳи ҳама мебошад, чи тавре ки Ӯ мефармояд:

﴿ لِلَّهِ مُلْكُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ وَمَا فِيهِنَّ ﴾

[Эй аҳли олам, бидонед, ки осмонҳо ва замин ва ончи дар онаст, ҳама мулки Худост.] **("Моида"120)**

(Б) Худованд рубубиятро барои худаш хос гардондааст, чуноне ки ӯ мегӯяд:

﴿ ٱلْحَمْدُ لِلَّهِ رَبِّ ٱلْعَٰلَمِينَ ﴾

**[Ситоиш мар Худоеро, ки Парвардигори ҷаҳониён аст.]**
**("Фотиха"2)**

Маънои рабулоламин ин аст, ки Худованд холиқу подшоҳи ҷаҳониён буда, онҳоро бо тамоми неъматҳо мепарварад.

Воқеъан, Худованд мардумро ба ин фитрат ва сиришт офарида, ки онҳо беихтиёр ба рубубияти Аллоҳ таъоло имон меоранд, ҳатто мушрикони араб дар замони паёмбар ба рубубияти Худо бовар доштанд, чи тавре ки Худованд мефармояд:

﴿ قُلْ مَن رَّبُّ ٱلسَّمَٰوَٰتِ ٱلسَّبْعِ وَرَبُّ ٱلْعَرْشِ ٱلْعَظِيمِ
﴿٨٦﴾ سَيَقُولُونَ لِلَّهِ قُلْ أَفَلَا تَتَّقُونَ ﴿٨٧﴾ قُلْ مَنۢ بِيَدِهِۦ
مَلَكُوتُ كُلِّ شَيْءٍ وَهُوَ يُجِيرُ وَلَا يُجَارُ عَلَيْهِ (٣) إِن كُنتُمْ تَعْلَمُونَ
﴿٨٨﴾ سَيَقُولُونَ لِلَّهِ قُلْ فَأَنَّىٰ تُسْحَرُونَ ﴾

**[Боз, эй паёмбар, ба онҳо бигӯ, Парвардигори осмонҳои ҳафтгона ва Худованди арши бузург кист? Албатта, боз ҷавоб диҳанд, Парвардигорашон Худост. Пас бигӯ ба онҳо: Чаро аз ӯ наметарсед? Боз эй паёмбар, бигӯ кӣст он зоте ки подшоҳии**

**ҳамаи олам ба дасти ӯст ва ӯ ба ҳама паноҳ медиҳад ва ҳеҷ касеро аз ӯ ҳимоят карда намешавад? Бигӯед инро агар медонед. Албатта хоҳанд гӯфт: ин ҳама Худойрост. Бигӯ ба онҳо: Пас аз куҷо фиреб дода мешавед?]** **("Мӯъминун"86-89)**

Албатта, имон ба рубубияти Аллоҳ таъоло барои мусалмон шудани банда кифоят намекунад, балки зарур аст, ки ӯ ба улуҳияти Аллоҳ таъоло низ имон биёрад, зеро паёмбари Худо(с) бар зиди мушрикони араб, ки онҳо ба рубубияти Аллоҳ таъоло иқрор доштанд, чандин солҳо мубориза бурдааст.

(В) Дар ҳақиқат ҳар чизе ки дар ҷаҳон ҳаст, ба монанди осмону замин сайёраҳо, ситораҳо, дарахтон ва инсону ҷин ҳама мутеъу фармонбардори Худо мебошанд. Худованд мефармояд:

﴿ وَلَهُۥٓ أَسۡلَمَ مَن فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ طَوۡعٗا وَكَرۡهٗا ﴾

**[Ва ҳар чизе ки дар осмонҳо ва замин аст, хоҳу нохоҳ ҳама барои Худо сар фурӯд меоранд.]** **("Оли Имрон"83)**

Пас ҳеҷ махлуқе аз хукми Худо берун баромада наметавонад, зеро ки Ӯ подшоҳ ва офаридгори тамоми махлуқот буда, тибқи ҳикмати хеш онҳоро ба ҳар тарафе ки хоҳад сафарбар месозад ва ҳар он чизе ки ғайр аз Худост мӯҳтоҷу ниёзманд ба Аллоҳ таъоло мебошад.

(Г) Вақте ки бароямон маълум ва ҳувайдо гардад, ки танҳо Худо холиқу розиқ ва идоракунандаи ҷаҳон буда, ҳеҷ чиз бе иҷозаи ӯ аз ҷой намеҷунбад, яқинан ин ҳақиқат моро водор месозад, ба ин ки дилҳои хешро саргарми Худои якто сохта, фақат бар ӯ такя намуда, аз ӯ ҳоҷат бипурсем, зеро ки ӯ холиқу розиқ ва подшоҳи мост.

### *3 - ИМОН ОВАРДАН БА УЛУҲИЯТИ ХУДО*

(А). Маънои имон овардан ба улуҳияти Худованд: Бояд ҳар инсон тасдиқи қатъӣ намояд ба ин ки танҳо Аллоҳ таъоло сазовори ибодат ва парастиши зоҳирӣ ва ботини мебошад,

монанди дуъо, хавфу тарс аз Худо, таваккал намудан, мадад хостан, намоз, закот ва рӯза. Бино бар ин банда яқин менамояд, ба ин ки фақат Аллоҳ таъоло маъбуди барҳақ ва бе мислу монанд мебошад, чуноне ки Худои бузург фармуда:

**[Ва Худои шумо якест, нест аллоҳе ҷуз Худованди бахшанда ва меҳрубон.]** **("Бақара"163)**

Худованд дар ин оят хабар медиҳад, ки ӯ маъбуди якто буда, парастидани ғайри Худо барои банда дуруст нест.

(Б) Имон овардан ба улуҳияти Худованд иборат аз ин аст, ки банда чунин эътироф ва иқрор менамояд, ки фақат Худованд сазовори парастиш ва бандагӣ буда, тамоми анвоъи ибодату бандагиро барояш анҷом медиҳад, бино бар ин ба касе ғайр аз Ӯ дуъо намекунад ва ба ҷуз аз ӯ аз ҳеҷ кас наметарсад ва фақат бар Ӯ таваккал менамояд ва танҳо дар назди ӯ сар фурӯд оварда, ӯро саҷда мекунад, зеро ки ба ҷуз Аллоҳи пок касе сазовори ибодат ва парастиш нест. Чи тавре ки Худованд мефармояд:

**[Фақат Ӯро ибодат мекунем ва аз ӯ мададу ёрӣ мехоҳем.]**
**("Фотиха"5)**

(В) Аҳаммияти имон овардан ба улуҳияти Худованд аз гуфтаҳои зайл маълум мегардад:

1. Дар ҳақиқат ҳадаф аз офариниши ҷинну инсон парастидани Худованди якто мебошад, зеро ки ӯ фармуда:

﴿ وَلَقَدْ بَعَثْنَا فِي كُلِّ أُمَّةٍ رَّسُولًا أَنِ اعْبُدُوا اللَّهَ وَاجْتَنِبُوا الطَّاغُوتَ ﴾

**[Ва на офаридам ҷинни ва инсонро магар барои ибодат карданашон маро.]** **("Зориёт"56)**

2. Дар ҳақиқат ҳадаф аз фиристодани паёмбарон ва китобҳои осмонӣ иқрор намудани бандагон аст, ба ин ки танҳо Худованд сазовори парастиш ва ибодат кардан мебошад.

3. Албатта, аввалин масъулият аз тарафи Худо барои банда имон овардан ба улуҳияти Худо мебошад, чи тавре

ки дар васияти паёмбари Худо(с) ба Муъоз писари Ҷабал чунин омадааст:

« إنك تأتي قوماً من أهل الكتاب فليكن أول ما تدعوهم إليه شهادة أن لا إله إلا الله»

**“Эй Муъоз! ҳароина ту ба тарафи мардуми аҳли китоб (насрониён) меравӣ, пас аввалин чизе ки онҳоро ба он даъват мекунӣ, ин аст, ки эшон гувоҳи диҳанд ба ин ки нест Худое сазовори ибодат ҷуз Аллоҳи пок.” Яъне онҳоро ба ин даъват кун, ки тамоми анвоъи ибодатро барои Худои якто анҷом диҳанд.** (Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)

(Г) Маънои *"ло илоҳа иллал-лоҳ":*

Ин калимаи бузург аввалин ва охирин воҷибот бар ҳар шахс мебошад, бино бар ин агар касе баъди иқрор намудани ин калима бимирад, бегумон дохили ҷаннат хоҳад шуд. Чи тавре ки паёмбари Худо(с) мефармояд:

«من مات وهو يعلم أن لا إله إلا الله دخل الجنة»

**“Ҳар касе, ки бимирад дар ҳоле, ки ӯ ба ин бовар аст, ки нест Худое ғайри Аллоҳ таъоло ҳароина шахси мазкур ба биҳишт медарояд.”** (Ба ривояти Муслим.)

Аз ҳамин ҷиҳат иқрор намудан ба **“ло илоҳа иллаллоҳ**” бузургтарин ва муҳимтарин масъӯлиятҳо бар души ҳар инсон ба шумор меравад.

Маънои **"ло илоҳа иллаллоҳ"** инкор кардани улуҳияти ғайри Худо ва собит сохтани тамоми улуҳият барои Худованди якто мебошад.

Аз ин ҷо бар меояд, ки маънои "**илоҳ**" маъбуд (парастидашуда) мебошад,бино бар ин касе ки ғайри Худо чизи дигарро парастиш намояд, дар ҳақиқат онро **"илоҳ"** баргузидааст. Ба ҷуз Худованди якто тамоми илоҳон ва Худоёни сохта ботил ва дурӯғ мебошанд.

Аллоҳ таъоло ҳамон илоҳест, ки дилҳои бандагон бо муҳаббату таъзим, тарсу фармонбардорӣ ва бо таваккал

кардану дуъо намуданаш машғули ибодати Ӯ мебошанд ва шодмониву хушбахти фақат ба татбиқ намудани маънои ло илоҳаиллал-лоҳ дар ҳаёт ба даст меояд, зеро ки хурсандӣ ва зиндагии гуворо танҳо дар сояи улуҳият (хос гардондани ҳамаи ибодат барои Худо) мебошад.

***(Д) Аркони ло илоҳа иллаллоҳ:*** Ин калимаи бузург ду рукн дорад, ки рукни аввали он нафи (инкор) ва рукни дувумаш исбот мебошад.

Рукни (қисми) аввали он, **"ло илоҳа буда"**, инкор кардани парастиши ғайри Худо ва кофир шудан ба Худоёни сохтаро ифода менамояд ва рукни дуввуми он **"иллаллоҳ"** буда, собит намудани ибодату парастиши Худоро ва хос гардондани тамоми ибодатҳоро барои Ҳақтаъоло ифода менамояд.

Далели гуфтаи боло ояҳои муборики зайл мебошад:

﴿فَمَن يَكۡفُرۡ بِٱلطَّٰغُوتِ وَيُؤۡمِنۢ بِٱللَّهِ فَقَدِ ٱسۡتَمۡسَكَ بِٱلۡعُرۡوَةِ ٱلۡوُثۡقَىٰ﴾

**[Ҳар касе ки ба тоғут (бут) кофир шуда (ин маънои рукни аввали ло *"илоҳа"* аст) ба Худо имон меорад (ин маънои рукни дуввуми *"иллаллоҳ"* мебошад) ҳаққо, ки ӯ ба дастовези устувор чанг задааст.]** **("Бақара"256)**

***(Ё)*** Шартҳои ***"ло илоҳа иллаллоҳ":*** Ҳар касе ки мехоҳад калимаи **"ло илоҳа иллаллоҳ"**-ро бар забон биёрад, барои ӯ ҳафт шарти зерин зарур аст, ки бидуни ин шартҳо гуфтани ин калима фоидае надорад:

1. Донистани маънои **"ло илоҳа иллаллоҳ"** мебошад, чи тавре ки Худованд мефармояд:

**[Пас, яқин кун, ки нест илоҳе ҷуз Худованд.]** **("Муҳаммад"19)**

2. Яқин кардани гӯянда ба маънои калимаи мазкур, пас агар дар маънои он шакку гумон дошта бошад, ба забон овардани ин калима ба гӯяндаш ҳеҷ фоидае намебахшад. Худованд мефармояд:

﴿ إِنَّمَا ٱلْمُؤْمِنُونَ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ ثُمَّ لَمْ يَرْتَابُوا۟ ﴾

**[Албатта, мӯъминони ҳақиқӣ касонеанд, ки ба Худо ва расулаш имон оварда, сипас дар имонашон ҳеҷ шакку гумон накарданд.]** **("Ҳуҷурот"15)**

3. Қабул кардани мазмуни ҳамин калима дар зиндагӣ аст, ки он танҳо ибодат кардани Худо ва тарк намудани парастиши ғайри Ӯ мебошад пас агар касе ки ин калимаро гуфта, ибодати Худои якторо напазирад, аз ҷумлаи касоне мебошад, ки Худо дар васфашон чунин гуфта:

﴿ إِنَّهُمْ كَانُوٓا۟ إِذَا قِيلَ لَهُمْ لَآ إِلَٰهَ إِلَّا ٱللَّهُ يَسْتَكْبِرُونَ ﴿٣٥﴾ وَيَقُولُونَ أَئِنَّا لَتَارِكُوٓا۟ ءَالِهَتِنَا لِشَاعِرٍ مَّجْنُونٍۭ ﴾

**[Чун барои кофирон гуфта шавад, ки нест ҳеҷ маъбуде ҷуз Аллоҳ таъоло саркашӣ карда мегӯянд, ки оё мо ба сухани шоъири девона маъбудони хешро раҳо менамоем?]**

**("Соффот"35-36)**

4. Таслим шудан ва итоат кардан ба мазмуни ин калима, ки Худованд мефармояд:

﴿ وَمَن يُسْلِمْ وَجْهَهُۥٓ إِلَى ٱللَّهِ وَهُوَ مُحْسِنٌ فَقَدِ ٱسْتَمْسَكَ بِٱلْعُرْوَةِ ٱلْوُثْقَىٰ ﴾

**[Ва ҳар касе ки ба сӯи Худо рӯй оварда ӯро итоат намояд, дар ҳоле, ки ӯ накукор аст, ҳароина чанг зада аст ӯ ба дастовези маҳкам ва устувор.]** **("Луқмон"22)**

Ва он дастовез **"ло илоҳа иллаллоҳ"** мебошад.

5. Садоқат кардан ба ин калима, яъне калимаи мазкурро содиқона аз таги дил бигӯяд. Чуноне ки паёмбари Худо(с) фармуда:

**« ما من أحد يشهد أن لا إله إلا الله وأن محمداً عبده ورسوله صدقاً من قلبه إلا حرّمه الله على النار»**

**“Касе ки сидқан аз таги дил бигӯяд, ки нест Худое ҷуз Аллоҳ таъоло ва Муҳаммад банда ва расули ӯст, Худованд ҷасади ӯро бар оташи дӯзах ҳаром мегардонад.”** (Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)

6. Ихлос намудан ба калимаи мазкур, яъне тамоми аъмоли худро аз доғҳои ширк тоза намояд ба ин тариқ, ки бо гуфтани ин калима кадом манофиъи дунявиро қасд накунад. Паёмбари Худо(с) гуфта:

[redacted]

**“Худованд ҷасади ҳамон шахсеро бар оташи дӯзах ҳаром гардондааст, ки ло илоҳа иллаллоҳро ба забон оварда, ризои Худоро меӯяд.”** (Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)

7. Дӯст доштани муҳтавои калимаи мазкур ва низ муҳаббат варзидан нисбати бо касоне, ки ба ин калима иқрор намуда ва тибқи он амал менамоянд:

﴿ وَمِنَ ٱلنَّاسِ مَن يَتَّخِذُ مِن دُونِ ٱللَّهِ أَندَادًا يُحِبُّونَهُمْ كَحُبِّ ٱللَّهِ وَٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓا۟ أَشَدُّ حُبًّا لِّلَّهِ ﴾

**[Баъзе мардум барои Худо шарику ҳамтоҳо қоил шуда, онҳоро мисли Худо дӯст медоранд ва касоне ки имон овардаанд Худоро бештар дӯст медоранд.]** **("Бақара"165)**

Бино бар ин иқроркунандагони ба ло илоҳа иллаллоҳ Худоро холисона (бешарику ҳамто) дӯст медоранд ва аммо мушрикон ба Худо шарик ва ҳамто қарор дода, ҳамроҳи Худо дигар маъбудони сохтаро низ дуст медоранд ва ин амал мухолифи маънои **"ло илоҳа иллаллоҳ"** мебошад.

***(Ё) Маънои ибодат:***

Ҳар қавлу амали зоҳирӣ ва ботиниеро, ки Худо писандида қабул намояд, ибодат номида мешавад, монанди дӯст доштани Худо ва паёмбар, тарси Худо, таваккал намудан бар Худо, пурсидани ҳоҷат аз Худо, намоз, закот,

эҳсону некӯи ба падару модар, зикри Худованд, ҷиҳоду пайкор намудан алайҳи куффор ва мунофиқин ва ғайра.

Бино бар ин анвоъи ибодат зиёд буда, ҳар гуна тоъатҳо ва кори хубро дар бар мегирад, монанди тиловат кардани Қуръон, дасти ёри дароз кардан ба фақирон ва мӯҳтоҷон, садоқат ва ростӣ, амонатдорӣ ва сухани хуш.

Ибодат тамоми корҳои мӯъминонро дарбар мегирад ба шарте ки ӯ дар анҷом додани корҳои мазкур наздик шудан ба ризои Худоро қасд карда бошад. Аз ин рӯ, агар яке аз мо бо нияти қувват ва неру гирифтан барои ибодати Худо бихӯрад ё бинӯшад ва ё бихобад бегумон аз тарафи Худо дар хӯрдану нӯшидан, ва хобиданаш аҷру савоб дода мешавад.

Ҳамин одатҳои рӯзмара *(хӯрдан, ошомидан, хобидан)* агар бо нияти нек бошанд дар назди Худованд онҳо ибодат ҳисобида мешавад, ки анҷомдиҳандаш аҷру савоб ҳосил менамояд, бино бар ин мафҳуми ибодат ба намоз хондану рӯза гирифтан ва амсоли он маҳдуд намебошад.

(Ж) Дар ҳақиқат ҳамин ибодат буд, ки Худованд ҳамаи мардумро барои он халқ кардааст.

Аллоҳ таъоло мефармояд: **[Ва на офаридам инс ва ҷиннро, магар ин ки маро парастиш кунанд, аз онҳо ризқу рӯзие намехоҳам ва низ аз эшон намехоҳам, ки дигаронро таъом бидиҳанд ҳамоно рӯзидиҳанда танҳо Худоест, ки ӯ соҳиби қувват ва иқтидори абадист.]** **("Зориёт"56-58)**

Худованд дар ин оят ҳикмати офариниши ҷинн ва инсонро баён карда мегӯяд, ки онҳо барои паристиши холиқашон (Аллоҳ) офарида шуданд, дар ҳоле, ки Худованд аз ибодат кардани эшон бениёз буда, худи онҳо аз ҷиҳати мӯҳтоҷ буданашон ба Худованд ниёзманди парастиш ва ибодати ӯ мебошанд.

Дар ҳақиқат эҳтиёҷи банда ба ибодати Худо аз мӯҳтоҷ буданаш ба обу нон зиёдтар ҳис мешавад, дили инсон агар лаззати ибодати Худоро бичашад ҳаргиз дар назди ӯ чизи

аз ибодат ва бандагӣ ширинтар ва маҳбубтар намебошад ва ҳеҷ касе аз ранҷу, мушкилоти дунё наҷот намеёбад, магар вақте ки Худоро ба яктоӣ ибодат намояд.

***(З) Аркони ибодат:***

Ибодате ки Худо онро супориш дода, бар ду поя устувор мебошад:

Аввал: тарс ва фурӯтанӣ дар баробари Худо.

Дуввум: Муҳаббати комил ва гироиши том ба Аллоҳ таъоло.

Бино бар ин, барои ибодати Худо фарз намуда лозим ва зарур аст, ки дар он фурӯтанӣ ва тарси том, муҳаббат ва умеди комил вуҷуд дошта бошад.

Муҳаббати сирф, ки дар он тарсу фурӯтанӣ нест, ибодат ҳисобида намешавад, монанди муҳаббати инсон нисбат ба таъом ва молу сарват, инчунин тарсу хавфи бе муҳаббат ҳам ибодат шуморида намешавад, монанди тарсидани инсон аз ҳайвони даранда, вале вақте тарсу муҳаббат дар амали банда ҷамъ шавад, ибодати мақсуд ба даст меояд. Бояд бидонем,ки ибодату бандагӣ танҳо барои Худованди якто мебошад.

**(*И) Тавҳид сабаби қабули ибодат аст:***

Ба дурустие ки агар дар ибодати Худо тавҳиду яктопарастии ӯ риъоя шавад, амали мазкурро ибодату бандагӣ номида мешавад,зеро ибодате ки дар он ширк вуҷуд дошта бошад (барои Худо шарик ва ҳамто қарор додани чизе), ибодати мазкур нодуруст буда, Аллоҳ таъоло онро қабул нахоҳад кард.

Ҳамон шахсеро метавон бандаи Худо гуфт, ки у Худоро воқеъан бо тавҳидаш ибодат карда бошад, вале ҳар касе дар ибодати Худо чизеро шарик ва ҳамто қарор диҳад, шахси мазкур бандаи Худо намебошад.

Аз ин ҷо фаҳмида мешавад, ки ба якаву ягонагии Аллоҳ таъоло эътиқод кардан ва дар баробари ӯ шарику ҳамто қоил нашудан, шарти қабули ибодатҳо дар назди Худо

мебошад. Илова бар ин анҷом додани ибодат бояд мувофиқи шариъат (қавонини ислом) ва суннати паёмбари Худо(с) сурат гирад.

Барои қабул шудан ҳар амал дар назди Худо ду шарти зерин лозим аст: Аввал ин ки банда фақат Худои якторо ибодат намояд. Дувум ин ки тибқи фармудаи Худо ва паёмбар ибодат намояд, чи тавре ки Худованд мегӯяд: **[Оре ҳар касе ки сари таслим барои Худо фурӯд овард (дар ибодати Худо тавҳид ва ихлос намояд) ва ӯ накӯкор бошад, (пайрави расули Худо(с) бошад) пас аҷру подоши ӯ дар назди Парвардигораш буда, онҳоро ҳеҷ хавфу тарс ва ғамгиние фаро намегирад.]** **("Бақара"112)**

***(К) Ширк:***

Ширк муқобили имон овардан ба улуҳияти Худованд мебошад, вақте, ки имон овардан ба улуҳияти Худованд ва парастидани ягонагии ӯ аз бузургтарин воҷибот бошад, пас барои Худованд шарику ҳамто қарор додан бузургтарин гуноҳ ба шумор меравад, ки Худованд онро намеомурзад. Аллоҳ таъоло мегӯяд:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ لَا يَغۡفِرُ أَن يُشۡرَكَ بِهِۦ وَيَغۡفِرُ مَا دُونَ ذَٰلِكَ لِمَن يَشَآءُ ﴾

**[Ҳароина Худованд касеро, ки ба Ӯ ширк орад, намеомурзад ва ғайри ширк дигар гуноҳонро барои касе ки хоҳад мағфират менамояд.]** **("Нисо"48)**

Инчунин дар ҷои дигар фармуда:

﴿ إِنَّ ٱلشِّرۡكَ لَظُلۡمٌ عَظِيمٞ ﴾

**[Ҳамоно ширк гуноҳи бузург аст.]** **("Луқмон"13)**

Ва вақте, ки паёмбари Худоро пурсиданд, кадом гуноҳ дар назди Худо бузургтар аст? Паёмбар(с) гуфт: **"Бузургтарин гуноҳ ин аст, ки барои Худо шарик ва ҳамто қарор бадиҳӣ дар ҳоле, ки ӯ туро офаридааст."**

لما سئل رسول الله ﷺ عن أي الذنب أعظم عند الله؟ قال : «أن تجعل لله نداً وهو خلقك»

Ширк ҳама тоъатҳои инсонро фосиду вайрон намуда, сабабгори ин мешавад, ки соҳибаш дар оташи дӯзах ҷовидона месӯзад, Худованд мефармояд:

﴿وَلَوْ أَشْرَكُوا لَحَبِطَ عَنْهُم مَّا كَانُوا يَعْمَلُونَ﴾

**[Ва агар ба Худо шарику анбоз биёваранд ҳароина маҳв хохад шуд подошу савоби аъмолашон.]** **("Анъом"88)**

**[Ҳамоно касе ки ба Худо ширк меорад, яқинан Худованд биҳиштро бар ӯ ҳаром гардонда, ҷойгоҳи ӯ дӯзах мебошад.]** **("Моида"72)**

***Ширк ду қисм аст:***

Яке ширки акбар (бузург). Дуввумӣ ширки асғар (хурд).

***Ширки акбар*** ин аст, ки банда яке аз ибодатҳоро барои ғайри Худо анҷом диҳад бино бар ин ҳар қавлу амали писандидае ки барои Худо карда шавад, тавҳид ва имон номида мешавад ва агар он амали мазкурро барои ғайри Худо анҷом дода шавад, пас он қавлу амал ширку куфр ба ҳисоб меравад, монанди ин ки банда аз ғайри Аллоҳ таъоло ризқу рӯзи, саломатӣ ва тандурустӣ бипурсад ва ё барои ғайри Худо саҷда кунад. Худованд дар ин маврид мефармояд: **[Ва гуфтааст Парвардигоратон, дуъо кунед маро, то қабул намоям дуъоятонро.]** **("Ғофир"60)**

**[Ва бар Худо таваккул намоед, агар мӯъмини воқеи ҳастед.]** **("Моида"23)**

**[Баъд аз ин барои Худо саҷда ва ибодат намоед.]** **("Наҷм"62)**

Чун дуъо кардан, таваккул намудан, саҷда кардан аз ибодатҳои фармудаи Худост, аз ин рӯ касе, ки ин амалҳоро фақат барои Худо анҷом диҳад, мӯъмини муваҳҳид (яктопараст) буда ва касе ки ибодатҳои мазкурро барои ғайри Худо иҷро намояд, мушрик ва кофир мебошад.

***Ширки асғар:*** ҳар қавлу амале ки сабаби расидан ба ширки акбар бошад, ширки асғар номида мешавад, монанди ихтиёр кардани масҷид дар қабристон. Ба ин тариқа, ки намозро дар қабристон гузорад ё дар дохили қабристон масҷиде бино кунад, тамоми ин корҳо дар ислом ҳаром буда, кунандааш аз раҳмати Худо ронда шуда, мавриди лаънати Аллоҳ таъоло қарор мегирад, зеро ки расули Худо(с) гуфта аст:

«لعنة الله على اليهود والنصارى اتخذوا قبور أنبيائهم مساجد»

**“Лаъснати Худо бар яҳудон ва насрониён, ки қабри паёмбаронашонро масҷид қарор доданд.”** (Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)

Бино бар ин ихтиёр намудани қабрҳо барои саҷда кардану намоз хондан ҳаром буда, гуноҳи бузург мебошад, зеро ки амали мазкур сабаби дуъо намудану пурсидани ҳоҷат аз мурдагон мешавад,ки ин амал(аз мурдагон ҳоҷат пурсидан) ширки акбар мебошад.

***4 - ИМОН ОВАРДАН БА НОМҲО ВА СИФОТИ АЛЛОҲТАЪОЛО***

(А). Имони ба асмо ва сифоти Худо ин аст, ки ту ба номҳои Худованд, ки онҳо дар Қуръон ва ҳадиси паёмбар(с) омадааст ва низ ба сифатҳои лоиқ ба зоти Парвардигор бовар намуда, иқрор намоӣ, ки Худованди пок дар номҳо ва сифоти хеш мислу монанде надорад, чи тавре, ки ӯ мефармояд:

﴿ فَاطِرُ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِۚ جَعَلَ لَكُم مِّنۡ أَنفُسِكُمۡ أَزۡوَٰجٗا وَمِنَ ٱلۡأَنۡعَٰمِ أَزۡوَٰجٗا يَذۡرَؤُكُمۡ فِيهِۚ لَيۡسَ كَمِثۡلِهِۦ شَيۡءٞۖ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ﴾

**[Ӯ таъоло офаринандаи осмонҳо ва замин аст, барои шумо аз ҷиннсатон занонро пайдо кард ва аз ҷиннси чорпоён барояшон ҷуфт - ҷуфт пайдо сохт. Шуморо дар ҳамин шакли офариниш мунташир месозад ва чизе монанди ӯ нест ва ӯ шунаво ва биност.] ("Шуро"11)**

Бинобар ин Худованди таъоло аз шабоҳат доштан ба яке аз бандагонаш муназзаҳ ва пок мебошад. Номҳои Худо бисёр буда, баъзе аз онҳо Арраҳмон-Бахшоянда, Албасир-Бино, Алазиз-Ғолибу чирадаст мебошанд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ ﴾

**[Аллоҳ таъоло бахшояндаву меҳрубон аст.]** **("Фотиҳа"3)**

﴿ وَهُوَ ٱلسَّمِيعُ ٱلۡبَصِيرُ ﴾

**[ Ҳақтаъоло шунавову биност.]** **("Шуро"11)**

﴿ وَهُوَ ٱلۡعَزِيزُ ٱلۡحَكِيمُ ﴾

**[Ва ӯ ғолибу доност.]** **("Луқмон"9)**

***(Б) таъсирот ва натоиҷи имон ба асмо ва сифоти Худованд***

Баъзе аз натоиҷ ва осори имон овардан ба номҳову сифоти худовандро ба тариқи зайл баён мекунем:

1. Ҳар касе ба номҳо ва сифоти Худо имон биёрад Худошиносиаш зиёд гашта ва боиси афзудани имон ва якапарастии Худо мегардад.

2. Сипос ва ситоиш намудани Худованд ба номҳои некаш аст, ки ин беҳтарин навъи зикр мебошад. Худованд мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱذۡكُرُواْ ٱللَّهَ ذِكۡرٗا كَثِيرٗا ﴾

[Эй касоне ки имон овардаед, зикр кунед Худорозикри бисёр.] **("Аҳзоб"41)**

3. Дуъо кардан ва пурсидани ҳоҷат аз Худо ба номҳо ва сифоташ чунон, ки ӯ мефармояд:

﴿ وَلِلَّهِ ٱلۡأَسۡمَآءُ ٱلۡحُسۡنَىٰ فَٱدۡعُوهُ بِهَا ﴾

**[Ва барои Худо номҳои нек аст пас дуъо кунед Худоро бо он номҳо.]** **("Аъроф"180)**

Монанди ин ки бигӯяд банда: Бор Худоё! Аз ту масъалат менамоем, ки ту раззоқӣ, пас маро рӯзӣ бидеҳ …

4. Некбахтӣ, ҳаёти хуш дар дунё ва неъматҳои биҳишт дар охират.

## ОСОРИ ИМОН БА ХУДОИ ТАЪОЛО

Албатта имон овардан ба Худои таъоло дар дунё ва охирати инсон таъсироти хуб дошта,ӯро аз тамоми фасод ва бадӣҳо нигоҳ медорад. Дар поён баъзе осори имонро арз менамоем:

1. Худованд мӯъминонро аз тамоми мушкилот ва мусибатҳо наҷот дода, аз тамоми найранги душман онҳоро нигоҳ медорад, чи тавре ки Худованд фармуда:

﴿ إِنَّ ٱللَّهَ يُدَٰفِعُ عَنِ ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ ﴾

**[Ҳароина Худованд дифоъ мекунад аз касоне ки имон овардаанд.]** **("Ҳаҷ"38)**

2. Имон овардан ба Худо сабаби ҳаёти гуворо, саъодат ва хурсандӣ мегардад. Худованд мегӯяд:

﴿ مَنْ عَمِلَ صَٰلِحًا مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُۥ حَيَوٰةً طَيِّبَةً ﴾

**[Касе ки аз марду зани шумо амали нек намояд ва ӯ мӯъмин бошад, пас ҳароина ӯро зиндагонии пок мебахшем.]**

**("Наҳл"97)**

3. Имони ба Худо дилҳоро аз хурофот (чизҳои беасос) пок месозад. Ҳар касе ки воқеъан ба Худо имон оварда бошад, тамоми корҳои худро ба Худованди якто, ки Парвардигори оламиён аст, вогузор мекунад, аз ҳамин ҷиҳат ӯ аз ҳеҷ махлуқ натарсида, ба ҳеҷ касе ҳам дил намебандад, ки дар натиҷа шахси мазкур аз хурофот ва ваҳму тарс наҷот меёбад.

4. Комёбӣ, растагорӣ ва аз тамоми хавфу даҳшат дар амон мондани бандаи мӯъмин аз натоиҷ ва таъсири имонаш мебошад, чи тавре ки Худованд дар васфи мӯъминон

мефармояд:

﴿ أُوْلَٰٓئِكَ عَلَىٰ هُدٗى مِّن رَّبِّهِمۡۖ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ﴾

**[Эшон (мӯъминон) бар ҳидояти Худованд ҳастанд ва онҳоянд растагорон.]** **("Бақара"5)**

5. Бузургтарин осор ва натоиҷи имон ба даст овардани ризои Худованд, даромадани биҳишт ва комёб шудан ба неъматҳои ҷовидонаи он ва низ раҳмати Худованд мебошад.

## ПУРСИШҲО АЗ МУҚАДДИМАИ КИТОБ ВА АЗ МАВЗӮЪҲОИ ИМОН ОВАРДАН БА ВУҶУДИ ХУДО ВА БА РУБУБИЯТИ ХУДО

С 1. Ақида ва шариъат чист?

С 2. Асосҳои ақидаи исломиро бо далел зикр намоед?

С 3. Барои ин ки ақидаи исломӣ муҳимтарин воҷибот ва қарзи банда аст, як далел биёред.

С 4. Барои ҳар яке аз ҷумлаҳои зерин далел ва бурҳон биёред:

– Ақидаи исломи оромӣ ва некбахтиро ба вуҷуд меорад.

– Ақидаи исломӣ фаровонии ризқро ба вуҷуд меорад.

– Ақидаи исломӣ сабаби қувват ва тамкин дар рӯи замин мебошад.

С. 5. Имони ба Худо чӣ маъно дошта? Ва чиро дар бар мегирад?

С. 6. Оё иқрор намудани инсон ба вуҷуди Худои таъоло амри фитрист? Барои исботи ин як далел биёред.

С. 7. Маънои ояти зерин чист:

﴿ أَمۡ خُلِقُواْ مِنۡ غَيۡرِ شَيۡءٍ أَمۡ هُمُ ٱلۡخَٰلِقُونَ ﴾

С. 8. Ҷаҳон ва мавҷудоташ бо як назми дақиқ пеш меравад, барои ин гуфта як далел биёред.

С. 9. Маънои имон овардан ба рубубияти Аллоҳ таъоло чист?

С. 10. Маънои рабулоламин чист?

С 11. Оё мушрикони араб ба рубубияти Худо иқрор доштанд? Далелашро бигӯед!

С 12. Барои ин ки ҷаҳон аз Худованд итоъат ва фармонбардорӣ мекунад далеле бигӯед!

С 13. Имон овардан ба рубубияти Худованд бар дӯши мо чӣ масъулиятеро мегузорад?

**ПУРСИШҲО ДАР МАВЗӮЪИ ИМОН ОВАРДАН БА УЛУҲИЯТИ ХУДОВАНДИ ТАЪОЛО**

С 1. Маънои имон овардан ба улуҳияти Худои таъоло чист?

С 2. Аз аҳамияти имон овардан ба улуҳияти Худои таъоло сухан гуфта, далелҳо биёред!

С 3. Маънои ло илоҳа иллаллоҳ чист?

С 4 . Аркони ло илоҳа иллаллоҳро бо маънояшон баён кунед.

С 5. Маънои нафй (инкор) ва исботро дар оятҳои зерин равшан созед:

﴿ وَٱعۡبُدُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُشۡرِكُواْ بِهِۦ شَيۡـٔٗا ﴾

**[Ва парастиш кунед Худовандро ва чизеро ба Худованд шарик (анбоз) қарор надиҳед.]** **("Нисо"36)**

﴿ وَقَضَىٰ رَبُّكَ أَلَّا تَعۡبُدُوٓاْ إِلَّآ إِيَّاهُ ﴾

**[Ва ҳукм кард Парвардигорат, ки ҷуз худаш касеро ибодат накунед.]** **("Исро"23)**

﴿ إِنَّنِي بَرَآءٞ مِّمَّا تَعۡبُدُونَ ٢٦ إِلَّا ٱلَّذِي فَطَرَنِي ﴾

**[Ҳароина ман безор ҳастам аз он чи, ки шумо парастиш мекунед, магар зотеро, ки офарид маро.]** **("Зухруф"26-27)**

С. 6. Яке аз шартҳои ло илоҳа иллаллоҳ илм аст, далели инро зикр кунед.

С. 7. Бақияи шартҳои ло илоҳа иллаллоҳро бо далелҳояшон зикр кунед.

С. 8. Ибодатро шарҳ намуда, барои он мисол биёред! Ва оё маънои ибодат дар намозу рӯза маҳдуд аст? Ҷавоби ботафсил диҳед.

С. 9. Аз мӯҳтоҷ будани мо ба ибодати Худо ва низ аз шодмониву неъмате ки дар ибодат аст, ҳарф бизанед.

С. 10. Аркони ибодат чист? Бо шарҳу тафсил ҷавоб гуед.

С. 11. Ҷумлаҳои зеринро пурра бисозед:

Ибодати Худо фармуда, ибодат шуморида намешавад, магар вақте ки……

С. 12. Шумӣ ва бадбахтии ширкро дар охират бо далелҳо баён намоед.

С. 13. Ширки акбарро (бузург) бо мисолаш зикр намоед.

С. 14. Ширки асғарро (хурд) бо мисолаш баён кунед.

## ПУРСИШҲО ДАР МАВЗӮЪИ ИМОН ОВАРДАН БА НОМҲО ВА СИФОТИ ХУДОВАНД ВА ТАЪСИРОТИ ИМОН ОВАРДАН БА ХУДО

С. 1. Маънои имон овардан ба номҳо ва сифоти Худованд чист? Барои ҳар чизе ки мегӯед далел биёред!

С. 2. Ду самарае аз самараҳои имон ба номҳо ва сифоти Худовандро бозгӯ намоед!

С. 3. Ҷумлаҳои зеринро пурра намоед:

- Нигоҳдоштани Худованд мӯъминонро аз тамоми фасод ва бадиҳо яке аз асор ва натоиҷи имон овардан ба Худо мебошад. Далелаш……
- Зиндагии пок ва гуворо ҳам аз осору натоиҷи имон овардан ба Худо ба шумор меравад. Далелаш……

С. 4. Чигуна имон овардан дилҳоро аз хурофот пок месозад?

С. 5. Имон овардан сабаби комёбӣ дар дунё ва растагори дар охират аст. Барои ин гуфта як далел биёред.

## ТАВҲИДИ СИНФИ ДУВУМ

### 1. ИМОН ОВАРДАН БА ФАРИШТАГОН

***(А) МАЪНОИ ИМОН ОВАРДАН БА ФАРИШТАГОН:***

– Ба ҳастии фариштагон ва ба ин ки онҳо махлуқоти фармонбардори Худо ҳастанд, тасдиқи қатъӣ намуда, бовар менамоем. Худованд мефармояд:

﴿بَلْ عِبَادٌ مُّكْرَمُونَ ۝٢٦ لَا يَسْبِقُونَهُ بِالْقَوْلِ وَهُم بِأَمْرِهِ يَعْمَلُونَ﴾

**[Балки бандагони гиромианд (фариштагон) пешдастӣ намекунанд бар Худо ҳеҷ суханро ва онҳо тибқи фармони Худованд кор мекунанд.]** ("Анбиё"26-27)

**– Имон овардан ба фариштаҳо умури зайлро дарбар мегирад:**

1 – Имон овардан ба ҳастии фариштагон.

2 – Имон овардан ба тамоми фариштаҳо, хоҳ номашонро донем, (мисли Ҷабраил алайҳиссалом) ё надонем.

3 – Имон овардан ба корҳои фариштагон, ки онро тибқи фармони Худо анҷом медиҳанд, монанди тасбиҳ ва ибодат кардани онҳо Худоро шабу рӯз бидуни хастагӣ ва сустӣ.

﴿ءَامَنَ الرَّسُولُ بِمَا أُنزِلَ إِلَيْهِ مِن رَّبِّهِ وَالْمُؤْمِنُونَ كُلٌّ ءَامَنَ بِاللَّهِ وَمَلَٰٓئِكَتِهِ وَكُتُبِهِ﴾

Имон овардан ба фариштаҳо як рукне аз аркону пояҳои имон ба шумор меравад. Худованд мегӯяд:

**[Имон овардааст пайғамбар ба он чи фурӯ оварда шуда ба сӯи ӯ аз тарафи Худо ва низ ҳамаи мӯъминон имон оварданд ба Худо ва фариштагон ва китобҳои ӯ.]** ("Бақара"285)

Пайғамбари Худо(с) имонро баён карда мегӯяд: “Имон ин аст, ки ту бовар намоӣ ба Худо ва фариштаҳои Ӯ ва китобҳову пайғамбарони Ӯ ва ба рӯзи қиёмат ва инчунин имон биёрӣ ба тақдири неку бад.”

*(Б) СИФАТҲОИ ФАРИШТАГОН:*

Яке аз сифоти фариштагон ин аст, ки онҳо аз нур офарида шудаанд ва Худованди бузург хабар додааст, ки барои фариштагон болҳои гуногунадад офаридааст. Чунон чи ҳақ таъоло мефармояд:

﴿ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ فَاطِرِ ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ جَاعِلِ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ رُسُلًا أُوْلِيٓ أَجۡنِحَةٖ مَّثۡنَىٰ وَثُلَٰثَ وَرُبَٰعَۚ يَزِيدُ فِي ٱلۡخَلۡقِ مَا يَشَآءُۚ إِنَّ ٱللَّهَ عَلَىٰ كُلِّ شَيۡءٖ قَدِيرٞ﴾

**[Сипосу ситоиш Худойрост, ки офаринандаи осмонҳо ва замин аст ва фариштагонро расулони паёмбарони худ гардонид ва дорои ду ва се ва чаҳор болу пар қарор дод. Ҳар чи бихоҳад дар санъати офариниш меафзояд,ҳамоно Худованд бар ҳар чиз қодиру тавоност.]** **("Фотир"1)**

Гоҳо фаришта ба қудрати Худованд ба шакли марде табдил меёбад,чунон чи Ҷабраил алайҳиссаломро Худованд ба назди ҳазрати Марям ба сурати инсоне фиристода буд. Инчунин тамоми фариштагоне ки Худо онҳоро ба сӯи ҳазрати Иброҳим ва Лут алайҳимуссалом фиристод ба сурати мард буданд. Албатта, фариштагон як ҷаҳони ғайбӣ буда, махлуқони ибодаткунанда ва фармонбардори Аллоҳ таъоло мебошанд, ки дар онҳо ҳеҷ яке аз сифатҳои рубубият ва улуҳият намебошад,балки онҳо фақат бандагони мутеъ ва фармонбардори Худованд ҳастанд, чи тавре ки Эзиди пок дар бораи онҳо гуфта:

﴿لَّا يَعۡصُونَ ٱللَّهَ مَآ أَمَرَهُمۡ وَيَفۡعَلُونَ مَا يُؤۡمَرُونَ﴾

**[Аз фармони Худованд саркашӣ намекунанд ва ҳар коре ки фармон дода шаванд, онро анҷом медиҳанд.]** **("Тахрим"6)**

*(В) – АНВОЪИ ФАРИШТАГОН ВА КОРҲОЯШОН:*

Албатта, барои фариштагон корҳоест, ки онро дар ин

дунё анҷом медиҳанд ва фариштаҳо чанд қисм буда, ҳар яке ба кору амале муваззаф аст. Дар поён ба баъзе фариштагони муваззаф аз тарафи Худо (вазифадор) ишора менамоем:

1. Фариштаи муваззаф ба овардани ваҳӣ (пайғом) аз тарафи Худо ба сӯи паёмбаронаш, ки Ҷабраил алайҳиссалом мебошад.

2. Фариштаи муваззаф ба борон ва гардондани он ба ҳар самт.

3. Фариштаи муваззаф ба сур (шайпур, ки дар он бидамад) Исрофил алайҳиссалом мебошад.

4. Фариштаи муваззаф ба гирифтани ҷонҳо, ки ӯ Малакулмавт Азроил алайҳиссалом мебошад.

5. Фариштагони муваззаф ба ҳифз намудан ва навиштани амали банда, хоҳ нек бошад ё бад, ки онҳо Киромалкотибин мебошанд.

6 – Фариштагони муваззаф ба муҳофизат ва нигоҳдорӣ,ки бандаро дар вақти истиқомат кардан, сафар намудан, хоб рафтан, бедор будан, умуман дар тамоми ҳолатҳо муҳофизату нигаҳбони менамоянд, ки онҳо фариштагони дунболгиранда мебошанд.

Баъзе аз фариштаҳо посбонони биҳишт ва баъзе дигар посбонони дӯзах мебошанд. Баъзе фариштагон дар маҷлисҳои хайру зикр гашту гард намуда ва баъзе дигар муваззаф ба кӯҳҳо мебошанд. Баъзе аз фариштагон ҳамеша дар боргоҳи Худо саф кашида, ибодати Худоро бидуни хастагӣ ва сустӣ ба ҷо меоранд ва адади лашкари Худоро ҷуз ӯ каси дигар намедонад.

***Д. ОСОРУ НАТОИҶИ ИМОН ОВАРДАН БА ФАРИШТАГОН.***

Имон овардан ба фариштаҳо дар ҳаёти бандаи мӯъмин таъсироти бузург дошта, баъзе аз онро ба тариқи зайл баён мекунем:

1. Шинохтани азамату бузургӣ ва қуввату қудрати Худованд аст, зеро ки бузургии махлуқ бар бузург будани

холиқ (офаридгор) далолат менамояд.

Вақте бандаи мӯъмин мефаҳмад, ки Худованд аз нур фариштагони болдор офарида, имон ва таъзими Ӯ барои Худо зиёд мегардад.

2. Пойбандӣ дар тоъату фармонбардории Худо. Аз ин рӯ ҳар касе имон биёрад ба ин ки фариштагон тамоми аъмолу корҳои ӯро менависанд, албатта, ин имон ва бовар барояш хавфу тарси Худоро мебахшад ва ӯ на пинҳон, на ошкор ба маъсият ва гуноҳ даст нахоҳад зад.

3. Сабр кардан дар итоъати Худо ва эҳсоси оромӣ ва улфату шодмонӣ. Зеро вақте ки бандаи мӯъмин яқин мекунад, ки дар ин ҷаҳони паҳновар ҳазорон фариштагоне ҳастанд, ки Худоро хуб ибодат ва парастиш мекунанд.

4. Шукргузорӣ намудан ба Худованди таъоло бино бар аҳамият доданаш ба фарзандони одам, зеро ки Аллоҳ таъоло баъзе фариштагонро муваззаф кардааст, то инсонро ҳимоят ва нигоҳбонӣ кунанд.

5. Вақте инсон Малакулмавтро ба ёд меорад, ки ӯ ҷони мардумро кашида мегирад, бегумон ба ин ҳақиқат пай мебарад, ки дунё бебақо ва нестшавандааст, аз ҳамин ҷиҳат ӯ барои рӯзи қиёмат бо имон овардан ва амалҳои накӯ тайёрӣ мебинад.

## ИМОН ОВАРДАН БА КИТОБҲО

***А - МАЪНОИ ИМОН ОВАРДАН БА КИТОБҲО.***

Ба ин ки Худованд бар паёмбаранаш китобҳо фиристода ва ба ин ки он китобҳо калому гуфтаи Худо аст ва ба ин ки дар он китобҳо ҳақиқат, рӯшноӣ ва ҳидояти мардум мебошад, тасдиқи қатъӣ намуда имон меорем. Имон овардан ба китобҳо се амри зеринро дар бар мегирад:

1. Имон овардан ба ин ки ҳақиқатан ин китобҳо аз тарафи Худо фиристода шудааст.

2. Имон овардан ба китобҳое ки Худо аз онҳо ном бурдааст, монанди Қуръони карим, ки бар паёмбари мо

ҳазрати Муҳаммад(с) ва Тавроте ки бар ҳазрати Мусо алайҳиссалом ва Инҷил, ки бар ҳазрати Исо алайҳиссалом фурӯ фиристода шудааст.

3 – Тасдиқ намудани хабарҳои соҳеҳи китобҳои мазкур, монанди хабарҳои Қуръон. Имон овардан ба китобҳо яке аз аркони имон мебошад, чи тавре ки Худованди пок мефармояд:

﴿يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ ءَامِنُواْ بِٱللَّهِ وَرَسُولِهِۦ وَٱلْكِتَٰبِ ٱلَّذِى نَزَّلَ
عَلَىٰ رَسُولِهِۦ وَٱلْكِتَٰبِ ٱلَّذِىٓ أَنزَلَ مِن قَبْلُ﴾

**[Эй мӯъминон! имон биёред ба Худо ва паёмбари ӯ ва ба китобе ки фурӯ фиристод, онро бар паёмбараш ва имон биёред ба китобе ки фурӯ фиристод пеш аз ин.]** **("Нисо"136)**

Биноан Худованди бузург моро амр карда, ки ба ӯ ва паёмбараш ва низ ба китобе ки ба Муҳаммад(с) фиристодааст, имон биёрем, чи тавре ки моро ба имон овардан ба китобҳое ки пеш аз Қуръон фиристода шудааст, низ амр менамояд.

Паёмбари Худо(с) имонро чунин баён кардааст: (Имон ин аст, ки ту бовар намоӣ ба Худо ва фариштаҳои ӯ ва китобҳову пайғамбарони ӯ ва ба рӯзи қиёмат ва инчунин имон биёрӣ ба тақдири некӣ ва бадӣ.)

***Б – ФАЗИЛАТҲОИ ҚУРЪОНИ КАРИМ.***

Ҳақиқатан Қуръони карим каломи Худованд буда, бар паёмбар ва пешвоямон фиристода шудааст, аз ҳамин ҷиҳат бандаи мӯъмин ин китобро эҳтиром карда, аз аҳкоми он пайравӣ намуда, бо андеша ва тафаккур онро тиловат менамояд.

Барои мо ҳамин кофист, ки Қуръон моро дар дунё ҳидоят намуда, сабаби сарфарозии мо дар охират мегардад.

Қуръони карим фазилатҳо ва хусусиятҳои зиёде дорад, ки дар китобҳои осмонии дигар хусусиятҳои мазкур мавҷуд

нест. Мо дар ин ҷо баъзе аз онҳоро ба тариқи зерин бозгӯ менамоем:

1. Қуръони карим хулосаи аҳкоми илоҳиро дар бар гирифта, тамоми фармонҳои яктопарастӣ ва ибодат кардани Худоро,ки дар китобҳои осмонии гузашта низ омада, тасдиқ ва таъкид менамояд. Худованд фармуда:

﴿ وَأَنزَلْنَآ إِلَيْكَ ٱلْكِتَٰبَ بِٱلْحَقِّ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ ٱلْكِتَٰبِ وَمُهَيْمِنًا عَلَيْهِ ﴾

**[Ва мо ин китоб (Қуръон)-ро ба ҳаққу ростӣ бар ту фиристодем, ки он тасдиққунанда ва гувоҳӣдиҳандаи бар ҳақиқати китобҳои осмониест, ки пеш аз он нозил шудааст.]** **("Моида"48)**

Маънои ﴿ مُصَدِّقًا لِّمَا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ ٱلْكِتَٰبِ ﴾ ин аст ки Қуръон он ахбору гуфтаҳои дурустеро ки дар ин китобҳост,тасдиқ мекунад ва «مهيمناً عليه» ин маъноро ифода менамояд, ки Қуръони азим бар ҳақиқати он чи ки дар китобҳои осмонии гузашта омадааст,гувоҳӣ медиҳад.

2. Бар ҳамаи мардум лозим аст, ки ба Қуръони карим чанг зада, тибқи гуфтаи он амал намоянд. Бар хилофи китобҳои осмонии гузашта, ки онҳо барои қавмиятҳои муъайян фиристода шудааст. Худованд фармуда:

﴿ وَأُوحِيَ إِلَيَّ هَٰذَا ٱلْقُرْءَانُ لِأُنذِرَكُم بِهِۦ وَمَنۢ بَلَغَ ﴾

**[Бигӯ, эй паёмбар, ваҳй карда шуд ба сӯи ман ин Қуръонро то бим диҳам ба воситаи он шуморо ва низ касеро, ки ба ӯ Қуръон расида бошад.]** **("Анъом"19)**

3. Ҳақиқатан Худованди таъоло муҳофизату нигоҳдории Қуръони азимро аз ҳар гуна таҳрифот (дигаргусозии душманон) кафолат додааст, чӣ тавре ки Худованди пок мефармояд:

﴿ إِنَّا نَحْنُ نَزَّلْنَا ٱلذِّكْرَ وَإِنَّا لَهُۥ لَحَٰفِظُونَ ﴾

**[Ҳароина мо фурӯ фиристодем Қуръонро ва албатта мо нигаҳбони ӯ ҳастем.]** **("Ҳиҷр"9)**

**В – МАСУЛИЯТИ МО ДАР БАРОБАРИ ҚУРЪОНИ КАРИМ:**

Вақте мо ба баъзе фазилатҳо ва хусусиятҳои бузурги Қуръон ошноӣ пайдо намудем, пас бояд бидонем, ки масъулияту уҳдадории мо дар баробари Қуръон чист?

– Лозим аст бар мо дӯст доштану эҳтиром кардани Қуръони карим, зеро ки он сухани Худованди бузург мебошад, ки сухани Худо росттарин ва беҳтарин суханҳост.

– Лозим аст бар мо пайравии аҳкоми Қуръон ва итоъат намудани фармонҳояш.

سئلت عائشة رضي الله عنها عن خلق النبي ﷺ، فقالت: كان خلقه القرآن

Вақте аз ҳазрати Оиша (р) ахлоқу рафтори паёмбарро пурсиданд, гуфт: Ахлоқи паёмбари Худо(с) Қуръон буд, яъне он ҳазрат(с) тамоми аҳком ва фармонҳои Қуръонро дар ҳаёташон амалӣ намуда, воқеъан аз тамоми нишондодҳои Қуръон комилан пайравӣ кардаанд. Аз ҳамин ҷиҳат воҷиб аст бар мо пайравии он ҷаноб(с), зеро ки ӯ намунаи нек барои ҳар яке аз мост. Чунон чи Худованд мефармояд:

﴿ لَّقَدۡ كَانَ لَكُمۡ فِي رَسُولِ ٱللَّهِ أُسۡوَةٌ حَسَنَةٞ لِّمَن كَانَ يَرۡجُواْ ٱللَّهَ وَٱلۡيَوۡمَ ٱلۡأٓخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرٗا ﴾

[Ҳароина ҳаст барои шумо дар шахсияти паёмбари Худо(с) намуна ва улгуи хуб барои касе ки умед дорад савоби Худо ва рӯзи охиратро ва ёд кунад Худоро бисёр.] **("Аҳзоб"21)**

***В – ТАҲРИФ КАРДАНИ (ДИГАРГУН НАМУДАН) КИТОБҲОИ ОСМОНИИ ГУЗАШТА:***

﴿ مِّنَ ٱلَّذِينَ هَادُواْ يُحَرِّفُونَ ٱلۡكَلِمَ عَن مَّوَاضِعِهِۦ ﴾

Худованди таъоло дар Қуръони карим хабар додааст, ки аҳли китоб (яъне яҳудиён ва насрониён) китобҳои илоҳиро (Таврот ва Инҷилро) тағйир додаанд. Аз ҳамин ҷиҳат китобҳои мазкур дар он шакле ки Худо фиристодааст,

боқӣ намонданд, зеро ки яҳудиён Тавротро таҳрифу табдил намуда, ба аҳкоми он бозӣ намуданд. Худованд фармуда:

**[Баъзе аз яҳудиён тағир медиҳанд суханҳои Худоро аз ҷойҳояшон.]** **("Нисо"46)**

Инчунин насрониён Инҷилро таҳриф намуда, ҳукмҳои онро дигаргун сохтаанд. Худованд аз ин амали насрониён ҳикоят карда мегӯяд:

**[Ҳамоно бархе аз аҳли китоб (яҳудиён ва насрониён) қироъати китоби осмониро тағйир ва табдил медиҳанд,то он чи аз пеши худ хонданд,аз китоби Худо ҳисоб намоянд ва ҳаргиз он таҳрифшуда аз китоби Худо нахоҳад буд ва гӯянд ин оятҳо аз ҷониби Худо нозил шуда,дар сурате ки ҳагиз он аз ҷониби Худо нест ва бо вуҷуди он ки медонанд(таҳрифи худи онҳост), ба Худо дуруғ мебанданд.]** **("Оли Имрон"78)**

Бино бар ин Тавроте, ки алъон вуҷуд дорад, он Таврoти аслӣ намебошад, ки ба Мӯсо(ъ) нозил шудааст ва (инчунин) Инҷиле ки алъон дар дасти мардум қарор дорад, ҳамон Инҷили аслӣ намебошад, ки ба Исо(ъ) фиристода шудааст. Албатта, Тавроту Инҷиле ки дар дасти яҳудиён ва насрониён аст, ақидаҳои фосид, хабарҳои гизоф ва ҳикояҳои дуруғинро дарбар мегирад. Аз ин рӯ он чизеро, ки Қуръони карим ё аҳодиси паёмбар(с) дар китобҳои мазкур тасдиқ намудааст, рост мепиндорем ва он чизеро, ки Қуръон ва аходиси паёмбар(с) такзиб намуда (дуруғ шумурда) аст, дуруғ мепиндорем.

***Г – ОСОР ВА НАТОИҶИ ИМОН БА КИТОБҲО***

Имон овардан ба китобҳои Худо таъсирот ва натоиҷи фаровоне дорад, ки баъзе аз онҳоро баён мекунем:

1 Пай бурдан ба эҳтимом ва раҳмати Худованд нисбати бандагонаш, ки Аллоҳ таъоло барои ҳар қавме китоб фиристодааст, то ба воситаи он китоб эшонро ба роҳи рост ҳидоят намуда, дар дунё ва дар охират некбахташон созад.

2 – Фаҳмидани ҳикмату асбоби илоҳӣ дар қонунгузорӣ барои ҳар қавме ки Худованд муносиби ҳол ва мизоҷашон шариъату дастур фиристодааст, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ لِكُلٍّ جَعَلْنَا مِنكُمْ شِرْعَةً وَمِنْهَاجًا ﴾

**[Барои ҳар қавме шариъат ва роҳе муқаррар намудем.]**

**("Моида"48)**

3 – Шукргузорӣ кардан аз Худованд барои китобҳои мазкур, зеро ки китобҳояш сар то сар рӯшноӣ ва ҳидоят дар дунё ва охират мебошад. Аз ин рӯ воҷиб аст бар мо, ки Худовандро бар ин неъматҳои бузургаш сипосу ситоиш кунем.

## ИМОН ОВАРДАН БА ПАЁМБАРОН

А) **ҲОҶАТ ВА НИЁЗИ МАРДУМ БА ПАЁМИ ИЛОҲӢ:**

Паёми илоҳӣ барои бандагон чизи муҳим буда, мардум ба он ҳамеша ниёзманд мебошанд. Инчунин паёми илоҳӣ рӯҳи олам ва рӯшноиву ҳаёти он мебошад, пас чи тавр барои ҷаҳоне, ки аз рӯҳ ва ҳаёту рӯшнои холист, ободӣ ва беҳбудиро тасаввур карда мешавад.

Дунё саросар торик буд,то ин ки хуршеди рисолат (паёми илоҳӣ) бар он тулӯъ намуд. Ноил шудан ба саъодат ва растагори дар дунё ва охират низ ба воситаи паёмбарон мебошад, чи тавре ки шинохтани хубу зишт ҳам ба василаи даъваташон ба даст меояд. Аз ҳамин ҷиҳат Худованд рисолат (паёмаш) ро рӯҳ номидааст, ки вақте рӯҳ аз бадан барояд, ҳаёт ва зиндагонӣ несту нобуд мешавад. Худованд фармуда:

**[Ва ҳамин гуна мо рӯҳ (Ҷабраил)ро ба фармони хеш барои ваҳӣ ба сӯи ту фиристодем, ки пеш аз ин намедонистӣ китоби Худо чист ва намефаҳмидӣ, ки роҳи имон ва шаръ кадом аст, валекин мо он китоб ва шаръро нур гардондем, ки ҳар касе аз бандагони худро бихоҳем ба он ҳидоят мекунем.]**

Имон овардан ба паёмбарон яке аз аркони имон мебошад, Худованди пок фармуда:

**[Паёмбар ба он чи ки фурӯ фиристода шуд ба сӯи Ӯ аз ҷониби Парвардигор имон овардааст ва ҳамаи мӯъминҳо ба Худо ва фариштагони ӯ ва ба китобҳо ва паёмбарони Худо низ имон овардаанд.]**

Ин ояти карима далолат бар ин мекунад, ки имон овардан ба ҳамаи паёмбарон (ъ) воҷиб аст, аз ин рӯ набояд, ки мисли яҳудиён ва насрониён ба баъзе паёмбарон имон оварда ва ба баъзеяшон кофир шавем. Паёмбари Худо (с) имонро ба тариқи зайл баён кардааст: **“Имон ин аст ки ту ба Худо ва фариштагон ва ба китобҳову паёмбаронаш бовар намоӣ ва инчунин ба рӯзи растохез ва тақдири нек ва бад низ имон биёварӣ.”**

Ҳақиқатан, ранҷ бурдани давлатҳои бузурги пешрафта аз изтироб, ноороми, бадбахтӣ, парокандагӣ ба сабаби рӯй гардондани онҳо аз паёми илоҳӣ мебошад.

***Б – МАЪНОИ ИМОН ОВАРДАН БА ПАЁМБАРОН:***

Ба ин ки Худованд дар ҳар миллат аз ҷинси онон паёмбар мефиристад, то онҳоро ба паристиши Худои ягона даъват намояд ва ба ин ки тамоми паёмбарон ростгӯ, тасдиқшуда, парҳезгор, амин ва ҳидоятгару роҳёфтагон буда ва ба ин ки паёмбарон тамоми паёмҳои илоҳиро бе каму кост, пинҳон нокарда ба мардум расондаанд, тасдиқи қатъӣ намуда, бовар менамоем, чи тавре ки Аллоҳи пок фармуда:

﴿فَهَلۡ عَلَى ٱلرُّسُلِ إِلَّا ٱلۡبَلَٰغُ ٱلۡمُبِينُ﴾

**[Пас бар паёмбарон ҷуз паём расонидани ошкоро чизи дигар воҷиб нест.]** **("Наҳл"35)**

Ва инчунин имон меорем ба ин ки тамоми паёмбарон барҳақ буда ва ҳамаи онҳо мардумро ба сӯи ақидаи тавҳид фаро мехонданд. Чунон чи Худованд мегӯяд:

**[Ва ҳамоно дар миёни ҳар қавме паёмбареро фиристодем, то ба халқ бирасонад,ки Худои якторо парастед ва аз бутон парҳез намоед.]** ("Наҳл"36)

Ва гоҳо дар масоили ҷузъие, ки марбути ҳарому ҳалол аст, миёни шариъатҳои паёмбарон баъзе тафовут ва фарқиятҳо дида мешавад. Чи тавре ки Худованди бузург фармуда:

**[Ҳароина барои ҳар гурӯҳе, аз шумо шариъат ва роҳе муқаррар намудем.]** ("Моида"48)

### ИМОН ОВАРДАН БА ПАЁМБАРОН ЧАҲОР АМРИ ЗЕРИНРО ДАР БАР МЕГИРАД:

1. Имон овардан ба ин ки паёми онҳо ҳақ буда, аз ҷониби Худованди бузург аст. Бино бар ин касе ки ба рисолати яке аз паёмбарон кофир шавад, ҳароина ба тамоми паёмбарон кофир шудааст.

2. Имон овардан ба ҳамаи паёмбароне, ки номҳояшон дар Қуръон омада, чун ҳазрати Муҳаммад(с), Иброҳим, Мусо, Исо, Нӯҳ алайҳимуссалом ё номашон наомада бошад, монанди он паёмбароне, ки Худованд дар Қуръон бидуни номбар карданашон ба онҳо ишора кардааст, ки мо ба ҳамаи онон ба тариқи умум имон меорем.

3. Тасдиқ намудани ахбору гуфтаҳои саҳеҳ ва дурусти паёмбарон.

4. Амал намудан ба шариъати охирин ва беҳтарин паёмбарон, ки ӯ ҳазрати Муҳаммад(с) мебошад ва Худованд ӯро ба сӯи мо фиристодааст.

### *В – ШАРҲИ КАЛИМАИ НАБӢ ВА РАСУЛ:*

Набӣ аз решаи набаъ (хабар) гирифта шуда, зеро ки паёмбар аз тарафи Худо хабар медиҳад ё аз решаи нубувват, (ки ба маънои чизи баланд аст), гирифта шудааст, зеро ки паёмбар баландтарин ва беҳтарин махлуқот мебошад. Аммо

дар истиъмоли араб набӣ ҳар марди озодро мегӯянд, ки Худованд ӯро барои расонидани паёмаш баргузидааст.

Расул дар луғат шахси пайгиркунандааст, ки ахбору аҳволи касеро таъқиб ва пайгирӣ менамояд, ки шахси мазкур ӯро ба тарафе фиристодааст. Аммо дар истеъмоли араб, расул марди озодро мегӯянд, ки Худованди таъоло аввалан ӯро бо шариъате ошно сохта, сипас ба ӯ супориш додааст, то он шариъатро ба мардуме ки аз пайравии шариъати мазкур мухолифат меварзанд, бирасонад. Вале фарқ миёни ду калимаи мазкур дар ин мебошад, ки расул хос аст ва набӣ ом, яъне ҳар расулро метавон набӣ гуфт, валекин ҳар набиро наметавон расул гуфт. Бино бар ин расул касест, ки аз тарафи Худо барояш шариъат ва дине муқаррар шуда, то онро ба мардум бирасонад. Аммо набӣ касест, ки ӯ аз тарафи Худо фиристода шуда, то шариъат ва дини паёмбари гузаштаро ба мардум бирасонад.

### *Г. СИФАТҲО ВА НИШОНАҲОИ ПАЁМБАРОН*

Яке аз сифоти паёмбарон ин аст, ки онҳо башар буда, ба он таъом ва обе ки мардум эҳтиёч доранд, ниёзманд мебошанд. Худованд фармуда:

﴿ وَمَآ أَرۡسَلۡنَا قَبۡلَكَ إِلَّا رِجَالٗا نُّوحِيٓ إِلَيۡهِمۡ ﴾

**[Ва нафиристодем, пеш аз ту магар мардоне ки барояшон ваҳӣ мефиристодем.]** ("Анбиё"7)

Ба паёмбарон низ монанди мардум олому амроз (бемориҳо) расида, чун дигар махлуқони Худо ба сари онҳо марг меояд. Аз ин рӯ эшон чизе аз хусусиятҳои рубубият ва улуҳият надоранд, балки онҳо башар буда, дорои офариниши зебо ва ахлоқи олӣ, насаби машҳур, ақли расо ва забони бурро мебошанд, ки ҳамаи ин сифатҳо онҳоро барои таҳаммули масъӯлиятҳои паёмбарӣ омода ва тайёр

месозад. Аз гуфтаҳои боло ҳикмат ва сababи башар фиристодани паёмбарон бароямон зоҳир ва ошкор гардид, зеро вақте, ки паёмбарон аз ҷинси башар фиристода шаванд, дар ин сурат онҳо метавонанд барои мардум намуна ва улгу бошанд. Аз ҳамин ҷиҳат пайравӣ ва итоъат кардани паёмбар(с) аз доираи қудрат ва тавонои мардум хориҷ нест.

Сифати дигари паёмбарон ин аст, ки Худованд онҳоро аз миёни мардум барои ваҳӣ (паёми иллоҳӣ) баргузида аст, чи тавре ки Худованди пок мефармояд:

﴿ قُلْ إِنَّمَآ أَنَا۠ بَشَرٌ مِّثْلُكُمْ يُوحَىٰٓ إِلَيَّ أَنَّمَآ إِلَٰهُكُمْ إِلَٰهٌ وَٰحِدٌ ﴾

**[Бигӯ, эй паёмбар, ҷуз ин нест, ки ман инсонам монанди шумо, ваҳӣ фиристода мешавад ба сӯи ман, ки маъбуди шумо ҳамон маъбуди яктост.]** **("Каҳф"110)**

Дар ҳақиқат Худованд эшонро аз миёни мардум ихтиёр карда, барои рисолати хеш баргузида аст, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ ٱللَّهُ أَعْلَمُ حَيْثُ يَجْعَلُ رِسَالَتَهُۥ ﴾

**[Худо донотар аст ба ҷое, ки рисолати худро (паёми худро) дар он binиҳад.]** **("Анъом"124)**

Сифати дигари паёмбарон ин аст, ки онҳо маъсум (аз маъсият ва гуноҳ пок) мебошанд. Бино бар ин ҳеҷ гоҳ эшон дар вақти расондани паёми илоҳӣ ё иҷро намудани фармонҳои Аллоҳ таъоло хато ва иштибоҳ намекунанд. Сифати дигари паёмбарон садоқат ва ростӣ мебошад, зеро ки паёмбарон дар гуфтору кирдорашон содиқ ҳастанд. Худованд мегӯяд:

﴿ هَٰذَا مَا وَعَدَ ٱلرَّحْمَٰنُ وَصَدَقَ ٱلْمُرْسَلُونَ ﴾

**[Ин ҳамон ваъдаи Худои меҳрубон аст ва паёмбарон ҳама рост гуфтанд.]** **("Ёсин"52)**

Ва сифати дигари паёмбарон сабру шикебоӣ мебошад, зеро ки паёмбарон муждадиханда ва бимдиҳанда буда, ҳамаи мардумро ба сӯи дини Худои бузург даъват мекарданд ва эшон ҳангоми даъват намудан тамоми анвоъи машаққат ва шиканҷаву азиятҳоро таҳаммул мекарданд. Худованд мефармояд:

﴿ فَٱصۡبِرۡ كَمَا صَبَرَ أُوْلُواْ ٱلۡعَزۡمِ مِنَ ٱلرُّسُلِ ﴾

**[Пас, сабр кун, эй паёмбар (с), чунончи паёмбарони олиҳиммат пеш аз ту сабр карда буданд.]** ("Аҳқоф"35)

Ва аммо аломат ва нишонҳои паёмбарон ин аст, ки Худованди бузург паёмбарони худро бо муъҷизаҳои ошкор ва хуҷатҳои қотеъ, ки ба садоқат ва ростии рисолаташон далолат мекунад, таъйид намудааст. Аз ин рӯ онҳо бо кумак ва таъйиди илоҳӣ барои исботи садоқат ва рисолаташон муъҷизаҳои фавқул одаеро нишон медиҳанд, ки дигарон аз овардани он оҷиз мебошанд.

**ШАРҲИ МӮЪҶИЗАҲОИ ПАЁМБАРОН:**

Ҳар кори фавқулъодае, ки Худованд онро ба воситаи паёмбаронаш амалӣ намояд ва дигарон аз овардан он оҷиз бошанд, муъҷиза номида мешавад. Монанди хабар додани Исо(ъ) қавмашро ба он чизе ки эшон мехурданд ва дар хонаҳояшон захира мекарданд ва монанди гардидани асои ҳазрати Мусо(ъ) мори ҷунбанда ва монанди ду қисм шудани маҳтоб бо ишораи паёмбарамон ҳазрати Муҳаммад (с).

***Д - ҲИКМАТ ВА САБАБИ ФИРИСТОДАНИ ПАЁМБАРОН***

– Худованд паёмбаронро фиристода, то барои мардум маъбуди ҳақиқӣ-ро фаҳмонда, онҳоро ба парастиши Худои ягона даъват намоянд.

– Инчунин Аллоҳ таъоло онҳоро фиристода, то дини Худоро бар по карда ва мардумро аз тафриқа намудан дар

оини хеш манъ намоянд. Худованд фармуда:

﴿ شَرَعَ لَكُم مِّنَ الدِّينِ مَا وَصَّىٰ بِهِۦ نُوحًا وَالَّذِىٓ أَوْحَيْنَآ إِلَيْكَ وَمَا وَصَّيْنَا بِهِۦٓ إِبْرَٰهِيمَ وَمُوسَىٰ وَعِيسَىٰٓ أَنْ أَقِيمُوا الدِّينَ وَلَا تَتَفَرَّقُوا فِيهِ ﴾

**[Худованд барои шумо он шаръу оинеро муқаррар кард, ки ҳазрати Нӯҳро ба он супориш карда буд ва низ бар ту он чизеро ваҳӣ кардем, ки ба он Иброҳим, Мӯсо ва Исоро суфориш намудем, ки дини Худоро барпо намоед ва дар он ихтилоф ва тафриқа накунед.] ("Шуро"13)**

– Худованд паёмбаронашро барои мужда додан ва бим додан фир истодааст, зеро ки Худованди пок мефармояд:

﴿ وَمَا نُرْسِلُ الْمُرْسَلِينَ إِلَّا مُبَشِّرِينَ وَمُنذِرِينَ ﴾

**[Ва намефиристем паёмбаронро, магар башоратдиҳанда ва бимдиҳанда.] ("Кахф"56)**

Муждадиҳӣ ва бимдиҳии паёмбарон шомили корҳои дунявӣ ва ухравии мардум мебошад, зеро ки онҳо бандагони фармонбардорро ба зиндагонии пок дар дунё башорат дода, аз азобу кайфари куфру исён варзидан бим медиҳанд. Худованд мефармояд:

﴿ مَنْ عَمِلَ صَٰلِحًا مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَىٰ وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُۥ حَيَوٰةً طَيِّبَةً ﴾

**[Касе, ки аз марду зани шумо амали нек намояд ва ӯ мӯъмин аст ҳароина барояш зиндагонии пок мебахшем.] ("Наҳл"97)**

﴿ فَإِنْ أَعْرَضُوا فَقُلْ أَنذَرْتُكُمْ صَٰعِقَةً مِّثْلَ صَٰعِقَةِ عَادٍ وَثَمُودَ ﴾

**[Пас агар рӯй гардонданд, бигӯ ба онҳо тарсонидам шуморо аз уқубате, чун уқубат ва сазои қавми Од ва Самуд.] ("Фусилат"13)**

Инчунин паёмбарон дар охират бандагони итоъаткунандаро ба комёбӣ ва ба ҷаннат мужда медиҳанд. Худованд мегӯяд:

﴿ وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ يُدْخِلْهُ جَنَّٰتٍ تَجْرِى مِن تَحْتِهَا ٱلْأَنْهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا ۚ وَذَٰلِكَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ﴾

**[Ва ҳаркӣ фармонбардорӣ кунад Худо ва расулашро, яқинан Худованд ӯро ба биҳиштҳое медарорад, ки аз зери он боғҳо наҳрҳое ҷорист, ки ӯ дар онҷо ҷовидон хоҳад зист ва ин комёбии бузург аст.]** **("Нисо"13)**

Онҳо ҳамчунин бандагони гунаҳкор ва саркашро аз азоби Худо дар охират бим медиҳанд.

**[Ва ҳар, ки нофармонӣ кунад Худо ва расулашро ва таҷовуз кунад марзҳои муқаррарнамудаи Худоро, Аллоҳ таъоло ӯро ба оташи дӯзах медарорад, дар ҳоле, ки дар онҷо ҷовид хоҳад зист ва барояш азоби расвокунанда мебошад.]** **("Нисо"14)**

Худованд паёмбаронро ба сӯи мардум фиристода, то онҳо дар одоб ва ахлоқ ва низ дар саҳеҳу дуруст ибодат карданашон Худоро барои мардум намуна бошанд. Худованд дар васфи паёмбарамон мефармояд:

﴿ لَّقَدْ كَانَ لَكُمْ فِى رَسُولِ ٱللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ لِّمَن كَانَ يَرْجُوا۟ ٱللَّهَ وَٱلْيَوْمَ ٱلْءَاخِرَ وَذَكَرَ ٱللَّهَ كَثِيرًا ﴾

**[Ҳароина ҳаст барои шумо дар шахси Паёмбари Худо(с) намунаи хуб барои касе ки умед дорад савоби Худо ва рӯзи охиратро ва ёд кунад Худоро бисёр.]** **("Аҳзоб"21)**

***Е - ИМОН ОВАРДАН БА НУБУВАТ ВА РИСОЛАТИ ҲАЗРАТИ МУҲАММАД:***

Имон меорем ба ин ки Муҳаммад(с) бандаи Худо ва паёмбараш буда, охирин ва беҳтарини паёмбарон мебошад.

Ва низ имон меорем ба ин ки воқеъан расули Худо(с) паёми илоҳиро ба мардум расонда, амонати осмониро аз души хеш сабук намуданд. Инчунин он ҷаноб(с) уматашро панду насиҳат карда, худашон низ дар роҳи Худо ҷиҳод (пайкор) намуданд.

Воҷиб аст бар мо, ки муҳаббати паёмбарро бар муҳаббати падар модар, фарзанд ва тамоми мардум тақдим намоем, яъне, аввал пеш аз ҳама бояд паёмбарамонро дӯст бидорем, чи тавре ки паёмбари Худо(с) мефармояд:

«لا يؤمن أحدكم حتى أكون أحبّ إليه من والده وولده والناس أجمعين»

**“Имони ҳеҷ яке аз шумо комил намегардад, то ин ки ман дар назди шумо аз падару модар, зану фарзанд ва ҳамаи мардум маҳбубтар бошам”** (Ин ҳадисро Бухорӣ ва Муслим ривояткардаанд.)

Маҳаббати содиқонаи паёмбар(с) пайравӣ намудан аз гуфтаҳову кардаҳояш мебошад.

Саъодати ҳақикӣ ва ҳидояти комил фақат ба пайравии он ҷаноб (с) ба даст меояд, чуноне чи Худованди пок мефармояд:

﴿ وَإِن تُطِيعُوهُ تَهْتَدُوا۟ وَمَا عَلَى ٱلرَّسُولِ إِلَّا ٱلْبَلَٰغُ ٱلْمُبِينُ ﴾

**[Ва агар аз паёмбар (с) фармонбардорӣ кунед, ҳидоят меёбед ва нест бар паёмбар магар пайёом расондани ошкоро.] ("Нур"55)**

Воҷиб аст бар мо қабул кардани тамоми шариъати паёмбар(с) ва пайравӣ намудан ва эҳтиром кардани роҳу равиши ӯ, чи тавре ки Худованди бузург фармуда:

﴿ فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّىٰ يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ
لَا يَجِدُوا۟ فِىٓ أَنفُسِهِمْ حَرَجًا مِّمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا۟ تَسْلِيمًا ﴾

**[Пас қасам ба Парвардигори ту, ки онҳо мусулмон намешаванд, то ин ки довар созанд туро дар ихтилофе, ки рух додааст дар байнашон, баъд аз он наёбанд дар дилашон тангие аз он чизе, ки ҳукм фармудӣ ва қабул кунанд хукми туро бо камоли фармон бардорӣ.]** ("Нисо"65)

Лозим аст бар мо, ки аз мухолафат ва саркашии фармони паёмбар(с) парҳез намоем, зеро ки мухолифати фармони паёмбар(с) моро ба фитна, гумроҳӣ ва азоби дарднок дучор месозад, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мегӯяд:

﴿ فَلْيَحْذَرِ الَّذِينَ يُخَالِفُونَ عَنْ أَمْرِهِ أَن تُصِيبَهُمْ فِتْنَةٌ أَوْ يُصِيبَهُمْ عَذَابٌ أَلِيمٌ ﴾

**[Пас битарсанд онон, ки хилофи ҳукми паёмбар(с) амал мекунанд,ки мабодо ба фитнаи бузург ё азоби дарднок дигар гирифтор шаванд.]** ("Нур"64)

***Ё - ВИЖАГИҲОИ РИСОЛАТИ МУҲАММАД+ (С).***

Рисолати Муҳаммадӣ аз рисолатҳои гузашта бо чанд хусусият фарқ дорад, ки баъзе аз он хусусиятҳоро бозгӯ менамоем:

﴿ مَّا كَانَ مُحَمَّدٌ أَبَا أَحَدٍ مِّن رِّجَالِكُمْ وَلَٰكِن رَّسُولَ اللَّهِ وَخَاتَمَ النَّبِيِّينَ ﴾

– Рисолати (паёми) Муҳаммадӣ охирин паёмҳои илоҳӣ буда, баъди он дигар аз тарафи Худо ба сӯи мардум ҳеҷ паёме фиристода намешавад. Худованд мегӯяд:

**[Нест Муҳаммад падари ҳеҷ касе аз мардони шумо ва лекин ӯ паёмбари Худост ва мӯҳри паёмбарон аст.]** ("Аҳзоб"40)

– Рисолоти Муҳаммадӣ паёмҳои осмонии гузаштаро лағв (бекор) намудааст, аз ин рӯ, Худованд аз ҳеҷ кас ба ҷуз пайравии паёмбар Муҳаммад(с) дигар динро қабул нахоҳад кард. Ноил шудан ба неъматҳои ҷаннат фақат тавассути паймудани роҳи он ҳазрат(с) ба даст оварда мешавад, бино бар ин паёмбар(с) беҳтарин паёмбарон ва умматаш

беҳтарин уматҳо ва шариъати ӯ комилтарин шариъатҳо ба шумор меравад. Худованди бузург мефармояд:

﴿وَمَن يَبۡتَغِ غَيۡرَ ٱلۡإِسۡلَٰمِ دِينٗا فَلَن يُقۡبَلَ مِنۡهُ وَهُوَ فِي ٱلۡأٓخِرَةِ مِنَ ٱلۡخَٰسِرِينَ﴾

**[Ва ҳар касе талаб кунад ғайри ислом дини дигарро, пас ҳаргиз аз ӯ қабул карда намешавад амалашро ва ӯ дар охират аз ҷумлаи зиёнкорон аст.]** **("Оли Имрон"85)**

Ва низ паёмбари Худо(с) мегӯяд:

«والذي نفس محمد بيده، لا يسمع بي أحد من هذه الأمة يهودي ولا نصراني ثم يموت ولم يؤمن بالذي أرسلت به إلا كان من أصحاب النار»

**“Савганд ба зоте, ки ҷони Муҳаммад ба дасти ӯст, ҳар касе аз ин уммат (аҳли китоб) хоҳ яҳудӣ бошад ё насронӣ маро шунида, ба дини ман нагаравида аз дунё даргузарад, ҳамоно шахси мазкур вориди дӯзах мегардад.”** (Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.)

– Рисолати Муҳаммадӣ ом буда, сақалайн (инсон ва ҷинро) дар бар мегирад. Худованд аз ҷинҳо ҳикоят карда мегӯяд:

﴿يَٰقَوۡمَنَآ أَجِيبُواْ دَاعِيَ ٱللَّهِ﴾

**[Эй қавми мо (ҷинҳо) иҷобат кунед даъвати Худоро.]**

**("Аҳқоф"31)**

Ва инчунин дар ҷои дигар мефармояд:

﴿وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا كَآفَّةٗ لِّلنَّاسِ بَشِيرٗا وَنَذِيرٗا﴾

**[Ва нафиристодем туро, эй паёмбар, магар барои тамоми мардум, муждадиҳанда ва тарсдиҳанда.]** **("Сабаъ"28)**

Ва низ паёмбари Худо(с) гуфтааст:

«فُضلت على الأنبياء بست: أعطيت جوامع الكلم، ونصرت بالرعب، وأحلت لي الغنائم، وجعلت لي الأرض طهوراً ومسجداً، وأرسلت إلى الخلق كافة، وختم بي النبيون»

**“Ман бар дигар паёмбарон бо шаш чизи зерин бартарӣ ва имтиёз дорам: Аввал ин, ки бароям ҷавомиъи калом (суханҳои фишурдае ки маънои зиёдро дарбар мегирад) дода шуд. Дуввум ин ки, пирӯз гардидам бар душмани худ ба сабаби хавфу тарсе, ки Худо дар дили онҳо андохт. Саввум ин ки, ғаниматҳои ҷанг бароям ҳалол гардонда шуд. Чахорум ин ки, барои ман ҳамаи замин пок ва масҷид гардонда шуд. Панҷум ин ки, банда ба сӯи ҳамаи мардум фиристода шудам, Шашум ин ки, ман хатмкунандаи нубувват (охирин паёмбари иллоҳӣ) мебошам.”**(Ба ривояти Муслим.)

***Ж - ТАЪСИРОТИ ИМОН ОВАРДАН БА ПАЁМБАРОН.***

Имон овардан ба паёмбарон таъсироти ва натоиҷи бузург дошта, баъзеяшро ба тариқи зайл баён мекунем:

1. Дарк намудани раҳмат ва эҳтимоми Худованд нисбат ба бандагонаш, зеро, ки Ӯ барояшон паёмбарон фиристода, то онҳоро ба роҳи рост ҳидоят карда, чи гуна паристидани Худоро барои онҳо низ баён намоянд, зеро, ки ақли одамӣ ба танҳои ҳамаи инро намефаҳмад. Худованди бузург дар мавриди паёмбарашон ҳазрати Муҳаммад(с) мефармояд:

﴿ وَمَآ أَرۡسَلۡنَٰكَ إِلَّا رَحۡمَةٗ لِّلۡعَٰلَمِينَ ﴾

**[Ва нафиристодем туро магар аз руи меҳрубонии мо бар ҷаҳониён.] ("Анбиё"107)**

2. Шукру сипос намудан аз Худованд бар ин неъмати бузургаш, ки дар боло зикр шуд.

3. Дӯст доштан ва эҳтиром намудани паёмбарон ва васф кардани эшон ба дин тариқа, ки онҳо ибодати Худоро ба ҷо оварда, паёми ӯро ба мардум расонда, ҳамеша бандагонашро насиҳат менамуданд.

4. Пайравӣ намудан ва итоъат кардани паёме ки Худованд онро барояшон фиристода ва амал намудан тибқи

он ки дар натиҷа паёми мазкур барои мӯъминон дар ҳаёташон хайру некбахтӣ ва ҳидоятро ба бор меорад, чи тавре ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿فَمَنِ اتَّبَعَ هُدَايَ فَلَا يَضِلُّ وَلَا يَشْقَىٰ ﴿١٢٣﴾ وَمَنْ أَعْرَضَ عَن ذِكْرِي فَإِنَّ لَهُ مَعِيشَةً ضَنكًا﴾

**[Пас ҳар касе аз ҳидояти ман пайравӣ кунад гумроҳ намешавад ва ранҷ намекашад ва ҳар касе аз ёд кардани ман** ð¢è ãàðäîíàä œàì îíî áàðîè ¢ñò çèíäàãîíèè òàíã.] **("Тоҳо"123-124)**

**ПУРСИШҲО АЗ МАВЗӮЪИ ИМОН ОВАРДАН БА ФАРИШТАГОН**

С. 1 Имон овардан ба фариштагон чӣ маъно дорад?

С. 2 Имон овардан ба фариштагон кадом чизро дарбар мегирад?

С. 3 Имон овардан ба фариштаҳо яке аз аркони имон мебошад. Барои ин гуфта далел биёред!

С. 4 Ҷумлаҳои зеринро пурра намоед: Худованд фариштагонро аз… офарида аст. Далелаш…

– Худованд барои фариштагон болҳо сохтааст. Далелаш…

– Гоҳо фаришта ба сурати марде табдил меёбад. Далелаш…

С. 5 Фариштаи муваззаф барои расондани ваҳй (паёми илоҳӣ) кист? Ва фариштаи муваззаф барои дамидан дар сур чӣ ном дорад?

С. 6 Кироmулкотибин киҳо ҳастанд? Ва фариштагони дунболкунанда чи навъ фаршитагоне ҳастанд?

С. 7 Имон овардан ба фариштагон таъсирот ва натоиҷи зиёд дорад. Чаҳор осоре аз онро бозгӯ намоед!

**ПУРСИШҲО АЗ МАВЗӮЪИ ИМОН ОВАРДАН БА КИТОБҲО**

С. 1 Маънои имон овардан ба китобҳо чист?

С. 2 Имон овардан ба китобҳо кадом чизро дарбар мегирад?

С. 3 Имон овардан ба китобҳо яке аз аркони имон мебошад. Барои ин матлаб як далел биёред!

С. 4 Яке аз фазилату бартарихои Қуръон инаст, ки ӯ фишурдаи аҳкоми илоҳиро дарбар гирифтааст. Бо овардани далел дар ин мавзӯъ равшанӣ андозед!

С. 5 Ҷумлаҳои зеринро пурра созед:

– Пайравӣ намудан аз Қуръон бар ҳама мардум воҷиб мебошад. Далелаш…

– Худованд барои нигоҳ доштани Қуръон аз сӯи қасди душманон кафолат додааст. Далелаш…

С. 6 Масъӯлияти мо дар баробари Қуръони карим чист?

С. 7 Маънои ин ҳадис, ки: "Ахлоқи Муҳаммад(с) Қуръон буд" чист?

С 8 - Оё яҳудиён ва насрониён китобҳои осмониашонро тағйир доданд? Барои ҳар посухе ки мегӯед далел биёред.

С 9 – Таъсирот ва натоиҷи имон овардан ба китобҳоро баён намоед.

**ПУРСИШҲО ДАР МАВЗӮЪИ ИМОН ОВАРДАН БА ПАЁМБАРОН**

С 1 – Аз мӯҳтоҷ будани мардум ба паёми илоҳӣ сухан гуед.

С 2 – Ин Ҷумлаҳоро пурра созед: Худованд паёмашро рӯҳ номидааст. Вақте ки рӯҳ (ҷон) набошад … ва далели ин …

С 3 – Маънои имон овардан ба паёмбарон чист?

С 4 – Имон овардан ба паёмбарон кадом чизро дарбар мегирад?

С 5 – Барои ин ки имон овардан ба паёмбарон яке аз аркони имон мебошад, далеле биёред.

С 6 – Ҷумлаҳои зеринро пурра намоед: Набӣ дар луғат … мебошад ва дар истеъмоли араб набӣ … ва расул дар луғат … мебошад ва дар истеъмоли араб…

С 7 – Фарк миёни набӣ ва расул дар чист?

С 8 – Барои ин ки паёмбарон башар (инсон) мебошанд, далеле биёред. Ва аз ҷинси башар фиристодани паёмбарон чӣ ҳикмате дорад?

С 9 – Се сифати паёмбаронро бо далелашон зикр намоед?

С 10 – Муъҷизаи паёмбарро шарҳ дода, ду намунае барои муъҷизаҳои онон биёред.

С 11 – Худованд паёмбаронро барои барпо намудани дин фиристодааст. Барои ин гуфта далеле бигӯед.

С 12 – Ин ибораро бо мисолҳо шарх диҳед: Худованд паёмбаронро барои бишорат (мужда) додан ва бим додан фиристодааст.

С 13 – Барои ҳар яке аз ҷумлаҳои зерин далел биёред.

– Воҷиб аст бар мо, ки аз ҳазрати Муҳаммад(с) пайравӣ намоем.

– Воҷиб аст бар мо, ки муҳаббати ҳазрати Муҳаммад(с) ро бар ҳамаи чиз муқаддам бидорем.

– Ҳидояти комил (ёфтани роҳи рост) фақат бо итоъат кардани паёмбари Худо(с) ба даст меояд. Хилофи фармони паёмбар(с) амал намудан инсонро ба гумроҳӣ ва азоби дарднок мубтало месозад.

С 14 – Рисолати Муҳаммадӣ охирин паёмҳои илоҳӣ мебошад. Барои ин гуфта як далел биёред.

С 15 – Оё аз яҳудиён ё насрониён дар охират динашон пазируфта мешавад?

С 16 – Ҷумлаҳои зеринро пурра созед:

Рисолати ҳазрати Муҳамад(с) умумӣ буда, барои сақалайн … мебошад. Дилили ин…

– Паёмбари Худо ҳазрати Муҳаммад(с) мефармояд: “Худованд маро бар дигар паёмбаронаш бо шаш чиз бартарӣ ва имтиёз бахшидааст…”.

С 17 – Аз таъсирот ва натоиҷи имон овардан ба паёмбарон ҳарф бизанед.

# ТАВҲИДИ СИНФИ САВУМ
# ИМОН ОВАРДАН БА РӮЗИ ҚИЁМАТ

***А – МАЪНОИ ИМОН ОВАРДАН БА РӮЗИ ҚИЁМАТ:***

Ба ин ки омадани рӯзи қиёмат хатмӣ буда, ба аломатҳои он ва ба ҳақиқатҳои зерин: монанди марг, озмоиши дар қабр, азобу роҳати он, дамидан дар сур ва баромадани тамоми махлуқот аз гур, ҷазаъуфазаъи (даҳшату воҳимаи) рӯзи растохез, кушодани номаҳои аъмол, гузоштани тарозуҳо, пули сирот, ҳавзи кавсар ва шафоъати паёмбар(с), биҳишт бо неъматҳояш, ки беҳтарини онҳо дидани рӯи ҳазрати Парвардигор мебошад, дӯзах ва азобҳои он ки сахттарин азобҳояш маҳрум шудан аз дидори Худованд мебошад, ба ҳамаи ашёи фавқуззикр тасдиқи қатъӣ намуда, имон меорем.

***Б - АҲАММИЯТ ДОДАНИ ҚУРЪОН БА ИН РУКН ВА САБАБИ АҲАММИЯТ ДОДАНАШ***

Воқеъан Қуръони карим ба рӯзи қиёмат эҳтимоми бузург додааст, зеро ки ӯ дар ҳар муносибат ва маврид ба қиёмат ишора намуда, омаданашро бо услубхои мухталифи забони арабӣ таъкид кардааст ва низ ӯ аксари вақтҳо имон овардан ба рӯзи қиёматро дар паҳлӯи имони ба Худо зикр намудааст, ки ин амр баёнгари аҳаммият диҳии Қуръон нисбати ин рӯзи бузург мебошад. Монанди ин ояти карима:

﴿ ذَٰلِكَ يُوعَظُ بِهِۦ مَن كَانَ مِنكُمۡ يُؤۡمِنُ بِٱللَّهِ وَٱلۡيَوۡمِ ٱلۡأٓخِرِۗ ﴾

**[Ба ин сухан панд гирад ҳар кас ки ба Худо ва рӯзи бозпасин имон оварда бошад.]** **("Бақара"232)**

Яке аз услубҳои гуногуни таъкид намудани Худованд қиёматро ин аст, ки Аллоҳ таъоло ин рӯзро дар Қуръон бисёр зикр намудааст, ба андозае ки ту ҳеҷ яке аз саҳифаҳои онро (Қуръон) намебинӣ, ки аз ёдовар намудани қиёмат ва баёни аҳволу ҳодисаҳои он рӯз холӣ бошад.

Инчунин, яке аз эҳтимомҳои Қуръонӣ нисбат ба ин рӯз ин аст, ки Худованд барои он номҳои зиёде гузошта аст, ки ин амр ҳам бе шакку шубҳа бар омадани рӯзи мазкур далолат мекунад, монанди *алҳокка, алвоқиъа, алқиёма.* Баъзе аз номҳои гузоштаи Худованд баёнгари ҳавлу даҳшати он рӯз мебошад, чун *ал-гошия, ат-томма, ас-соҳҳа, ал-қориъа.*

Бақияи номҳои рӯзи қиёмат дар Қуръон ба тариқи зайл баён мегардад: *явмуд-дин, явмул-ҳисоб, явмул-ҷамъ, явмул-хулуд, явмул-хуруҷ, явмул-ҳасра, явмут-танод.*

Аммо ҳикмат ва сабаби бештар аҳаммият доданаш ин мебошад, ки имон овардан ба рӯзи қиёмат дар ҳидоятёбӣ ва рӯйоварии инсон ба рафтору кирдори нек таъсири калон дорад.

Қуръони карим имон доштан ба рӯзи қиёматро дар паҳлуи амали нек зикр намуда, ҳикмату сабаби мазкурро равшан сохтааст, чунон чи ин матлаб дар оятҳои зайл мулоҳаза карда мешавад:

﴿ إِنَّمَا يَعْمُرُ مَسَٰجِدَ ٱللَّهِ مَنْ ءَامَنَ بِٱللَّهِ وَٱلْيَوْمِ ٱلْءَاخِرِ ﴾

**[Ҳароина хонаҳои Худоро касе обод мекунад, ки ӯ ба Худо ва рӯзи охират имон овардааст.]** **("Тавба"18)**

﴿ وَٱلَّذِينَ يُؤْمِنُونَ بِٱلْءَاخِرَةِ يُؤْمِنُونَ بِهِۦ وَهُمْ عَلَىٰ صَلَاتِهِمْ يُحَافِظُونَ ﴾

**[Албатта, касоне ки ба рӯзи қиёмат имон доранд, ба Қуръон ҳам имон меоранд ва эшон дар адои намозҳояшон мудовамат меварзанд.]** **("Анъом"92)**

Ва шояд ҳикмат ва сабаби бисёр аҳаммият додани Қуръон ва пайи ҳам гӯшзад карданаш ба рӯзи мазкур ин бошад, ки мардум ба сабаби майлу ҳирси зиёд ба дунё ва дӯст доштани манофиъи дунявӣ бисёртар қиёматро фаромӯш карда, аз он ғафлат меварзанд, аз ин рӯ имон овардан ба рӯзи қиёмат ва азобу роҳати он боиси коста шудани ҳирси дунё гардида, инсонро ба анҷом додани корҳои хуб таҳрик медиҳад. Худованд фармуда:

﴿يَـٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ مَا لَكُمْ إِذَا قِيلَ لَكُمُ ٱنفِرُوا۟ فِى سَبِيلِ ٱللَّهِ ٱثَّاقَلْتُمْ إِلَى ٱلْأَرْضِ ۚ أَرَضِيتُم بِٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا مِنَ ٱلْـَٔاخِرَةِ ۚ فَمَا مَتَـٰعُ ٱلْحَيَوٰةِ ٱلدُّنْيَا فِى ٱلْـَٔاخِرَةِ إِلَّا قَلِيلٌ﴾

**[Эй мусалмонон, шуморо чӣ расида, ки вақте бароятон гуфта шавад, ки бароед дар роҳи Худо, гарон шуда ба сӯи замин майл мекунед, оё розӣ шудед ба зиндагонии дунё дар ивази охират, ки яқинан матоъи зиндагонии дунё дар баробари охират магар андакест.]** ("Тавба"38)

Ҳақиқатан инсонро аз дода шудан ба дунё чизе ғайр аз имон овардан ба Худо ва ба рӯзи қиёмат боздошта наметавонад, яъне имон овардан ба ин ки, агар Худоро итоъат карда, аз ҳирси зиёди дунё чашмпӯшӣ намояд, албатта рӯзи растохез дар ивази он чашмпӯшӣ неъматҳои абадии биҳиштро (ба) даст хоҳад овард ва ӯ дар айни вақт низ бар ин имон ва бовар аст, ки саркашӣ намудан аз фармонҳои илоҳӣ аз ҷиҳати чоҳу моли ночизи дунё, бе гумон уқубат ва азоби дардноке рӯзи растохез дар пай дорад.

Вақте инсон ба рӯзи қиёмат имон меорад ба ин ҳақиқат бовар хоҳад кард, ки неъматҳои дунё бо неъматҳои охират қиёснашаванда аст ва аз тарафи дигар ҳам ҳамаи неъматҳои фонии дунё арзиши онро надорад, ки инсон аз ҷиҳати он якмартаба дар дӯзах сузонда шавад, чи расад ба ин ки ба сабаби дунёи дурӯза ҳамеша ва ҷовидона ӯро дар дӯзах азобу кайфар дода шавад, ҳамчунин ӯ яқин ва имон дорад ба ин ки он азоберо, ки инсони мусалмон дар дунё дар роҳи дини Худо таҳаммул менамояд, бо азоби охират ҳеҷ қиёс карда намешавад ва аз тарафи дигар ҳам азоби мазкур ба як ғута задан дар неъматҳои биҳишт баробар ва мусови намешавад.

***В - ОЗМОИШИ ДАР ГУР:***

***Аввалан:*** имон меорем ба ин ки марг ҳақ мебошад, Худованд фармуда:

﴿قُلْ يَتَوَفَّىٰكُم مَّلَكُ ٱلْمَوْتِ ٱلَّذِى وُكِّلَ بِكُمْ ثُمَّ إِلَىٰ رَبِّكُمْ تُرْجَعُونَ﴾

**[Бигӯ, эй паёмбар барои кофирон он малакулмавте ки гумошта шуда бар шумо рӯҳи шумо қабз хохад кард баъд азон боз ба сӯи Парвардигори хеш гардонда мешавед.]** **("Сачда"11)**

Марг як амри мулоҳиза ва эътирофшудааст, ки касе дар он ҳеҷ шакку шубҳае надорад.

***Сониян:*** имон меорем ба ин ки ҳар касе хоҳ ба марги табиъӣ ё кушта шудан ё ба навъи дигар бимирад, ҳамаи ин маргумуришхо сад дар сад тибқи аҷал (мӯҳлати) муқаррар намудаи Худо мебошад, ки вақташ буд шавад, мемурад. Худованд мефармояд:

﴿فَإِذَا جَآءَ أَجَلُهُمْ لَا يَسْتَـْٔخِرُونَ وَلَا يَسْتَقْدِمُونَ﴾

**[Пас вакте биёяд меъодашон (вақти маргашон) як соъате ҳам таъхир накунанд ва на тақдим.]** **("Аъроф"34)**

***Солисан:*** имон меорем, ба озмоиш ва имтиҳони дар қабр, ки он пурсидани банда аст аз се чиз: аввал аз Парвардигор, дуввум аз дину ойинаш, саввум аз паёмбараш. Бино бар ин Худованд дар ин ҳолат бандагони мӯъминашро бо сухани саҳеҳ устувор месозад, ки бандаи мӯъмин дар посухи фариштагони пурсанда мегӯяд, ки Парвардигори ман Аллоҳ аст ва дину оини ман Ислом, ва паёмбарам Муҳаммад(с) мебошад, вале Худованд бандагони ситамгорашро (кофирон ва мунофиқон) чунон гумроҳ месозад, ки шахси кофир дар ҷавоби он фаришта мегӯяд, намедонам ва низ шахси мунофиқ ё шаккок (шубҳакунанда) мегӯянд, ки намедонам, мардумро шунидам, ки чизе мегӯянд, ман ҳам онро гуфтам.

***Робиъан:*** Имон меорем ба азоб ва роҳати гӯр, аммо азобу кайфари он насиби кофирон ва мунофиқон мебошад. Худованд мегӯяд:

﴿ وَلَوْ تَرَىٰٓ إِذِ ٱلظَّٰلِمُونَ فِى غَمَرَٰتِ ٱلْمَوْتِ وَٱلْمَلَٰٓئِكَةُ بَاسِطُوٓا۟ أَيْدِيهِمْ أَخْرِجُوٓا۟ أَنفُسَكُمُ ٱلْيَوْمَ تُجْزَوْنَ عَذَابَ ٱلْهُونِ بِمَا كُنتُمْ تَقُولُونَ عَلَى ٱللَّهِ غَيْرَ ٱلْحَقِّ وَكُنتُمْ عَنْ ءَايَٰتِهِۦ تَسْتَكْبِرُونَ ﴾

**[Вақте золимонро дар сахтиҳои ҷон кандан бингарӣ, таъаҷҷуб ва шигифт хоҳӣ кард ва фариштагон дастони хешро дароз карда, мегӯянд: рӯҳҳои худро берун оред, имрӯз бо азобу кайфари расвокунанда ҷазо дода мешавад, аз ҷиҳати он ки шумо (дар дунё) алайҳи Худованд сухани ноҳақ мегуфтед ва ба сабаби он ки шумо аз тасдиқи оёти илоҳӣ саркашӣ мекардед.]** **("Анъом"93)**

Худованди бузург дар бораи хонадон ва қавми Фиръавн гуфтааст:

﴿ ٱلنَّارُ يُعْرَضُونَ عَلَيْهَا غُدُوًّا وَعَشِيًّا وَيَوْمَ تَقُومُ ٱلسَّاعَةُ أَدْخِلُوٓا۟ ءَالَ فِرْعَوْنَ أَشَدَّ ٱلْعَذَابِ ﴾

**[Онҳоро оташе даргирифт, ки бар он оташ пагоҳӣ ва шом ҳозир карда мешаванд ва рӯзе, ки қиёмат барпо шавад, гӯем хешони Фиръавнро, ки ба сахттарин азоб дароед.]** **("Ғофир"46)**

«فلولا أن لا تدافنوا لدعوت الله أن يسمعكم من عذاب القبر الذي أسمع منه، ثم أقبل بوجهه فقال: تعوذوا بالله من عذاب النار، قالوا: نعوذ بالله من عذاب النار، فقال تعوذوا بالله من عذاب القبر، قالوا: نعوذ بالله من عذاب القبر»

Дар "Саҳиҳи Муслим" Зайд писари Собит аз паёмбари Худо ривоят карда, ки он ҷаноб(с) фармудаанд:

**"Агар ҳамин дафн карданатон намебуд, ҳароина дуъо мекардам Худоро, ки бароятон овози азоби гурро бишнавонад, ки ман онро мешунавам, сипас паёмбар ба мардум рӯи оварда гуфт: аз азоби дӯзах ба Худо паноҳ баред! Гуфтем, ки мо ба**

**Худо аз азоби дӯзах паноҳ меҷӯем. Боз он ҳазрат(с) гуфт: аз азоби гур ба Худованд паноҳ биҷӯед! Гуфтем, ки мо аз азоби қабр ба Худо паноҳ мебарем.”**

Ва аммо неъматҳои гур, ки он барои мӯъминони ростин мебошад, Худованд дар мавридаш чунин мефармояд:

﴿إِنَّ ٱلَّذِينَ قَالُواْ رَبُّنَا ٱللَّهُ ثُمَّ ٱسۡتَقَٰمُواْ تَتَنَزَّلُ عَلَيۡهِمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ
أَلَّا تَخَافُواْ وَلَا تَحۡزَنُواْ وَأَبۡشِرُواْ بِٱلۡجَنَّةِ ٱلَّتِي كُنتُمۡ تُوعَدُونَ﴾

**[Ҳароина он касоне ки гуфтанд Паравардигори мо Худост, баъд аз он дар гуфтаи хеш устувор монданд, бар онҳо фариштагоне фурӯд меоянд, ки барояшон мегӯяд, натарсед ва андуҳ нахӯред ва ба биҳиште хушҳол шавед, ки дар дунё ба он ваъда дода мешудед.]** **("Фусилат"30)**

Ва дар ҷои дигар низ мегӯяд:

﴿فَلَوۡلَآ إِذَا بَلَغَتِ ٱلۡحُلۡقُومَ ﴿٨٣﴾ وَأَنتُمۡ حِينَئِذٖ تَنظُرُونَ ﴿٨٤﴾ وَنَحۡنُ أَقۡرَبُ إِلَيۡهِ مِنكُمۡ
وَلَٰكِن لَّا تُبۡصِرُونَ ﴿٨٥﴾ فَلَوۡلَآ إِن كُنتُمۡ غَيۡرَ مَدِينِينَ ﴿٨٦﴾ تَرۡجِعُونَهَآ إِن كُنتُمۡ
صَٰدِقِينَ ﴿٨٧﴾ فَأَمَّآ إِن كَانَ مِنَ ٱلۡمُقَرَّبِينَ ﴿٨٨﴾ فَرَوۡحٞ وَرَيۡحَانٞ وَجَنَّتُ نَعِيمٖ﴾

**[Пас, чигуна хоҳад буд ҷони инсон ба гулӯяш расад, он гоҳ шумо бар болини он мурда ҳозиред ва менигаред ва мо ба ӯ аз шумо наздиктарем ва лекин шумо маърифат ва басират надоред, агар шумо ба ҳукми илоҳӣ тан дар надиҳед, пас рӯҳро ба бадани мурда дубора бозгардонед, агар рост мегӯед. Аммо агар он мурда аз муқаррабони боргоҳи илоҳӣ бошад, пас барои ӯ роҳату осоиш ва гули хушбӯву неъмати биҳиштӣ абадист.]** **("Воқиъа"83-89)**

Бароъ бини Озиб ривоят мекунад, ки паёмбари Худо (с) фармудааст:

عن البراء بن عازب أن النبي ﷺ قال في المؤمن إذا أجاب الملكين في قبره: «ينادي منادٍ من السماء أن صدق عبدي فأفرشوه من الجنة وألبسوه من الجنة وافتحوا له باباً إلى الجنة، قال: فيأتيه من روحها وطيبها ويفسح له في قبره مد بصره»

**“Вақте ки бандаи мӯъмин дар гур ба саволҳои он ду фаришта посух гӯяд, нидокунандае аз осмон нидо хоҳад кард, ки бандаи ман рост гуфт, пас барои ӯ аз биҳишт бисот ва фарш андозед ва ӯро аз биҳишт либос пӯшонед ва барояш дарвозае ба сӯи биҳишт бикушоед. Он ҳазрат (с) боз илова карда гуфтанд, ки сипас ба бандаи мазкур шамол ва бӯи биҳишт хоҳад расид ва кабраш то охирин мавзиъе ки чашмаш ба он мерасад, тавсиъа ва паҳн карда мешавад.”**

Дар ҳақиқат аз паёмбари Худо дар мавриди азоби гур ва неъматҳои он, инчунин дар бораи пурсида шудани мурда аз ҷониби ду фаришта, ривоятҳои мутавотир (дақиқ ва аниқ) омадааст, аз ин рӯ лозим аст бар мо, ки ба воқеъияти гур ва неъматҳояш эътиқод намуда, бидуни пурсидани кайфияти он имон биорем, зеро ки ақли башарӣ аз кайфияти азоби қабр хабар надорад, чунки ӯ дар ин дунё азоби гурро надидааст читавре ки аҳволи қабр аз ҷумлаи ашёи ғайбӣ буда, ҳиссиёти инсон онро дарк карда наметавонад ва агар онро бо ҳиссиёт дарк намуда мешуд, ҳароина ҳикмат ва фоидаи имон овардан ба ғайб боқӣ намонда, инчунин ҳикмати таклифи банда (*масъул будани банда ба анҷоми вазифаҳои шаръӣ чун намоз, рӯза, ҳаҷ ва закот*) аз байн хоҳад рафт ва мардум ҳеҷ гоҳ якдигарро дафн намекарданд, чи тавре ки паёмбар(с) фармуда:

«لولا أن لا تَدافَنوا لَدعوت الله أن يسمعكم من عذاب القبر ما أسمع»

**“Агар аз дафн кардан даст намекашидед, ҳароина Худоро дуъо мекардам, ки барои шумо азоби гурро бишнавонад, ки ман онро мешунавам.”**

Азбаски дар чорпоён ҳикмати таклиф вуҷуд надорад, аз ин рӯ онҳо азоби қабрро шунида, эҳсос менамоянд.

### *Г - НИШОНАҲОИ ҚИЁМАТ:*

Воҷиб аст бар мо имон биёрем ба ин, ки қиёмат бешакку гумон омаданист ва вақти омаданашро ҷуз Худованд, касе намедонад. Худованд мегӯяд:

﴿ يَسْـَٔلُونَكَ عَنِ ٱلسَّاعَةِ أَيَّانَ مُرْسَىٰهَا ۖ قُلْ إِنَّمَا عِلْمُهَا عِندَ رَبِّى ۖ لَا يُجَلِّيهَا لِوَقْتِهَآ إِلَّا هُوَ ۚ ثَقُلَتْ فِى ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلْأَرْضِ ۚ لَا تَأْتِيكُمْ إِلَّا بَغْتَةً ۗ يَسْـَٔلُونَكَ كَأَنَّكَ حَفِىٌّ عَنْهَا ۖ قُلْ إِنَّمَا عِلْمُهَا عِندَ ٱللَّهِ وَلَٰكِنَّ أَكْثَرَ ٱلنَّاسِ لَا يَعْلَمُونَ ﴾

**[Эй Расули мо, аз ту аҳвол ва соъати рӯзи қиёматро суол хоҳанд кард, ки чи вақт он фаро хоҳад расид? Бигӯ, ки илми он дар назди Парвардигори ман аст, касе ба ҷуз ӯ он соъатро зоҳир ва равшан карда натавонад. Он соъат (шаънаш) дар осмонҳо ва замин басе сангин ва азим аст, наёяд шуморо магар ногаҳонӣ. Аз ту мепурсанд, ки гӯё ту аз он комилан огоҳӣ. Бигӯ, илми он соъат ҳақиқатан дар назди Худост, лекин аксари мардум инро намедонанд.]** **("Аъроф"187)**

Аз паёмбари Худо дар бораи аломатҳо ва шартҳои рӯзи растохез ривоятҳои фаровоне омадааст, ки он ҳазрат (с) барои рӯзи қиёмат нишонаҳои кӯчакеро номбар карда, ки аксари онҳо бар фосид шудани мардум, сар задани фитнаҳо дар миёнашон ва гумроҳ шудани онҳо аз роҳи рости Худованд далолат мекунад. Аз чумлаи нишонаҳои кӯчаки рӯзи қиёмат он нишонаву аломатҳое, ки дар ҳадиси Ҷабраил(ъ) омадааст вақте Ҷабраил паёмбар(с)-ро дар мавриди қиёмат пурон намуд, он ҳазрат(с) гуфтанд, ман ҳам

мисли ту чизе намедонам. Сипас Ҷабраил(ъ) гуфтанд: Маро аз нишонаҳои он хабар диҳед! Паёмбари Худо фармуд: *“Нишонаҳои қиёмат инаст, ки модар фармонравои худро мезояд, (духтаре мезояд, ки нисбати модараш таҳқир намуда, ӯро фармон медиҳад), инчунин одамони фақир ва пойлуч, ҳукмфармо ва сарвари мардум мешаванд.”*

أن رجلاً قال لرسول الله ﷺ : متى الساعة ؟ فقال : «إذا ضيعت الأمانة فانتظر الساعة. قال : وكيف إضاعتها؟ قال : إذا أسند الأمر لغير أهله فانتظر الساعة»

Ва низ яке аз нишонаҳои хурди рӯзи қиёмат дар ҳадиси зерин баён шудааст, ки марде аз расули Худо(с) пурсид: Рӯзи қиёмат кадом вақт меояд? Сипас, паёмбари Худо(с) дар посухаш фармуданд: **“ҳар вақте, ки амонат аз байн биравад, дар интизори қиёмат бош.” Боз он мард пурсид, чигуна амонат аз байн меравад? Паёмбар фармуд: “Ҳар вақте, ки корҳои муҳим ба шахсони нолоиқ вогузор карда шавад, пас мунтазири қиёмат бошед.”** (Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.)

Аммо нишонаҳои бузурги қиёмат он нишонаҳои мустақимест, ки ба дунболи онҳо қиёмат меояд ва он нишонаҳо чун донаҳои мӯҳраи кандашуда, пайиҳам меоянд. Дар ҳақиқат даҳ нишонае аз нишонаҳои мазкур дар ахбори саҳеҳи аз паёмбари Худо(с) омадааст, чун ҳадиси Ҳузайфа писари Усайд Ал-ғифорӣ, ки ӯ ривоят мекунад: рӯзе паёмбар(с) ба маҷлиси мо даромад, ки мо саргарми гуфтугӯ будем, он ҳазрат(с) фармуданд: дар чӣ мавзӯъе гуфтугӯ ва сӯҳбат доред? Гуфтем, ки мо дар мавриди рӯзи қиёмат гуфтугӯ дорем. Он ҳазрат фармуданд: “ҳароина қиёмат намеояд, то ин ки пеш аз он даҳ нишона ва аломатро бубинед, сипас он ҳазрат(с) онҳоро якояк номбар карданд: дуд, Даҷҷол, ҳайвони чорпо, баромадани офтоб аз мағриб, фаромадани Исо писари Марям аз осмон, баромадани Яъҷуҷу Маъҷуҷ, се хусуф яке, дар самти шарқи дунё,

дуввумӣ, дар самти ғарби дунё, саввумӣ, дар ҷазираи Араб ва охирин аломатҳои мазкур оташест, ки аз Яман забона кашида, мардумро ба маҳшаргоҳ меронад.”

Ба тариқи мисол яке аз ин аломатҳои бузургро бозгӯ менамоем, ки он баромадани Даҷҷол аст, ки ӯ манбаъи куфру гумроҳӣ ва сарчашмаи фитнаҳо ва хавфу тарс мебошад. Воқеъан, тамоми паёмбарон умматони худро аз он тарсонда, барҳазар доштаанд. Чи тавре ки онҳо Даҷҷолро барои умматонашон бо васфҳои зоҳирӣ ва даҳшатангезаш баён кардаанд, ҳамин тавр паёмбарамон Муҳаммад(с) онро барои умматонашон тавсиф намудааст.

فعن أنس قال: قال رسول الله ﷺ: « ما من نبي إلا قد أنذر أمته الأعور الكذاب، ألا إنه أعور وإن ربكم ليس بأعور، مكتوب بين عينيه ك ف ر»

Аз Анас ривоят шудааст, ки гуфт: Он ҳазрат(с) фармуданд: “Ҳеҷ паёмбаре нест магар, ки ӯ умматашро аз ин кури дуруғгӯ (Даҷҷол) тарсонда аст, огоҳ бошед ки ӯ якчашма мебошад ва ҳамоно Парвардигоратон якчашма нест, дар пешонии Даҷҷол дар миёни чашмонаш навишта шуда, кафара (*кофир шудааст*).” (Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)

عن أبي هريرة رضي الله عنه قال: قال رسول الله ﷺ: « ألا أحدثكم حديثاً عن الدجال ما حدث به نبي قومه: إنه أعور، وإنه يجيء معه بمثل الجنة والنار فالتي يقول إنها الجنة هي النار، وإني أنذركم كما أنذر به نوح قومه»

Ва низ аз Абуҳурайра ривоят шуда, ки он ҳазрат(с) фармуданд: **“Оё барои шумо дар мавриди Даҷҷол сӯҳбате накунам, ки ҳеҷ паёмбаре ба қавмашон он сӯҳбатро накарда. Ҳамоно Даҷҷол якчашма аст ва ӯ монанди биҳишт ва дӯзах чизеро меорад, пас он чизеро, ки биҳишт мегӯяд, дар воқеъ он дӯзах аст ва албатта ман шуморо аз ӯ бим медиҳам, чи тавре, ки ҳазрати Нӯҳ қавми худро бим додааст.”** (Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)

Аз фитнаи Даҷҷол наҷоту раҳоӣ ёфтан фақат ба ду тариқа муяссар мешавад: Илм ва амал.Мақсуд аз илм ин аст, ки бояд банда ба таври яқин бидонад ки Даҷҷол ҷасадест, ки чун дигар махлуқот мехӯрад ва менӯшад, бо вуҷуди ин ӯ кӯри якчашма мебошад, ки ин амр пастӣ ва нотавониашро нишон медиҳад ва дар пешонии вай кофир навишта шудааст. Аммо тариқаи дуввум,яъне амал кардан ба ин маъност, ки бояд банда дар ташаҳҳуди охири ҳар намоз(баъд аз "Ат-таҳиёт" хондан) аз фитнаи Даҷҷол ба Худои хеш паноҳ биҷӯяд ва инчунин даҳ ояте аз аввали сураи "Каҳф"-ро азёд намояд, зеро ки он ҳазрат (с) фармуда:

«من حفظ عشر آيات من أول سورة الكهف عصم من الدجال»

**"Касе, ки даҳ ояте аз аввали сураи Каҳфро ҳифз намояд, аз фитнаи Даҷҷол дар амон мебошад."** (Ба ривояти Муслим.)

***Д – ЗИНДА КАРДАН БАЪД АЗ МАРГ:***

Албатта, Қуръон, хадисхои паёмбар, ақлу фитрати солим бар имон овардан ба баъс (*зинда намудан пас аз марг*) далолат мекунанд. Аз ин рӯ, мо қатъан, имон меорем ба ин, ки Худованд мурдагонро аз гӯрҳояшон бармеангезад ва дубора рӯҳашонро ба ҷасади онҳо боз мегардонад ва мардум барои ҳузур дар пешгоҳи Парвардигори ҷаҳониён аз ҷои худ бармехезанд. Худои муттаъол мефармояд:

﴿ ثُمَّ إِنَّكُم بَعْدَ ذَٰلِكَ لَمَيِّتُونَ ﴿١٥﴾ ثُمَّ إِنَّكُمْ يَوْمَ الْقِيَامَةِ تُبْعَثُونَ ﴾

**[Ҳароина шумо пас аз ин ҳаёти дунё мемиред, сипас, яқинан дар рӯзи қиёмат боз зинда карда мешавед.]** **("Мӯъминун"15-16)**

Ва низ паёмбари Худо мегӯяд:

« يحشر الناس يوم القيامة حفاة عراة غرلاً»

«Рӯзи Растохез ҳамаи мардум дубора зинда карда мешавад, дар ҳоле ки онҳо урён, пойлуч ва хатнанокарда мебошанд».

Воқеъан, ҳамаи муслимин бар рух додани баъс иттифоқ кардаанд, зеро ки муқтазои ҳикмати илоҳӣ ин мебошад, ки Ӯ таъоло барои махлуқоти хеш вақту замонеро муқаррар намояд, то онҳоро барои корҳо ва аъмолашон ҷазо ва подош диҳад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿أَفَحَسِبْتُمْ أَنَّمَا خَلَقْنَٰكُمْ عَبَثًا وَأَنَّكُمْ إِلَيْنَا لَا تُرْجَعُونَ﴾

**[Оё пиндоштед, эй кофирон, ки мо шуморо беҳуда офаридем ва шумо ба сӯи мо боз гардонида намешавед.]** **("Мӯъминун"115)**

Ва аммо кофирону мушрикон (бутпарастон) зинда шудани пас аз маргро инкор намуда, чунин гумон карданд, ки ин амр имконпазир нест, вале беасос будани фикру гумони онҳоро, ҳам шариъат ва ҳам мантиқу ақл исбот менамояд. Инак, аз нигоҳи шаръ бубинем, ки Худованд дар ин маврид чи фармуда:

﴿زَعَمَ ٱلَّذِينَ كَفَرُوٓاْ أَن لَّن يُبْعَثُواْ ۚ قُلْ بَلَىٰ وَرَبِّى لَتُبْعَثُنَّ ثُمَّ لَتُنَبَّؤُنَّ بِمَا عَمِلْتُمْ ۚ
وَذَٰلِكَ عَلَى ٱللَّهِ يَسِيرٌ﴾

**[Кофирон пиндоштанд, ки эшон барангехта нахоҳанд шуд, бигӯ оре, қасам ба Парвардигори ман, албатта шумо дубора зинда карда мешавед, сипас, аз кирдорҳои дар дунё кардаатон, хабар дода мешавед ва ин амр дар назди иқтидори илоҳӣ саҳлу осон мебошад.]** **("Тағобун"7)**

Ва низ дар ҷои дигар мефармояд:

﴿وَقَالَ ٱلَّذِينَ كَفَرُواْ لَا تَأْتِينَا ٱلسَّاعَةُ ۖ قُلْ بَلَىٰ وَرَبِّى لَتَأْتِيَنَّكُمْ عَٰلِمِ ٱلْغَيْبِ﴾

**[Ва кофирон гуфтанд, ки қиёмат назди мо нахоҳад омад, бигӯ, ба эшон, савганд ба номи Парвардигорам, албатта он**

**Худованде, ки донандаи илми ғайб аст, бар шумо хоҳад омад.]**
**("Сабаъ"3)**

Дар ҳақиқат тамоми китобҳои осмонии дигар ба таҳаққуқ ёфтани баъс (*зинда кардани Худо мардумро пас аз марг*) иттифоқ доранд.

Вале далелҳои ақлӣ ва ҳисси баёнгарӣ ин аст, ки ҳақиқатан Худованд дар ҳамин дунё барои бандагонаш чандин бор зинда кардани мурдаҳоро нишон додааст. Барои исботи ин гуфта дар сураи "Бақара" панҷ намунае омадааст: мисоли нахусташ ин аст, ки қавми Мӯсо(ъ) ҳангоме, ки ба ӯ гӯфтанд, ки мо ҳаргиз ба ту имон намеорем, то ин ки Худоро ошкоро бубинем. Ин ҳангом Худованди бузург онҳоро бимиронд, сипас боз эшонро зинда кард. Ва дар мавриди ҳамин мавзӯъ Худованд бани Исроил (қавми Мӯсоро) хитоб карда, мегӯяд:

﴿ وَإِذْ قُلْتُمْ يَٰمُوسَىٰ لَن نُّؤْمِنَ لَكَ حَتَّىٰ نَرَى ٱللَّهَ جَهْرَةً فَأَخَذَتْكُمُ ٱلصَّٰعِقَةُ وَأَنتُمْ تَنظُرُونَ ﴿٥٥﴾ ثُمَّ بَعَثْنَٰكُم مِّنۢ بَعْدِ مَوْتِكُمْ لَعَلَّكُمْ تَشْكُرُونَ ﴾

**[Ва ба хотир оред, вақтеро, ки гуфтед: эй Мӯсо, мо ҳаргиз ба ту имон намеорем, то ин ки Худоро ошкоро бубинем, пас шуморо соъиқаи оташ даргирифт ва шумо ин ҳолатро мушоҳада мекардед, сипас шуморо пас аз марг дубора зинда намудем, шояд, ки шумо Худоро шукргузорӣ кунед.]**
**("Бақара"55-56)**

Намуна ва мисоли дувумаш достони марди кушташудае мебошад, ки бани Исроил (яҳудиён) дар бораи қотили ӯ бо ҳам ҷанҷол ва хархаша намуданд. Сипас, Худованд онҳоро амр кард, то гаверо бикушанд ва сипас он мурдаро ба он гов бизананд, то эшонро аз қотили хеш хабар диҳад. Инчунин, мисоли саввумаш достони қавме мебошад, ки онҳо аз хонаҳояшон баромада аз марг мегурехтанд, сипас Худованд эшонро дар ҷояшон миронда, баъд аз он онҳоро

дубора зинда намуд. Мисоли чаҳорум қиссаи мардест, ки аз деҳаи харобае гузар карда, зинда намудани деҳаи мазкурро аз ҷониби Худо мустаҳил ва имконнопазир шуморид, бино бар ин Худованд он мардро бимиронд, сипас баъд аз сад сол ӯро зинда кард ва аммо намунаи панҷумаш достони паррандагони Иброҳим (а) мебошад, ки Худованд онҳоро дар пеши чашми Иброҳим (а) дубора зинда сохт.

Аммо ақлу мантик аз ду ҷиҳат бар баъс далолат мекунанд:

1. Дар ҳақиқат Худованди бузург офарандаи осмонҳо ва замин ва тамоми он чи ки дар онҳост мебошад Аллоҳ таъол дар оғози офариниш осмону заминро халқ карда ва низ ба дубора офаридани олисёимазкура қодиру тавоно мебошад, Худованд мегӯяд:

﴿ وَهُوَ ٱلَّذِي يَبۡدَؤُاْ ٱلۡخَلۡقَ ثُمَّ يُعِيدُهُۥ ﴾

**[Ва Ӯ Худоеост, ки нахуст халоиқро биёфаринад, сипас дубора эшонро ба олами ҳасти бозгардонад.]** **("Рум"27)**

Худованд иддаъои касонеро, ки зинда кардани устухонҳои кӯҳнаро инкор карданд, рад намуда мегӯяд:

﴿ قُلۡ يُحۡيِيهَا ٱلَّذِيٓ أَنشَأَهَآ أَوَّلَ مَرَّةٖۖ وَهُوَ بِكُلِّ خَلۡقٍ عَلِيمٌ ﴾

**[Бигӯ эй расули мо! Зинда месозад устухонҳои куҳнаро он зоте, ки аввалин бор офарид онро ва ӯ бар ҳар навъ офариниш доност.]** **("Ёсин"79)**

2. Дар асл замин хушку мурда буда, вақте ки борон фурӯд ояд, зиндаву сарсабз гашта, дар он ҳар гуна гиёҳи зебо мерӯяд. Бино бар ин ҳамон зоте, ки бар зинда ва сарсабз кардани замини хушку беҳосил қудрат дорад, бе шакку гумон ӯ бар зинда кардани мурдагон низ қодир ва тавоност. Худованди пок дар ин маврид фармуда:

﴿وَنَزَّلْنَا مِنَ السَّمَاءِ مَاءً مُّبَارَكًا فَأَنبَتْنَا بِهِ جَنَّاتٍ وَحَبَّ الْحَصِيدِ ﴿٩﴾ وَالنَّخْلَ بَاسِقَاتٍ
لَّهَا طَلْعٌ نَّضِيدٌ ﴿١٠﴾ رِّزْقًا لِّلْعِبَادِ وَأَحْيَيْنَا بِهِ بَلْدَةً مَّيْتًا كَذَٰلِكَ الْخُرُوجُ﴾

**[Ва аз осмон оби бо баракатро фурӯд овардем, ки ба сабаби он боғҳо ва ғаладонаҳоеро руёндем, ки онро дарав мекунанд ва низ дарахтони хурмои баландро ба бор овардем, ки меваи он рӯи ҳам чида шудааст, ки тамоми инҳоро ризқу рӯзии бандагон қарор додем ва ба воситаи об замини мурдаро зинда сохтем, то мардум бидонанд, ки ҳамин тавр пас аз марг аз замин мебароянд.]** **("Қоф"9-11)**

Албатта, ҳар шахси оқил медонад, ки касе ки ба кори бузурге қодир аст, пас ӯ бешакку шубҳа ба корҳои дигар низ, қудрат ва тавоноиии бештар дорад. Вақте Худованд осмонҳо ва заминро бо ин вусъат ва азаматашон офарида бошад, пас яқинан ӯ бар дубора офаридани устухонҳои пӯсида, қодир мебошад. Худованд мефармояд:

﴿أَوَلَيْسَ الَّذِي خَلَقَ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضَ بِقَادِرٍ عَلَىٰ أَن يَخْلُقَ مِثْلَهُم ۚ بَلَىٰ وَهُوَ الْخَلَّاقُ الْعَلِيمُ﴾

**[Оё он зоте, ки осмонҳо ва заминро офарид, бар офаридани амсолашон қодир нест? Бале, ӯст офарандаи доно.]** **("Ёсин"81)**

***Е - ҲОЗИР НАМУДАН, ҲИСОБ КАРДАН, КУШОДАНИ НОМАИ АЪМОЛ***

Ва низ ба ҳозир намудан имон меорем. Вақте мардум ба назди Парвардигорашон ҳозир карда мешаванд, Худои бузург мефармояд:

﴿فَيَوْمَئِذٍ وَقَعَتِ الْوَاقِعَةُ ﴿١٥﴾ وَانشَقَّتِ السَّمَاءُ فَهِيَ يَوْمَئِذٍ وَاهِيَةٌ ﴿١٦﴾ وَالْمَلَكُ عَلَىٰ أَرْجَائِهَا ۚ وَيَحْمِلُ عَرْشَ
رَبِّكَ فَوْقَهُمْ يَوْمَئِذٍ ثَمَانِيَةٌ ﴿١٧﴾ يَوْمَئِذٍ تُعْرَضُونَ لَا تَخْفَىٰ مِنكُمْ خَافِيَةٌ﴾

**[Он гоҳ рӯзи мавъуд, он воқеъаи бузурги қиёмат воқе шавад ва осмон шикофта, суст шавад ва фариштагон дар**

**атрофи осмон (мунтазири фармони ҳақ) бошанд ва он рӯз таҳти Парвардигоратро ҳашт малак дар болои хеш мебардоранд, он рӯз шуморо ба пешгоҳи Худо ҳозир кунанд ва аз ҳоли шумо ҳеҷ сирре пинҳон намонад.]** **("Алҳоққа"15-18)**

Ва инчунин Худованди тавоно дар ҷои дигар мегӯяд:

﴿ وَعُرِضُوا عَلَىٰ رَبِّكَ صَفًّا لَّقَدْ جِئْتُمُونَا كَمَا خَلَقْنَاكُمْ أَوَّلَ مَرَّةٍ ﴾

**[Ва ҳамаи мардум ба назди Парвардигорат рӯ ба рӯ оварда шаванд, дар ҳоле ки онҳо саф кашидаанд, пас барояшон бигӯем дар ҳақиқат омадед ба пеши мо, ҳамчуноне, ки офарида будем шуморо аввалин бор.]** **("Кахф"48)**

Ва ба ҳисобу бозпурсӣ ҳам, имон меорем, зеро ки Худованд мардумро аз корҳо ва аъмолашон ҳисобу бозпурсӣ менамояд, чи тавре ки дар Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар (с) омада, ки Худованд бо бандаи мӯъминаш дар хилват ва танҳоӣ истода, бозпурсиаш менамояд, ки банда ба гуноҳони худ иқрор менамояд, аммо кофиронро бо вазн кардани некиҳо ва бадиҳояшон ҳисобу бозпурсӣ карда намешаванд, балки тамоми амалҳояшонро ба тариқи умум ҳисоб карда, барояшон хабари дақиқ дода мешавад, сипас онҳо ба кирдорҳои хеш иътироф менамоянд. Худованди бузург фармуда:

﴿ يَا أَيُّهَا الْإِنسَانُ إِنَّكَ كَادِحٌ إِلَىٰ رَبِّكَ كَدْحًا فَمُلَاقِيهِ ﴿٦﴾ فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ بِيَمِينِهِ
﴿٧﴾ فَسَوْفَ يُحَاسَبُ حِسَابًا يَسِيرًا ﴿٨﴾ وَيَنقَلِبُ إِلَىٰ أَهْلِهِ مَسْرُورًا ﴿٩﴾ وَأَمَّا مَنْ
أُوتِيَ كِتَابَهُ وَرَاءَ ظَهْرِهِ ﴿١٠﴾ فَسَوْفَ يَدْعُو ثُبُورًا ﴿١١﴾ وَيَصْلَىٰ سَعِيرًا ﴿١٢﴾ إِنَّهُ كَانَ فِي
أَهْلِهِ مَسْرُورًا ﴿١٣﴾ إِنَّهُ ظَنَّ أَن لَّن يَحُورَ ﴿١٤﴾ بَلَىٰ إِنَّ رَبَّهُ كَانَ بِهِ بَصِيرًا ﴾

**[Эй одамӣ ҳароина ту бо кӯшиши тамом то дидани Парвардигорат кор мекуни, ки бо Парвардигори хеш мулоқот хоҳӣ кард, аммо касеро, ки номаи аъмоли ӯ ба дасти росташ**

**дода шавад, пас ӯро ҳисоби осон карда мешавад ва хурсанду шодмон ба сӯи аҳлу ақрабои худ бар мегардад ва аммо касеро, ки номаи аъмоли ӯ аз паси пушташ дода шавад, пас ба ҳалоку марги худ фарёд кашида, дӯзах медарояд, албатта ӯ дар дунё дар миёни аҳлу ақрабои худ шодмону масрур буд ва низ ӯ гумон карда, ки ба сӯи Парвардигор руҷуъ нахоҳад кард, ҳароина Парвардигори ӯ ба аҳволаш биност.]** ("Иншиқоқ"6-15)

روى البخاري في صحيحه عن عائشة رضي الله عنها أن النبي ﷺ قال: «ليس أحد يحاسب يوم القيامة إلا هلك. فقلت: يا رسول الله، أليس قد قال الله تعالى: ﴿فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَٰبَهُۥ بِيَمِينِهِۦ ۝٧ فَسَوْفَ يُحَاسَبُ حِسَابًا يَسِيرًا﴾. فقال رسول الله ﷺ: «إنما ذلك العرض، وليس أحد يناقش الحساب يوم القيامة إلا عذب»

Имом Бухорӣ дар китоби «Саҳеҳ»-и худ аз ҳазрати Ойиша ривоят карда мегӯяд, ки паёмбари Худо(с) фармуда: "**Ҳеҷ касе нест, ки дар рӯзи растохез мавриди муҳосаба ва бозпурсии Худо қарор гирад**, магар он шахс ҳалок гардидааст, пас пурсидам (мегӯяд Ойиша) эй расули Худо, магар Худованди бузург дар Қуръон нагуфта: **[Аммо он касе, ки номаи аъмолаш ба дасти рости ӯ дода шавад, пас бо ӯ ҳисоби осон карда мешавад]?** Паёмбар дар посухи Оиша фармуданд: **"Ҳамоно ин мавқеъ арз (ҳозир намудани мардум дар назди Худо) мебошад ва ҳеҷ касе нест ки он рӯз ҳисобу бозпурсӣ карда шавад, магар ин ки шахси мазкур гирифтори азоб ва кайфар мегардад."**

Инчунин имон меорем ба ин ки барои ҳар инсон номаи аъмолаш дода мешавад, чун бандаи мӯъмин ба ақидаи тавҳид ва амалҳои неке ки дар номаи аъмолаш навишта шуда, бингарад, хушҳолу шодмон гардад. Худованд мегӯяд:

﴿ فَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ بِيَمِينِهِ فَيَقُولُ هَاؤُمُ اقْرَءُوا كِتَابِيَهْ (١٩) إِنِّي ظَنَنتُ أَنِّي مُلَاقٍ حِسَابِيَهْ (٢٠)
فَهُوَ فِي عِيشَةٍ رَّاضِيَةٍ (٢١) فِي جَنَّةٍ عَالِيَةٍ (٢٢) قُطُوفُهَا دَانِيَةٌ (٢٣) كُلُوا وَاشْرَبُوا هَنِيئًا
بِمَا أَسْلَفْتُمْ فِي الْأَيَّامِ الْخَالِيَةِ ﴾

**[Аммо он касе, ки номаи аъмоли ӯ ба дасти росташ дода шавад, гӯяд ки, бингаред номаи аъмоламро ва бихонед онро, ҳароина ман эътиқод кардам, ки ба ҳисоби худ баҳам хоҳем расид, пас он шахс дар биҳишти баланде бошад, ки меваи он қарибулҳусул аст (*ончунон шохаҳои дарахтони ҷаннат ҳам аст, ки инсон бидуни заҳмат мевaашро мечинад*). Гуфта шавад ба онҳо: бихӯред ва биёшомед гуворо, ин ҳама подошу неъмат ба сабаби он амалҳоест, пеш аз худ фиристода будед.]**

**("Иншиқоқ"7-8)**

Аммо ба кофиру мунофиқ ва шахси гумроҳ номаи аъмолашон аз паси пушт, ба дасти чапи онҳо дода мешавад, ки он вақт эшон орзуи марг ва ҳалокат мекунанд. Чи тавре, ки Худованди муттаъол мефармояд:

﴿ وَأَمَّا مَنْ أُوتِيَ كِتَابَهُ بِشِمَالِهِ فَيَقُولُ يَا لَيْتَنِي لَمْ أُوتَ كِتَابِيَهْ وَلَمْ أَدْرِ مَا حِسَابِيَهْ (٢٦) يَا لَيْتَهَا كَانَتِ الْقَاضِيَةَ
(٢٧) مَا أَغْنَىٰ عَنِّي مَالِيَهْ هَلَكَ عَنِّي سُلْطَانِيَهْ (٢٩) خُذُوهُ فَغُلُّوهُ (٣٠) ثُمَّ الْجَحِيمَ صَلُّوهُ ﴾

**[Аммо касе, ки номаи аъмоли ӯ ба дасти чапаш дода шавад, мегӯяд: эй, кош дода намешуд барои ман номаи аъмол, эй кош, намедонистам ҳисоби худро, эй кош, марг поёндиҳандаи кор мебуд, молу доройӣ дар ин рӯз барои ман нафъе накард, подшоҳӣ ва ҳукмравоӣ аз дасти ман рафт. Ба фариштагон гуфта мешавад, ки бигиредаш ва ба гардани ӯ тавқ занед ва боз ӯро ба оташи дӯзах дароред.]** **("Алҳоққа"19-24)**

***Ё - ТАРОЗУ ВА ПУЛИ СИРОТ:***

Ва низ ба мизон (тарозу) имон меорем. Худованди бузург мефармояд: *[Ва дар рӯзи қиёмат тарозуҳои адлро дар миён гузорем, пас ба ҳеҷ кас ҳеҷ ситаме карда намешавед. Ва*

*агар бошад он амал ҳамвазни донаи испанд, онро ҳисоб хоҳем кард ва мо ҳисобкунандаи кофием.]* Аз ҳадисҳои паёмбар бар меояд, ки тарозуи аъмол ду каффа ва пала дорад, ки онҳоро дида мешавад ва вазн кардани амалҳо баъди ҳисобу бозпурсӣ сурат мегирад, зеро ки ҳисобу бозпурсӣ маҳияти аъмоли бандагон муъаян намуда, вазн кардан баркашидан камият ва ашонро маълум месозад, то ин ки ҷазову подош мутобиқи аъмол ва кирдор бошад.

Ва низ имон меорем ба сирот, яъне пуле ки гузошта шудааст дар пушти дӯзах, то он пул роҳе ба сӯи биҳишт бошад, ҳамаи мардум бар ин пул мувофиқи аъмолашон мегузаранд. Баъзе аз онҳо ба суръати муйжа задан ва баъзеи дигар, чун барқ ва гурӯҳи дигар гӯё, шутурсавор. Идде аз мардум шитобон – шитобон гузашта, баъзеи дигар оҳиста – оҳиста ва баъзе низ хазида – хазида мегузаранд ва баъзеҳо вақти гузаштан лағжида, дар дӯзах меафтанд зеро, ки дар он пул чангакҳоест, ки мардумро аз ҷиҳати аъмоли бадашон қапида мегирад, ҳар касе ки пули мазкурро гузарад, бегумон дохили биҳишт мегардад ва зарур аст бар банда, ки бидонад, ҳар кӣ дар роҳи Худованд ки дини Ислом пайдор аст, рӯзи қиёмат бар пули мазкур низ устувор ва побарҷо мебошад ва касе ки аз роҳи рост (Ислом) дур бошад, ҳаргиз бар он пул устувор ва собитқадам намебошад. Рӯзи қиёмат дар назди пули мазкур мунофиқон аз мӯъминҳо ҷудо шуда, мӯъминон аз мунофиқон пешдастӣ карда, ба тарафи биҳишт ҳаракат мекунанд, ки мунофиқон аз онҳо ақиб монда, байни мӯъминон ва мунофиқон деворе гузошта мешавад, то мунофиқонро аз расидан ба сӯи мӯъминҳо манъ намояд.

***Ж - БИҲИШТ ВА ДӮЗАХ.***

Имон меорем ба биҳиште, ки Худованд онро барои мӯъминон омода кардааст ва имон меорем ба дӯзахе, ки Худованд онро барои кофирон тайёр кардааст, бино бар ин биҳишту дӯзах ҳарду бешакку шубҳа ҳақ мебошанд дӯзах

ҷои душманони Худо буда, биҳишт ҷои дӯстони ӯст. Худованд мегӯяд:

﴿ فَإِن لَّمْ تَفْعَلُواْ وَلَن تَفْعَلُواْ فَاتَّقُواْ النَّارَ الَّتِي وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ أُعِدَّتْ لِلْكَافِرِينَ ﴿٢٤﴾ وَبَشِّرِ الَّذِين آمَنُواْ وَعَمِلُواْ الصَّالِحَاتِ أَنَّ لَهُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي مِن تَحْتِهَا الأَنْهَارُ كُلَّمَا رُزِقُواْ مِنْهَا مِن ثَمَرَةٍ رِّزْقاً قَالُواْ هَذَا الَّذِي رُزِقْنَا مِن قَبْلُ وَأُتُواْ بِهِ مُتَشَابِهاً وَلَهُمْ فِيهَا أَزْوَاجٌ مُّطَهَّرَةٌ وَهُمْ فِيهَا خَالِدُونَ ﴾

**[Пас агар ин амалро накардед, ки ҳароина онро натавонед кард, аз он оташе, ки оташангезаш мардумони бад ва сангҳо мебошад, парҳез намоед, ки онро барои кофирон муҳайё кардем ва барои касоне, ки имон оварда, корҳои шоиста намудаанд, мужда деҳ ба ин ки яқинан барои онҳост боғҳое, ки аз зерашон наҳрҳо ҷорист. Ва рӯзӣ диҳанд онҳоро аз меваҳои биҳишт мегӯянд, ки ин монанди он меваҳоест, ки пеш аз ин (дар дунё) ба мо додаанд ва барояшон ризқу рӯзии шабеҳ ба якдигар оварда мешавад ва барои онҳост дар биҳишт занони пок ва покиза ва эшон дар он ҷо ҷовид хоҳанд зист.]** **("Бақара"24-25)**

Ҳақиқатан тавсифи биҳишту дӯзах ва васфи неъматҳои аввалӣ ва азобҳои дуввумӣ, дар ҷойҳои зиёди Қуръон паҳлӯ ба паҳлуи ҳам омадааст, ҳар вақт, ки Худо биҳиштро зикр кунад, ҳамин тавр дар паҳлуи он аз дӯзах ёде хоҳад кард ва аксари вақтҳо бандагонашро ба даромадан ба биҳишт (тавассути аъмоли некашон) тарғиб намуда, онҳоро ба сӯи биҳишт фаро мехонад. Ва низ Аллоҳ таъоло бандагонашро аз дӯзах тарсонда, онҳоро аз уфтодан дар он барҳазар медорад. Инчунин Худованди бузург аз неъматҳои биҳишт, ки онро барои дӯстонаш мухайё сохтааст, хабар дода, азобҳои дардноки дӯзахро, ки онро барои душманонаш тайёр намудааст, низ баён мекунад.

Ва мо эътиқоди қатъӣ дорем ба ин ки биҳишту дӯзах

офарида шуда, феълан ҳарду мавҷуд мебошанд. Худованд дар бораи биҳишт хабар дода, мегӯяд: *[Омода карда шуд биҳиштро барои бандагони Худотарс.]* **("Оли Имрон"133)**

Инчунин у Худованд дар мавриди дӯзах хабар дода, мегӯяд: *[Омода карда шуд дӯзахро барои кофирон.]* **("Бақара"24)**

Ва низ паёмбари акрам (с) мефармояд: **“Ҳар вақте ки яке аз шумо бимирад, ҳароина барои ӯ ҳар пагоҳу бегоҳ нишастгоҳаш нишон дода мешавад, ки агар ӯ аз аҳли биҳишт бошад, албатта нишастгоҳаш дар ҷаннат мебошад ва агар ӯ аз аҳли дӯзах бошад, пас бегумон нишастгоҳаш дар дӯзах мебошад.”**

Оятҳои Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар дар исботи мавзӯъи мазкур ниҳоят бисёр мебошад, аз ҳамин ҷиҳат аҳли суннат ва ҷамоъат бар ин иттифоқ кардаанд, ки биҳишту дӯзах махлуқ (офаридашуда) буда, ал-он вуҷуд доранд.

Ва низ имон меорем ба ин ки биҳишту дӯзах ҳеҷ гоҳ несту нобуд намешаванд. Оятҳои Қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ воқеъан бар ин ҳақиқат далолат менамоянд. Худованди бузург дар васфи биҳишт фармуда:

﴿ أُكُلُهَا دَآئِمٌ وَظِلُّهَا ﴾

**[Меваҳо ва сояҳои он ҷовид ва абадист.]** **("Раъд"35)**

Ва низ паёмбар(с) мегӯяд:

«من يدخل الجنة ينعم ولا ييأس، ويخلد ولا يموت»

**"Ҳар кас, ки ба биҳишт даромада, аз неъмат ҳояш бархурдор шавад, ҳаргиз сахтӣ ва фақрро намебинад ва ӯ дар он ҷо ҷовидона зиста, ҳаргиз нахоҳад мурд."** (Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст.)

Ва ҳамин тавр Худованд дар бораи абади будани дӯзах ва завол наёфтани он мефармояд:

﴿ وَلَهُمْ عَذَابٌ مُّقِيمٌ ﴾

**[Ва барои кофирон аст азоби доимӣ.]** **("Моида"37)**

Ҳамчунин дар ҷои дигар мефармояд:

﴿لَا يُقْضَىٰ عَلَيْهِمْ فَيَمُوتُوا وَلَا يُخَفَّفُ عَنْهُم مِّنْ عَذَابِهَا﴾

**[На оташи дӯзах ба поён расад то онҳо бимиранд ва на чизе барояшон аз азобаш тахфиф (сабук) карда шавад, то осуда шаванд.]** **("Фотир"36)**

Худоё! Мо аз ту биҳишт ва хушнудиатро масъалат менамоем ва қавлу амалеро насибамон бигардон, ки он сабаби наздик шудан ба ҷаннат ва хушнудии ту бошад ва аз хашму ғазаб ва дӯзахат ба раҳматат паноҳ бурда, аз даргоҳат масъалати онро дорем, ки моро аз ҳар гуфтор ва кирдоре, ки он боиси хашму ғазаби эзадӣ ва даромадани дӯзах гардад, нигоҳ дор!

## ИМОН ОВАРДАН БА ҚАДАР (ТАҚДИР)

### *А - МАЪНОИ ИМОН ОВАРДАН БА ҚАДАР*

Ба ин ки тамоми некӣ ва бадӣ ба ҳукм ва тақдири Худост ва ба ин, ки Худованд ҳар чизеро хоҳад мекунад ва ҳеҷ чиз бе ирода ва хости Ӯ сар намезанад ва дар ҷаҳон чизе аз тақдир ва тадбири Худованд берун нест ва ба ин ки ҳеҷ кас аз тақдиру қисмати муъайян намудаи Аллоҳ таъоло ва инчунин аз хати навишташуда дар Лавҳулмастур берун намеравад, тасдиқи қатъӣ карда, бовар менамоем. Ҳамчунин, тасдиқи қалбӣ мекунем ба ин ки Худованд халқ кунандаи ҳама корҳо ба шумули тоъат ва маъсияти бандагон аст, бо вуҷуди ин Худованд бандагонашро ба корҳои писандида амр карда ва низ аз аъмоли бад эшонро боздошта аст, дар ҳоле ки Худованд онҳоро дар амал кардан озод ва соҳибихтиёр гардондааст, бидуни ин ки онҳо ба кадом корҳое маҷбур карда шаванд, балки амалҳои мазкур тибқи қудрат ва иродаи бандагон сурат мегирад, вале Худованд ҳам холиқи онҳо ва ҳам холиқи қудрат ва иродаташон

мебошад, ҳар касеро, ки хоҳад ба ҳикмати хеш ҳидоят карда ва касеро, ки хоҳад ба ҳикмати хеш гумроҳ месозад. Худованд аз корҳои мекардагиаш пурсида намешавад, ба хилофи бандагон, ки онҳо аз амалҳо ва корҳояшон пурсида хоҳанд шуд.

Имон овардан ба тақдири Худованд яке аз аркони имон мебошад, чи тавре, ки дар посухи Муҳаммад (с) вақте, ки Ҷабраил(ъ) аз ӯ имонро пурсид, чунин омада: "**Имон ин аст, ки ту ба Худо ва фариштагон ба китобҳову паёмбаронаш ва низ ба рӯзи растохез ва ба тақдири некӣву бадӣ бигравӣ.**"

Ва низ паёмбари Худо (с) фармудааст:

وقال ﷺ: «لو أن الله ﷻ عذّب أهل سمواته وأهل أرضه لعذبهم
غير ظالم لهم، ولو رحمهم كانت رحمته لهم خيراً من أعمالهم، ولو كان
لك مثل جبل أحد ذهباً أنفقته في سبيل الله ﷻ ما قبله منك حتى تؤمن
بالقدر وتعلم أن ما أصابك لم يكن ليخطئك وأن ما أخطأك لم يكن ليصيبك
وأنك إن مت على غير هذا دخلت النار»

"Агар Худованд аҳли осмонҳо ва заминро азоб диҳад, албатта, ба онҳо зулму ситаме накардааст ва агар бар онҳо раҳмат намояд, бегумон раҳмати илоҳӣ барояшон аз амалҳояшон беҳтар аст. Ва агар ту ба андозаи кӯҳи Уҳуд тилло дошта бошӣ ва онро дар роҳи Худо сарф намоӣ, Худованд онро қабул нахоҳад кард то ин ки ту ба тақдир имон биёрӣ ва яқин дошта бошӣ ба ин ки ҳар чизе, ки туро расидааст, ҳеҷ гоҳ он чиз аз ту ҳато намехӯрд ва ҳар чизе, ки ба ту нарасида ҳеҷ гоҳ он ба ту намерасид ва агар ту бидуни ин имон ва яқин бимирӣ ба дӯзах дохил хоҳӣ шуд." **Маънои қадар ин аст, ки Аллоҳ таъоло ҳама коинотро ба илми азалӣ ва тақозои ҳикматаш андоза намуда, ба вуҷуд меорад**.

**Б. Маротиб ва мақомҳои имон овардан ба қадар**

Имон овардан ба тақдир чаҳор амрро дарбар мегирад:

1. Имон овардан ба ин ки Худованди бузург маълумоти фишурда ва муфассали ҳар чизро дониста, инчунин пеш аз офаридани мардум, тамоми ахбори ризқу рӯзӣ, гуфтору кирдор ва миқдори умрҳояшонро медонад ва низ Худои бузург тамоми ҳаракоту саканот ва чизҳои пӯшидаву ошкороашонро дониста, биҳиштӣ ва дӯзахӣ будани онҳоро

низ бо илми азалиаш иҳота бинмудааст. Худои бузург мефармояд:

﴿ هُوَ ٱللَّهُ ٱلَّذِى لَآ إِلَٰهَ إِلَّا هُوَ عَٰلِمُ ٱلْغَيْبِ وَٱلشَّهَٰدَةِ ﴾

**[Ӯст он Худой, ки ҳеҷ маъбуде ҷуз Ӯ нест ва Ӯ донандаи ниҳону ошкорост.]** **("Ҳашр"22)**

﴿ وَأَنَّ ٱللَّهَ قَدْ أَحَاطَ بِكُلِّ شَىْءٍ عِلْمًۢا ﴾

**[Ва бидонед, ки Худованд бо илми азалии хеш ҳама чизро иҳота кардааст.]** **("Талоқ"12)**

2. Имон меорем, ба ин ки Аллоҳ таъоло бо илми азалии худ тамоми муқаддарот ва руидодҳоеро, ки дар лавҳулмаҳфуз навишта шуда, медоданд. Худованд дар Қуръон мефармояд:

﴿ مَآ أَصَابَ مِن مُّصِيبَةٍ فِى ٱلْأَرْضِ وَلَا فِىٓ أَنفُسِكُمْ إِلَّا فِى كِتَٰبٍ مِّن قَبْلِ أَن نَّبْرَأَهَآ ﴾

[Он мусибате, ки дар замин ва дар ҷони шумо мерасад, ҳамоно он пеш аз офаринишаш навишта шудааст, дар китобе.] **("Ҳадид"22)**

Ва низ паёмбари Худо(с) мегӯяд:

«كتب الله مقادير الخلائق قبل أن يخلق السموات والأرض بخمسين ألف سنة»

**“Худованд қабл аз офаридани осмонҳо ба панҷоҳ сол пеш муқаддароти мардумро навиштааст.”**

3 – Имон меорем ба ин ки ҳама мавҷудот ва коинот зери нуфузи ирода ва иқтидори Аллоҳ таъоло қарор дорад, аз ин ру тамоми воқеъаҳо ба хост ва қудрати ӯ сурат мегирад, чизеро, ки Ӯ хоҳад пайдо мешавад ва чизеро, ки нахост пайдо нахоҳад шуд. Барои таъйиди ин гуфта аз оёти зерин истидлол меорем:

﴿ وَمَا تَشَاءُونَ إِلَّا أَن يَشَاءَ اللَّهُ ﴾

**[Ва намехоҳед, магар чизеро ки Худо хоста аст.]** **("Инсон"30)**

﴿ وَيَفْعَلُ اللَّهُ مَا يَشَاءُ ﴾

**[Ва Худованд чизеро, ки хоҳад мекунад.]** **("Иброҳим"27)**

4. Имон меорем ба ин, ки Худованд тамоми ашёро ба вуҷуд оварда, танҳо ӯ офаридгор буда, дигар ҳама чиз махлуқоташ мебошанд ва Худо бар ҳамаи корҳо қодиру тавоно аст. Ин матлабро далелҳои зерин, ки дар Қуръон омада, таъкид менамояд:

﴿ اللَّهُ خَالِقُ كُلِّ شَيْءٍ ﴾

**[Худованд офарандаи ҳама чиз аст.]** **("Раъд"16)**

﴿ وَخَلَقَ كُلَّ شَيْءٍ فَقَدَّرَهُ تَقْدِيرًا ﴾

**[Худованд ҳама мавҷудотро халқ карда, ба ҳикмати комил ва тақдири азалии худ ҳар чизро муъайян кардааст.]** **("Фурқон"2)**

Воҷиб аст бар мо то бидонем, ки тақдир (*муъайян намудани қисмату сарнавишти махлуқот*) ба қудрати Худованд бастагӣ дошта, ҳама чиз ба тақдири ӯ на ба хости бандагон арзи вуҷуд мекунад, вале чизеро ки Худованд барояшон хоста бошад, бешак он чиз таҳаққуқ меёбад ва кореро, ки Худованд барои бандагонаш нахоста, ҳаргиз

пайдо нахоҳад шуд, чи тавре ки лозим аст, то бидонем, ки аслан тақдир яке аз розҳои Худованд дар офариниши ашё буда, ҳатто фариштаи муқарраб ва паёмбари рисолатманд аз он хабар ва огоҳӣ надоранд.

Албатта? бандаи мӯъмин Парвардигорашро ба сифатҳое васф менамояд, ки он бар покии аллоҳтаоло аз айбу нуқсон далолат мекунад, аз ҳамин ҷиҳат Ӯ имон овардааст ба ин, ки ҳеҷ коре ё ҳодисае дар ин олам бе ҳикмат ва сабаб рух намедиҳад ва ҳар вақте, ки Ӯ дар кадом коре ҳикмати илоҳиро пай набарад, албатта ба ҷаҳлу нодонии хеш дар баробари илми фарогири Худо эътироф менамояд ва ҳеҷ гоҳ бар қисмату сарнавишти муъайян намудаи Худованд эътироз ва хурдагирӣ намекунад, зеро Аллоҳ таъоло аз корҳои кардааш дар назди касе мавриди пурсиш ва суол қарор нахоҳад гирифт.

***В - ДАР ТАРК НАМУДАНИ ФАРМОНҲОИ ХУДО МЕТАВОН АЗ ТАҚДИР ҲУҶҶАТ ОВАРД?***

Чи тавре, ки гуфтем имон овардан ба тақдир мухолифи ин нест, ки банда дар афъол ва кирдораш ирода ва хоҳиши худро дошта бошад, зеро, ки шариъат ва воқеъият ин муддаъоро исбот месозад. Агар аз дидгоҳи шариъат бубинем, ки Худованди бузург дар бораи машият (хосту ирода) мефармояд:

﴿فَمَن شَآءَ ٱتَّخَذَ إِلَىٰ رَبِّهِۦ مَـَٔابًا﴾

[Пас ҳар, ки хоҳад ба сӯи Парвардигораш бозгардад.]

**("Набаъ"39)**

Ва ҳамчунин ҳақтаъоло дар бораи қудрат ва неру фармуда:

﴿لَا يُكَلِّفُ ٱللَّهُ نَفۡسًا إِلَّا وُسۡعَهَا لَهَا مَا كَسَبَتۡ وَعَلَيۡهَا مَا ٱكۡتَسَبَتۡ﴾

**[Худованд ҳар касро ба андозаи тоқат ва нерӯяш мукаллаф менамояд. Рӯзи растохез некиҳои ҳар шахс ба суди ӯ ва бадиҳояш низ ба зиёни худи ӯст.]** **("Бақара"286)**

Воқиъият ҳам баёнгари матлаби зер аст, ки ҳар инсоне дорои ирода ва қудрати хеш мебошад, ки тавассути ҳамон ирода ва тавон ҳар кореро хоҳад анҷом медиҳад ва аз он коре ки нахоҳад даст мекашад. Миёни он чизе, ки ба ирода ва хоҳиши вай сурат гирифта, чун роҳ рафтан ва миёни он чизе, ки бидуни ирода ва хоҳиши ӯ сар мезанад, чун табларза фарқ карда метавонад, вале ирода ва хости банда баъди машият ва қудрати Аллоҳ таъоло таҳаққуқ мепазирад, зеро ки Худованд фармуда:

﴿ وَمَا تَشَآءُونَ إِلَّآ أَن يَشَآءَ ٱللَّهُ ﴾

**[Ва намехоҳед, ҷуз ончиро, ки Худо хостааст]** **("Инсон"30)**

Зеро ки олам бо тамоми мавҷудоту махлуқоташ мулки Худо мебошад, аз ин рӯ ҳеҷ чизе дар мулки Худованд бе илм ва машияташ вуҷуд надорад.

Имон овардан ба тақдир барои саркашии банда аз фармони Худо, ё барои даст заданаш ба манҳиёт ва маъсияти Худо,ҳеҷгоҳ ҳуҷҷату далел шуда наметавонад, аз ҳамин ҷиҳат агар касе барои маъсияту гуноҳ карданаш аз тақдир далелу бурҳон созад,бе гумон истидлоли ӯ аз чанд ҷиҳат ботил ва нодуруст мебошад:

«ما منكم من أحد إلا قد كتب مقعده من النار أو من الجنة» فقال رجل من القوم ألا نتكلِ يا رسول الله ؟ «قال: لا، اعملوا فكل ميسر لما خلق له»

1. Паёмбари Худо(с) мегӯяд:

**“Барои ҳар касе аз шумо ҷойгоҳе аз дӯзах ё биҳишт навишта шудааст, сипас марде аз ҳозирин гуфт: эй расули Худо(с), оё бар тақдир такя накунем? Паёмбар (с) фармуданд: на, балки амал ва кӯшиш намоед, ки ҳар инсон дар кору касбе**

**ки барои он офарида шуда, муваффақ ва комёб гардонда мешавад.”**

(Ба ривояти Бухорӣ ва Муслим.)

Аз ин рӯ паёмбари Худо(с) мардумро ба амал намудан амр карда, онҳоро аз такя кардан ба тақдир манъ намуда аст.

2. Ҳамоно Худованди таъоло бандагонашро ба корҳои шоиста супориш ва низ аз корҳои бад боздошта, бар дӯши онҳо ба андозаи тоқату тавонашон масъулиятҳо гузоштааст. Худованди бузург фармуда:

﴿ فَاتَّقُوا اللَّهَ مَا اسْتَطَعْتُمْ ﴾

**[ Эй мӯъминон, аз Худо ба қадри тавонатон битарсед.]**

**("Тағобун"16)**

Агар банда аз тарафи Худо ба анҷом додани коре маҷбур бошад, ҳароина бар души вай амалҳои тоқатфарсое гузошта мешуд, ки дигар ҳеҷ роҳи халосӣ ва растагорӣ аз он надошт,аз ин рӯ андешаи мазкур (*маҷбурияти банда бар кардани корҳо*) ботил ва беасос мебошад, бино бар ин ҳар гоҳ аз банда ба сабаби ҷаҳлу нодонӣ ё фаромушӣ ва ё маҷбурият кадом гуноҳе содир шавад, шахси мазкур аз дидгоҳи шариъат гунаҳкор шуморида намешавад, зеро ки ӯ маъзур буда, гуноҳи мазкур аз ӯ бидуни ихтиёр ва хоҳишаш сар задааст.

3 – Дар ҳақиқат тақдиру қисмат ва сарнавишти тамоми махлуқот ва мавҷудот яке аз асрори махфист, ки донистани он фақат баъд аз рух доданаш имконпазир мебошад. Банда пеш аз кардани коре тасмим мегирад,ки тасмим ва хости ӯ бидуни огоҳиаш аз тақдир ва сарнавишти муъайян намудаи Худо мебошад,бино бар ин истидлол намудани ӯ аз тақдир барои маъсият варзидан комилан ботил ва беасос мебошад. Агар шахси гунаҳкор эрод гирифта гӯяд: "*Тамоми маъсияту*

*гуноҳҳо дар қисмату сарнавишти ман ҷабран навишта шудааст."* Дар посухаш чунин гуфта мешавад, ки пеш аз даст заданат ба гуноҳ аз илми Худо чи огоҳӣ ва хабаре доштӣ!? Пас, модом ки ту аз илми ғайб ва асрори илоҳӣ, ки тақдиру қисмат ҷузъе аз он аст, огоҳӣ надорӣ ва Худованд роҳҳои неку бадро бароят равшан карда, илова бар ин туро соҳибихтиёр ва озод офаридааст, ин ҳангом агар даст ба маъсият ва гуноҳ бизанӣ,бешаку шубҳа маъсияти мазкурро худат ихтиёр кардаӣ ва инчунин онро аз тоъату бандагии Худо беҳтар шумурдаӣ. Бино бар ин сазову кайфари гуноҳонатро рӯзи қиёмат таҳаммул хоҳӣ кард.

4 – Шахсе, ки дар тарки воҷиботи илоҳӣ ва кардани гуноҳон аз тақдир ҳуҷҷату бурҳон меорад, агар касе бар ӯ ситам кунад ва молу дороияшро бигирад ё иззати нафсашро поймол намояд, сипас шахси таҷовузгар ё ғоратгар ӯро бигӯяд, ки ту ҳаргиз маро бар таҷовуз ва ғорат карданам маломату сарзаниш накун, зеро ки ситам кардану ғорат намудани ман низ тақдиру қисмати илоҳӣ буд! Шахси ситамдида ҳаргиз далелу ҳуҷҷати марди таҷовузгарро қабул намекунад, пас чӣ гуна ӯ ва бо кадом виҷдон дар аснои таҷовуз намудани дигарон бар молу мулкаш ҳуҷҷату далели эшонро рад намуда, вале худ чун ҳуқуқ ва қавонини Худовандиро поймол намояд, дарҳол аз тақдиру қисмати илоҳӣ ҳуҷҷату бурҳон сохта, хештанро дурусткор вонамуд мекунад?!

### *Г – ОСОР ВА НАТОИҶИ ИМОН БА ТАҚДИР*

Албатта, имон овардан ба тақдир рукне аз аркони имон мебошад ки инкоркунандаи он кофир мегардад, вале бешак имон овардан ба тақдиру қисмати муъайян кардаи Худо дар ҳаёти мардум натоиҷ ва таъсироти чашмрасе мегузорад, ки мо ба тариқи зайл баъзе аз онро баён хоҳем кард.

1 – Тақдир бузургтарин омилест, ки инсонро ба амал ва

кӯшиш намудан дар зиндагӣ барои ҳусули ризои Худо даъват менамояд. Имон овардан ба тақдир қавитарин ангеза барои бандаи мӯъмин мебошад, ки ӯ дар натиҷаи он бо устуворӣ ва боварии том саъю амал намуда ва низ дар корҳои бузург иқдом менамояд. Худованд мӯъминонро ба чанг задан ба васоил (*тариқа, чора*) ва асбоб (*лавозимот, шароит*) ва низ ба таваккал намудан бар Худо амр намудааст, инчунин Аллоҳ таъоло ба эшон фармуда, то имон оваранд, ба ин ки асбобу васоил фақат ба машияти илоҳӣ натиҷа медиҳад, зеро ҳамон Худованде, ки холиқи асбобу васоил аст, натиҷа ва самараи корҳоро низ ӯ меофарад.

Паймбари Худо(с) мегӯяд: "**Дар назди Худо мӯъмини нерӯмонд аз мӯъмини нотавон беҳтар ва маҳбубтар аст ва дар ҳар кадомашон хайру некӣ вуҷуд дорад. Ба он коре талош кун, ки туро фоида диҳад ва ҳамеша аз Худо ёрӣ бихоҳ ва ба аҷзу нотавонӣ тан дармадеҳ ва агар туро чизе расад, магӯ, ки агар ман ин тавр мекардам, чунин ва чунон мешуд, вале бигӯ, ки ин тақдири Худовандӣ буд ва он чизе, ки Худованд мехоҳад ҳамон мешавад, зеро ки калимаи "агар" дарвозаи васвасаи шайтонро боз менамояд**" (Ҳадиси мазкурро Эмом Муслим ривоят кардааст).

Вакте ки мусалмонҳои собиқ хостанд, то воқеъият ва авзоъи хешро бо ҷиҳод ва мубориза кардан тағйир бидиҳанд, аввалан аз тамоми асбоб ва воситаҳои ҷиҳод истифода карда, сониян ба Худои бузург таваккал намуданд ва ҳеҷ гоҳ ба ин ақида иктифо накарданд, ки Худованд пирӯзии мӯъминон ва шикасти кофиронро дар муқаддароти олам навиштааст, балки эшон аз тамоми асбоб ва васоил, чун тайёр намудани аслиҳа ва неруи ҷангӣ, шикастани суфуфи душман ва сабру устуворӣ дар майдони набард, кор бурданд,аз ҳамин ҷиҳат Худованд зафару пирӯзиро насибашон карда, ойини исломро тавассути онҳо азизу чирадаст гардонд.

2 – Таъсири дигари имон ба тақдир ин мебошад, ки инсон қадри хешро шинохта, ҳеҷ гоҳ такаббур ва гарданкашӣ намекунад, зеро ки ӯ аз донистани тақдир ва пешомади корҳо оҷиз мебошад, аз ҳамин ҷиҳат ба аҷзу нотавонии хеш эътироф намуда, доимо ба сӯи Худованд мӯҳтоҷ ва ниёзманд мебошад.

3 – Воқеъан вақте инсонро хайру некӣ расад, мағрур ва саркаш мегардад ва ҳар гоҳ, ки ба ӯ нохушӣ ва мусибат расад, ҷазаъу фазаъ карда, ғамгин мешавад, дар ин сурат танҳо имон овардан ба тақдир аст, ки инсонро аз ғурур ва саркашӣ дар вақти неъмат ва аз бесабрӣ ва андуҳгинӣ дар вақти мусибат нигоҳ медорад ва ҳар чизе ки рух дод , бегумон илми азалӣ ва тақдири илоҳӣ бар он сабқат кардааст. Яке аз бузургони гузашта мегӯяд: *"Касе ки ба тақдир нагаравад, ҳамеша зиндагиаш ногувор хоҳад буд"*.

4 – Имон овардан ба тақдир тамоми беморихои зиёдеро, ки ҷавомиъи башариро фаро гирифта ва боиси кинаву кудурат дар байни мӯъминҳо мегардад, несту нобуд мекунад, монанди марази ҳасад ва бадхоҳӣ, аз ин рӯ бандаи мӯъмин нисбати мардуме, ки Худованд барояшон неъмат ва сарват дода ҳасад наметварзад, зеро ки Худованд ба онҳо ризқу рӯзӣ дода, неъматҳои мазкурро барояшон муқаддар намудааст, бино бар ин шахси мӯъмин хуб медонад, ки хасад варзидан ба неъмат ва сарватдории дигарон як гуна эътироз ва хӯрдагирӣ ба тақдири илоҳӣ мебошад.

5 – Бешаку шубҳа имон овардан ба тақдир дар дили мӯъминон шуҷоъат ва далериро эҷод намуда,онҳоро дар бархӯрд бо мушкилот ва сахтиҳо устувор мегардонад, аз ҳамин ҷиҳат рӯҳия ва қалби мӯъмин дар майдонҳои ҷиҳод ва набард қавӣ ва устувор буда, ҳеҷ гоҳ онҳо аз марг наметарсанд, зеро ки дилҳояшон саршори ин яқин ва бовар аст, ки аҷал ва марги бандагон муқаддар ва муъайян буда, лаҳзае тақдим ва таъхир карда намешавад. Вақте ки ин ақида

дар дили мӯъминон росих ва устувор буд, онҳо ҳамеша дар майдонҳои набард алайҳи душман устувор истода, ҷиҳод ва муборизаи хешро идома медодаанд, бино бар ин тамоми маъракаҳои бузурги ҷиҳод ва набард дар асри эшон сурат гирифтааст ва ҳамаи ин нишондиҳандаи саботу устувории онҳо дар муқобили душман аст, бо вуҷуди ин ки нерӯ ва шумори душман чандин баробар аз онҳо бештар буд. Зеро ҳамаи онҳо яқини комил доштанд бар ин, ки инсон гирифтори ҳамон чизе мешавад, ки он дар тақдиру қисматаш навишта шудааст.

6 – Имон овардан ба тақдир дар дили мӯъмин ҳақоик ва вижагиҳои имониро ба вуҷуд меорад, аз ин рӯ бандаи мӯъмин ҳамеша аз Худо ёрӣ хоста, фақат бар ӯ эътимод ва таваккал менамояд. Инчунин ӯ ҳамеша ба сӯи Худо эҳсоси ниёзмандӣ карда, сабот ва устувориро аз ӯ металабад. Саховатмандӣ ҳам яке аз хислатҳои мӯъмини мазкур буда, эҳсон ва некӣ кардан ба дигаронро дӯст медорад, аз ин ҷиҳат ӯ нисбати дигарон дилсӯз буда, ҳамеша онҳоро кумаку ёрӣ менамояд.

7 – Таъсири дигари имон овардан ба тақдир ин аст, ки таблиғкунандагони дини ислом даъват ва паёми худро ошкор намуда, дар назди кофирон ва ситамгарон онро баён менамоянд ва низ дар роҳи Худо аз маломату мазаммати мардум наҳаросида, барояшон ҳақиқати имон ва муқтазиёти онро бозгӯ менамоянд, чи тавре ки онҳо (даъватгарон) аз падидаҳои куфру нифоқ ҳарф зада, мардумро аз он барҳазар медоранд.

Œ à ì ÷ ó í è í ý ø î í (*даъваткунандагони роҳи Худо*) дар назди ҳокимони ситамгар аз гуфтани сухани ҳақ ибо наметварзанд, чунки бандаи мӯъмин тамоми амалҳои мазкурро бо имони росих анҷом дода, бар Худо эътимод ва таваккал намуда, дар тамоми мушкилоти пешомада, сабр менамояд, зеро ки ӯ яқини комил дорад, ба ин ки тамоми

оҷол (маргҳо) ва арзоқ (рӯзиҳо) ба дасти Худованди яктост ва бандагон ҳарчанд қувва ва ёвар дошта бошанд, ба чизе аз он дастрасӣ надоранд.

**ПУРСИШҲО ДАР МАВЗӮЪИ ИМОН ОВАРДАН БА ҚИЁМАТ**

С 1 – Имон овардан ба рӯзи қиёмат, чӣ маъно дорад?

С 2 – Панҷ номе барои рӯзи қиёмат бигӯед.

С 3 – Аҳаммият додани Қуръон ба рӯзи қиёмат чӣ ҳикмате дорад?

С 4 – Маънои фитнаи (пурсиши) қабр чист?

С 5 – Барои вуҷуд доштани азоб ва неъматҳои қабр, як далеле биёред!

С 6 – Оё ақлҳоямон метавонад, ки кайфият ва чигунагии азоб ва неъматҳои гӯрро дарк намояд? Ҷавоби бодалел бигӯед.

С 7 – Се нишонаи хурди рӯзи қиёматро бо далелҳояшон зикр намоед.

С 8 – Шаш нишонаи бузурги рӯзи қиёматро бо далелҳояшон баён намоед.

С 9 – Се сифати Даҷҷолро номбар кунед ва роҳи халосӣ ва наҷот аз Даҷҷол дар чист?

С 10 – Барои исботи баъс (*зинда шудан пас аз марг*) як далели ҳисӣ ва як далели ақлӣ биёред.

С 11 – Маънои арз чист? Барои ин матлаб як далеле биёред.

С 12 – Оё миёни арз ва ҳисоби осон фарқе ҳаст? Дар ин маврид посухи равшан бо ҳуҷҷату далелаш бигӯед.

С 13 – Амалҳои мардумро кадом вақт вазн карда мешавад? Барои вуҷуд доштани мизон ва тарозуи илоҳӣ далел биёред.

С 14 – Ҷумлаи зеринро пурра намоед:

– Пули сирот ин … ва ҳар кас ки дар дунё дар роҳи Худо (ислом) побарҷо ва устувор бошад…

С 15 – Барои вуҷуд доштани биҳишт ва дӯзах ҳуҷҷат ва бурҳон биёред!

С 16 – Барои несту фонӣ нашудани биҳишт ва дӯзах, ҳуҷҷату далел биёред!

**ПУРСИШҲО ДАР МАВЗӮЪИ ИМОН ОВАРДАН БА ТАҚДИР**

С 1 – Имон овардан ба тақдир чӣ маъно дорад?

С 2 – Мафҳуми тақдирро шарҳ дода, барои аҳамият доштани имон ба он дар ҳаёти инсон, далелу бурҳон биёред.

С 3 – Аз мақомот ва ҷузъиёти имон овардан ба тақдир, албатта, бо зикр намудани далелҳо суҳбат намоед.

С 4 – Шариъат ва воқеъият баёнгари ин аст, ки инсон ихтиёр ва интихоби ҳар корро дар дасти худ дорад, ҳуҷҷат ва адилаи ҳарду тарафро (шариъат, воқеъият) дар бораи мавзӯъи мазкур, бозгӯ намоед.

С 5 – Се далеле биёред, ки бе асос будани сухани ононеро исбот кунад, ки барои маъсияту гуноҳ карданашон аз тақдиру қисмат ҳуҷҷат оварда мегӯянд, ки ин ҳам (гуноҳ), тақдири Худост.

С 6 – Аз панҷ таъсирот ва натоиҷи имон овардан ба тақдир ҳарф бизанед!

# МУНДАРИҶА


Тавзиҳоти умӯми ........................................................................ 3
Тавҳид барои синфи аввал ........................................................ 4
Тавҳид барои синфи дуввум ....................................................... 7
Тавҳид барои синфи саввум ....................................................... 10
Тавҳид барои синфи чаҳорум ...................................................... 13
Тавҳид барои синфи панчум ....................................................... 17
Анвоъи тавҳид .............................................................................. 17
Нишонаи шахсони комёб ............................................................ 20
Тавҳид барои синфи шашум ....................................................... 22
Амалҳои мухолифи тавҳид ......................................................... 22
Имон овардан ба рӯзи қиёмат .................................................... 24
Тавсияҳои умӯмӣ ........................................................................ 28
Тавҳиди синфи якум барои марҳалаи омузиши миёна ................ 29
Муқаддимае барои шинохти ақидаи исломӣ ва аҳаммияти он дар ҳаёт. ........................................................................ 29
Аҳаммияти ақидаи исломӣ .......................................................... 30
Пурсишҳо аз муқаддимаи китоб ва аз мавзӯъҳои имон овардан ба вуҷуди Худо ва ба рубубияти Худо ................................. 48
Пурсишҳо аз мавзӯъи имон овардан ба улуҳияти Худованди таъоло ..
Пурсишҳо аз мавзӯъи имон овардан ба номҳо ва сифоти Аллоҳ таъоло ..........................................................................................
Тавҳиди синфи дувум ................................................................... 51
Имон овардан ба фариштагон ......................................................
Имон овардан ба китобҳо .............................................................
Имон овардан ба паёмбарон .........................................................
Пурсишҳо аз мавзӯъи имон ба фариштагон ...............................
Пурсишҳо аз мавзӯъи имон имон ба китобҳо ............................
Пурсишҳо аз мавзӯъи имон ба паёмбарон ..................................
Тавҳиди синфи савум ................................................................... 74
Имон овардан ба рӯзи қиёмат ......................................................
Имон овардан ба тақдир ...............................................................
Пурсишҳо аз мавзӯъи имон овардан ба рӯзи қиёмат ...................
Пурсишҳо аз мавзӯъи имон овардан ба тақдир ...........................
Мундариҷа ..................................................................................... 107